Лоиҳаи

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "___" _________соли 2016, №___
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

МУНДАРИҶА


РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ.......... 2
МУҚАДДИМА.......... 3
БОБИ 1. КОМЁБИҲО ВА ПАЙВАНДИ РУШД.......... 10
1.1. БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020: МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ, ПАЙВАНД ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН 10
1.2. БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020 ДАР ДОИРАИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД - 2030 14
1.2.1. Дар роҳи модели нави рушд 14
1.2.2. Вариантҳои сенариявии БМР 2016-2020 17
1.2.3. Ҳадаф ва афзалиятҳои БМР 2016-2020 20
БОБИ 2. ТАҲКИМИ НЕРУИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ.......... 21
2.1. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ 21
2.2. БЕҲТАР НАМУДАНИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ВА ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ 29
2.3. ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ (ШДБХ) 34
БОБИ 3. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКӢ ВА ГУНОГУНШАКЛИИ ЗАХИРАВУ ИҚТИДОРҲОИ БАХШИ ВОҚЕӢ ВА ҚОБИЛИЯТИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ.......... 38
3.1. СОҲАИ САНОАТ 38
3.2. БАХШИ АГРАРӢ: АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ТАЪМИНИ ДАСТРАСӢ БА ҒИЗОИ ХУШСИФАТ 42
3.3. КОМПЛЕКСИ СӮЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ 47
3.4. ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ 54
3.5. БАХШИ МОЛИЯВӢ 57
3.6. БАХШИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ 62
БОБИ 4. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ИҶТИМОӢ.......... 66
4.1. ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ 66
4.2. ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ 69
4.3. МАОРИФ ВА ИЛМ 73
4.4. ТАНДУРУСТӢ ВА ДАРОЗУМРӢ 73
4.5. ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ 90
4.6. ФАРҲАНГ 95
4.7. МУҲИТ БАРОИ ЗИСТ 99
4.8. КОҲИШ ДОДАНИ НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ 105
БОБИ 5. РУШДИ МАҶМӮИИ МИНТАҚАҲОИ КИШВАР.......... 109
БОБИ 6. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА.......... 113
6.1. САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА 113
6.2. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ 114

ЗАМИМАИ 1. МАТРИТСАИ АМАЛИЁТ
ЗАМИМАИ 2. ИНДИКАТОРҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ
ЗАМИМАИ 3. ИНДЕКСҲОИ БАЙНИСОҲАВӢ ВА МУҚОИСАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ААИ | - Андоз аз арзиши иловашуда |
| АОМО | - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АИҶТ | - Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АКТ | - Ассотсиатсия кордиҳандагони Тоҷикистон |
| АСИТ | - Ассотсиатсияи соҳибкории инноватсионӣ ва технологӣ |
| АСМС | - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия, нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АХД | - Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АХШ | - Агентии хусусии шуғл |
| АЭС | - Арзёбии экологии стратегӣ |
| БАТР | - Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд |
| БВИ | - Бахши воқеии иқтисодиёт |
| БҒС | - Бемориҳои ғайрисироатӣ |
| БДС | - Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| БМР | - Барномаи миёнамуҳлати рушд |
| БМТ | - Бонки миллии Тоҷикистон |
| БРСММ | - Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРХ | - Бонки рушди Хитой |
| БУО | - Барномаи Умумиҷаҳонии Озуқаворӣ |
| БХ | - Бахши хусусӣ |
| ВА | - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАО | - Воситаҳои ахбори омма |
| ВКИШ | - Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКДО | - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКХО | - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМАО | - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМКБ | - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ВМ | - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМЕҲ | - Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНАҚ | - Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНМО | - Вируси норасоии масунияти одам |

| | |
|---|---|
| ВНМО/БПНМ | - Вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният |
| ВРИС | - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВСАН | - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТАН | - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВФАР | - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВҲМ | - Воситаҳои ҳосилавии молиявӣ |
| ВЭНЕ | - Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДИД | - Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДИПҶТ | - Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИДМ | - Иттиҳодияи давлатҳои мустақил |
| ИНГ | - Индекси Нобаробарии гендерӣ |
| ИРГ | - Индекси рушди гендерӣ |
| ИРИ | - Индекси рушди инсонӣ |
| КА | - Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАС | - Комплекси агросаноатӣ |
| КАТС | - Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КВД | - Корхонаи воҳидии давлатӣ |
| КГ | - Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДИЗ | - Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДСА | - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КИТТЛ | - Корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашӣ |
| ККЗО | - Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КМВС | - Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶВС | - Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲМЗ | - Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| КҲФМ | - Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КРМ | - Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷукмҳурии Тоҷикистон |
| КСЭ | - Комплекси сузишворию энергетикӣ |
| КТВР | - Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МБГ | - Маркази барқию гармидиҳӣ |
| МБН | - Манбаъҳои барқароршавандаи неру |
| МБЭ | - Манбаи барқароркунандаи энергетикӣ |
| МваА | - Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИМХД | - Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ММД | - Маҷмӯӣ маҳсулоти дохилӣ |
| МНМО | - Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МОИ | - Минтақаҳои озоди иқтисодӣ |
| МТО | - Муассисаҳои таҳсилоти олӣ |
| МТС | - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МЭС | - Маркази эпидемологию санитарӣ |
| НБЭ | - Низоми барқии энергетикӣ |
| НБО | - Неругоҳи барқии обӣ |
| НБОХ | - Неругоҳи барқии обии хурд |
| НТҶ | - Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ |
| ПГ | - Прокуратураи генералӣ |
| ПҲ | - Палатаи ҳисобӣ |
| ПСС | - Палатаи савдо ва саноат |
| ПХОТ | - Паст намудани хавфи офатҳои табиӣ |
| РОТ | - Роҳи оҳани Тоҷикистон |
| СББСНА | - Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии аҳолӣ |
| СИМД | - Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ |
| СМР | - Стратегияи рушди миллӣ |
| СМР-2015 | - Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СМР-2030 | - Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СМХ | - Сармояи мустақими хориҷӣ |
| СПСК | - Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| СРБМ | - Стратегияи рушди бозори меҳнат |

| | |
|---|---|
| СТ | - Сохтори тиҷорат |
| СТАҶ | - Сироятёбӣ тавассути алоқаҳои ҷинсӣ |
| СУС | - Созмони умумиҷаҳонии савдо |
| СХМ | - Соҳибкории хурду миёна |
| ТБ | - Ташкилотиҳои байналхалқӣ |
| ТБМ | - Ташкилоти Байналмилалии меҳнат |
| ТИК | - Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ |
| ТИТК | - Тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ |
| ТҚХ | - Ташкилоти қарздиҳии хурд |
| ТҶШ | - Ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| ТТМХ | - Тасниф ва тамғагузорӣ маводи кимиёвӣ |
| ФДС | - Фонди дастгирии соҳибкорӣ |
| ФМИКТ | - Федератсияи мустақили иттифоқи касабаи Тоҷикистон |
| ХА | - Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХБА | - Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| ХГ | - Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХЗИ | - Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХИБ | - Хатҳои интиқоли барқ |
| ХМ ВМЕҲ | - Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХМК | - Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| ХНДСЭ | - Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидомологӣ |
| ҲҶТ | - Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲМЗ | - Ҳифзи муҳити зист |
| ҲРҲ | - Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ҲРУ | - Ҳадафҳои рушди устувор |
| ҲСИ | - Ҳайати саноатию истеҳсолӣ |
| ҶСК “БФОМ” | - ҶСК “Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ” |
| ҶСК | - Ҷамъияти саҳомии шакли кушода |
| ҶТ | - Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШАНО | - Шабакаҳои алоқаи нахию-оптикӣ |
| ШБ | - Шабакаҳои барқӣ |
| ШБГ | - Шабакаи барқии гармидиҳӣ |
| ШДБХ | - Шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| ШММК | - Шӯрои миллӣ оид ба муқовимати коррупсия |

| | |
|---|---|
| ШР | - Шарикони рушд |
| ШСХК | - Ширкати саҳомии холдингии кушода |
| ADB | - Бонки Осиёгии Рушд |
| AKDN | - Шабакаи рушди Оғохон |
| CEKO | - Котиботи швейсариягӣ оид ба фаъолияти иқтисодӣ |
| DFID | - Департаменти байналмилалии рушди Британияи Кабир |
| EC | - Комиссияи аврупоӣ |
| FAO | - Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ |
| GIZ | - Агентии олмонӣ оид ба ҳамкориҳои техникӣ |
| IDB | - Бонки Исломии Рушд |
| IFC | - Гуурӯҳи байналмиллалии молиявӣ |
| IPO | - Ҷойгиркунии нахустини саҳмияҳо |
| JICA | - Агентии Ҷопон оид ба рушди байналмилалӣ |
| KfW | - Бонки Рушди Олмон |
| SDC | - Агентии Швейтсария оид ба рушди байналмилалӣ |
| SIDA | - Агентии Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ ва рушди байналмилалӣ |
| UNFPA | - Хазинаи нуфузи СММ |
| UNICEF | - Хазинаи кӯдакони СММ |
| USAID | - Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |
| WB | - Бонки Умумиҷаҳонӣ |
| WHO | - Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ |

# МУҚАДДИМА

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 -2016 баён намуд, ки баланд бардоштани самаранокии истифодаи боигарии кишвар, ки дар сармояи инсонӣ, табиӣ ва моддӣ муаррифӣ мегардад, ҳамчун самти афзалиятноки амалҳо дар стратегияю барномаҳои давлатии рушд барои давраи то соли 2030 маҳсуб мегардад.

Ақидаҳои рушди минбаъда - превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионӣ, ки дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (СМР-2030) нишон дода шудаанд, самтҳои рушди ояндаи кишварро дар шароити таъсири бевоситаи омилҳои дохилию беруна инъикос менамоянд. Тағйирёбии шиддатноки тамоюли геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳони муосир, ки тайи солҳои охир пастравии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёти кишварҳои шарикони тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасад, гузариши хоҷагидории ҷаҳонӣ ба сохтори нави технологӣ, инчунин боқӣ мондани мушкилот дар давраи тағйирпазирӣ, аз андешидани тадбирҳои муассир барои таъмини амнияти миллии мамлакат дарак медиҳад. Дар ин шароити мураккаб, рушди устувору ба моддиёт асосёфтаи бехатарии кишвар метавонад танҳо неруи инсонӣ ва иқтидори иқтисодӣ бошад.

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии муайяннамудаи роҳбарияти сиёсии кишвар нигаронида мешавад:

- гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши неруи барқ;
- аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан;
- таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
- вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Бе татбиқи ин ҳадафҳо ноил гардидани мамлакат ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар иҷлосияи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар моҳи сентябри соли 2015 маъқул дониста шуда буданд, раванди ниҳоят душвор хоҳад буд.

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (минбаъд БМР 2016-2020) ҳадаф, афзалият, вазифа ва самтҳои амалҳоро ҷиҳати гузариш ба модели нави сифатноки рушди иқтисодӣ муайян менамояд. Асоси онро механизмҳои самараноки институтсионалӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҷалби бештари сармоя ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор; ҳавасмандгардонии рақобат ва гирифтани донишҳои нав; тавсеаи истеҳсоли молу хизматрасониҳои ба содирот ва таъмини воридотивазкунӣ равонагардида; мақсаднок коҳиш додани вобастагии кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат ба васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ имконият медиҳанд.

Ҳадафи банақшагирии индикативӣ, ки зимни таҳияи БМР 2016-2020 ба асос гирифта шудааст, ворид намудани тағйироти мураттаб ва консептуалӣ

ба низоми ҳуқуқии миллӣ мебошад, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидаанд. Барои ноил гаштан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли як қатор масъалаҳо зарур аст. Дар қатори онҳо дастгирии суръати баланди устувори рушди иқтисодӣ ва сифати нави он дар заминаи инкишофи босуръати малакаҳои касбӣ, дониш ва технологияҳо; модернизатсия ва диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ; ташаккули низоми динамикии рушди давлатӣ ва маҳаллӣ; коҳиш додани осебпазирӣ аз омилҳои беруна лозим мебошад.

Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо таҳияи БМР 2016-2020-ро ба роҳ монда шудаанд, инҳо мебошанд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2016 баён шудаанд. БМР 2016-2020 ҳамчунин уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи Рӯзномаи асри XXI ва ҲРУ ба инобат мегирад.

## БОБИ 1. КОМЁБИҲО ВА *ПАЙВАНДИ РУШД*

### 1.1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020: муқаррароти умумӣ, пайванд ва хусусиятҳои он

БМР 2016-2020 ҳадафи гузариш ба модели нави рушди иқтисодиро пайгирӣ менамояд. Татбиқи Барномаи мазкур ба мутавозинии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувор такя карда, ба таъмини амнияти милливу иҷтимоӣ, идоракунии самарабахш ва демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, рушди иқтисодии босуботу боадолат ва суботи экологӣ асос меёбад. Марҳилаи нави рушд ба афзоиши ҳиссаи шуғли расмӣ ва бахши ба қайд гирифташудаи иқтисодиёт мусоидат менамояд, ки ин дар навбати худ барои густариши пояи даромади буҷети давлатӣ замина мегузорад. Самтҳои калидии ислоҳоти сохтории ин марҳилаи рушд бояд аз таъмини дастрасии мунтазаму бефосилаи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор ба захираҳои энергетикӣ, бартараф намудани сатҳи пасти худкифоии ғизо, тараққиёти маҷмӯии минтақаҳои кишвар ва ташаккули низоми дастрасии баробар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ иборат бошанд.

Таъсири ҷиддии омилҳои беруна ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои нигоҳ доштани суръати нисбатан баланду устувори рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини динамикаи мусбати рушди индустриалӣ – инноватсиониро дар ин марҳила ба мадди аввал мебарорад.

Таҳияи БМР 2016-2020 ба дурнамои: 1. Сатҳи таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ; 2. Суръати зарурии рушди иқтисодӣ; 3. Таносубҳои иқтисоди миллиро ташаккулдиҳанда; 4. Самтҳои афзалиятнок ва самаранокии сармоягузориҳои асосӣ; 5. Самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникии давлатӣ; 6. Сатҳи миёнаи зиндагии аҳолии шаҳр ва деҳот; 7. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва суботи экологӣ; 8. *Нишондиҳандаҳои* асосии рушди устувор; 9. Саҳми бахши хусусӣ дар пешрафти иқтисоди миллӣ; 10. Рушди мутавозини минтақаҳои кишвар асос ёфтааст.

БМР 2016-2020 маҷмӯи чорабиниҳои ба ҳам алоқамандест, ки вазифаҳо, захираҳо ва мухлатҳои иҷрои ба ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, индустриалӣ – инноватсионӣ, экологӣ ва фарҳангии мамлакат дар 5 соли наздик равонагардидаро муттаҳид месозад. Рисолати асосии БМР 2016-2020 таъмини ягонагиву ҳамоҳангсозии барномаҳои соҳавию минтақавии рушди миёнамуҳлат ва мутобиқати онҳо бо СМР-2030 ва дигар санадҳои барномавии Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кофии банақшагирии миёнамуҳлат андӯхта шудааст. Ду стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПКСК 2007-2009 ва 2010-2012) ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (СБСНМТ) амалӣ гардидаанд. Дар БМР 2016-2020 на танҳо сабақҳо аз амалӣ намудани СБСНМТ, балки стратегияҳои миёнамуҳлати пешина ва ҳамчунин иҷрои онҳо дар ҷараёни амалӣ намудани Стратегияи миллии дарозмуҳлати рушд то соли 2015 ба назар гирифта шудаанд.

Дар БМР 2016-2020 ду муносибати нави консептуалӣ ба асос гирифта шудааст, ки аз барномаҳои миёнамуҳлати қаблан таҳия ва амалигардида усулан фарқ мекунанд. Ин пеш аз ҳама, методологияи нави таҳияи Барнома мебошад, ки дар ҳамгироии муносибати институтсионалӣ бо имкониятҳои барномарезии макроиқтисодӣ ифода меёбад. Баъдан, БМР 2016-2020 давраи панҷсола ва на як, балки ду силсилаи буҷетиро фаро мегирад ва ин имконият медиҳад, ки амалҳо баислоҳоти сохторӣ равона карда шаванд.

**Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодии татбиқи стратегияи миёнамуҳлати пешина**

Солҳои охир сатҳи камбизоатӣ тамоюли дақиқи паст шуданро дошта, соли 2015 31 фоизро ташкил дод. Чунин омилҳо, ба монанди суръати баланди рушди иқтисодӣ ва афзоиши хароҷот ба бахши иҷтимоӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбати худро гузоштанд. Сатҳи камбизоатӣ ҳанӯз ҳам баланд буда, камбизоатӣ хусусияти гуногунҷанба дорад. Пастшавии мунтазами сатҳи фавти кӯдакону модарон ба назар мерасад. Нишондиҳандаҳои мазкур ба идома ёфтани тамоюли беҳтар гардидани ҳолати демографӣ ва вазъи саломатии аҳолӣ мусоидат намуданд ва дар натиҷа нишондиҳандаи миёнаи дарозумрии аҳолӣ ба 73,5 сол баробар шуд. Ҳамзамон, тамоюлҳои дар бахши тандурустӣ шаклгирифта ҳанӯз ноустувору пурихтилоф боқӣ мемонанд, ки ин бо сифати нисбатан пасти хизматрасонии тиббӣ, маблағгузории нокифояи бахши тандурустӣ ва сатҳи баланди камбизоатӣ дар минтақаҳо алоқаманд аст. Дар самти мубориза бо касалиҳои сироятӣ комёбиҳои назаррасе ба даст омадаанд. Динамикаи бемории сил ва вараҷа тамоюли устувори коҳишёбӣ дорад. Аммо динамикаи коҳишёбии фавт аз бемории сил устувор ба назар намерасад.

Тоҷикистон тадриҷан ба фарогирии пурра бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи нопурра (синфҳои 1-9, аз 7-сола то 15-сола) наздик шуда истодааст. Вале дар сатҳи таҳсилоти миёнаи пурра ба 90 фоиз нарасидааст, зимнан динамикаи афзоиши ин нишондиҳанда хусусияти мусбат дорад. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи паст қарор дошта, соли 2015 ҳамагӣ 12 фоизро ташкил дод. Мушкил будани дастрасии таҳсилоти томактабӣ, ба таҳсилоти комили томактабӣ ва мактабӣ дастрасӣ надоштани кӯдакони категорияи махсус (кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, кӯдакони муҳоҷирон, гурезагон, кӯдакони бепарастор, духтарони синфҳои болоӣ) мушоҳида мегардад. Набудани заминаи дастрасу босифати маводи таълимӣ ҳамчун мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад.

Дар доираи СМР-2015 ва СБСНМТ таъмини суботи экологӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати Ҳукумат муқаррар гардида буд, аммо суботи экологӣ дар кишвар ҳанӯз пурра таъмин нагардидааст. Ҳамин тариқ, технологияҳои истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия (ба истиснои гидроэнергия) бо сабаби набудани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар сатҳи ибтидоии рушд қарор дошта, бо манбаҳои анъанавии энергия рақобат карда наметавонанд. Низоми мониторинг барои баҳисобгирии нишондиҳандаҳои миқдориву сифатии гуногунии биологӣ мавҷуд нест. Инфрасохтори обтаъминкунӣ ва канализатсия

фарсуда гашта, ба барқарорсозӣ ниёз дорад. Бо дарназардошти ин, масъалаҳои ҷорӣ намудани низоми арзёбии стратегии экологӣ (АСЭ), ки паст кардани сатҳи камбизоатиро тариқи ҳалли мушкилоти марбут ба муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инчунин ҳамоҳангсозии ҳадафҳои рушди устуворро бо ҳадафу афзалиятҳои миллӣ пешбинӣ менамояд, дар марҳалаи кунунии рушд махсусан муҳим мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 расман ба Котиботи Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии INDC (Саҳми миллӣ дар татбиқи ҳадафҳои глобалӣ) пешниҳод манзур намуда, 22 апрели соли 2016 ба Созишномаи Париж оид ба иқлим имзо гузошт. Дар доираи Созишномаи мазкур нисбат ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ чораҳо ҷиҳати расонидани кумаки мушаххас оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, инкишофи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба таъминоти технологияи нав бо дарназардошти пешгирии хавфи тағйирёбии иқлим амалӣ карда мешаванд. Дар самти эътидоли макроиқтисодӣ низ пешрафти назаррас ба даст оварда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 15 соли охир суръати баланди рушди иқтисодиро таъмин намуд. Давраи аз соли 2013 то соли 2015 низ истисно набуда, суръати миёнаи солонаи рушд 6-7 фоизиро ташкил дод.

Яке аз омилҳои рушди назарраси иқтисодӣ дар Тоҷикистон афзоиши бемайлони маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ мебошад. Аммо таҳлили сохтори маблағгузории асосӣ аз рӯи шаклҳои моликият нишон медиҳад, ки маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, асосан аз ҷониби давлат сурат гирифта, ҳаҷми сармоягузориҳои хусусии дохилӣ кам аст ва ҳанӯз ба омили воқеии рушди иқтисодиёт табдил наёфтааст. Яке аз сарчашмаҳои асосии сармоягузории давлатӣ кумаки берунаи ба Тоҷикистон пешниҳодшаванда мебошад. Нақши сармоягузории давлатӣ барои рушди иқтисодии Тоҷикистон хеле муассир аст. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ин сарчашма низ тадриҷан коҳиш ёфта истодааст, ки зарурати дарёфти сарчашмаҳои алтернативии рушди иқтисодиро тақозо менамояд. Ҳарчанд айни замон сатҳи сармоягузории хусусӣ ҳатто аз рӯи нишондиҳадаҳои муқоисавии кишварҳои рӯ ба тараққӣ баланд набошад ҳам, ба ҳар сурат метавон қайд намуд, ки дар тамоми давраи иҷрои СМР-2015 сармоягузориҳои асосии давлатӣ нақши худро ҳамчун такондиҳандаи сармоягузории хусусӣ бозиданд.

Дар баробари ин, сарчашмаҳои рушди иқтисодии ин давраро наметавон ба фаъолияти иқтисодии давлат маҳдуд шуморид. Таҳлили ММД аз рӯи хароҷот нишон медиҳад, ки тӯли солҳои татбиқи СМР-2015 дар иқтисоди кишвар талаботи дохилии устувор аз ҷониби хонаводаҳо мавҷуд буд. Сарчашмаи назарраси он дар шароити заифии бахши молиявӣ маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ буд. Нишондиҳандаҳои охир гувоҳанд, ки ҳаҷми интиқоли маблағҳо на камтар аз 40 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки суръати афзоиши интиқоли маблағҳо тадриҷан коҳиш ёфта истодааст, пас таъсири он низ ба афзоиши ММД коҳиш меёбад. Дар чунин вазъият нигоҳ доштани суръати афзоиши ММД аз ҳисоби сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла аз ҳисоби ҷалби сармояи дохилӣ ва

берунӣ бештар бо татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ ва диверсификатсияи содирот алоқаманд хоҳад буд.

Суръати таваррум дар солҳои охир то нишондиҳандаи якрақама коҳиш ёфт. Аммо дар пасманзари вобастагии идомаёбанда аз воридоти молҳои озуқаворӣ хавфи афзоиши нархҳо хеле баланд боқӣ мемонад.

Ба эътидоли макроиқтисодӣ сиёсати мулоҳизакоронаи андозу буҷет мусоидат намуд. Дар соли 2015 даромади воқеии буҷети давлатӣ ба 33,2 фоизи ММД расид. Кодекси андоз дар таҳрири нав низоми андозбандиро сода карда, барои рушди бахши хусусӣ шароит фароҳам овард. Шумораи андозҳо кам карда шуда (аз 21 то 10), ҳадди бақайдгирӣ аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) баланд бардошта шуд, меъёри андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ паст гардид ва имтиёзҳои андозӣ ба тартиб даровarда шуданд. Андоз аз истифодабарандагони роҳ аз соли 2018 бекор карда мешавад. Аммо афзоиши хароҷоти буҷет аҳамияти боз ҳам муҳимтар дорад, зеро буҷет дар азнавтақсимкунии даромади миллӣ ба мақсадҳои рушди сармояи инсонӣ нақши муҳим дорад. Ислоҳоти назарраси низоми молияи давлатӣ гузаронида шуд, ки мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2009, №639 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018» амалӣ карда мешавад. Воситаҳои банақшагирии миёнамуҳлат ҷорӣ карда шуданд, гузариш ба буҷетикунонии ба натиҷаҳои ниҳоӣ нигаронидашуда оғоз гардид, раванди таҳия ва шаффофияти буҷет беҳтар карда шуд. Дар низоми хазинадорӣ ислоҳоти назаррас гузаронида шуд.

Далели муҳим он аст, ки ҳиссаи хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ), новобаста аз ҳолатҳои кам шудани ҳам даромад ва ҳам хароҷоти буҷет нисбат ба ММД, дар натиҷаи ислоҳот дар солҳои охир мунтазам афзуда истодааст. Сатҳи баланди хароҷоти буҷетро ба маблағгузории асосӣ дар давраи иҷрои СБСНМТ қайд намудан зарур аст. Дар соли 2015 ҳиссаи хароҷоти иҷтимоӣ 13,8 фоизи ММД-ро ташкил намуд.

Пешравӣ дар рушди низоми бонкии Тоҷикистон дар ин марҳила якмаром набуд. Дар баробари бунёд ва таҳкими асосҳои қонунгузории фаъолияти бонкӣ дар давраи иҷрои СМР-2015 ва СБСНМТ, афзоиши сандуқи қарзӣ ва депозитӣ мушоҳида гардида, шумораи бонкҳои хориҷӣ, бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявии хурд афзуд. Аммо сатҳи миёнаравии молиявӣ ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодиёт ҳанӯз нақши ҳалкунанда надорад. Барои Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои минтақа сатҳи пасти ҳаҷми қарздиҳӣ ва саҳмгузории депозитӣ хос аст.

Амалан мушкилоти бахши бонкӣ гуногунҷанбаанд. Иқтидори нокифояи худи бонкҳо ҷиҳати идоракунии хавфҳои эҳтимолӣ, инфрасохтори заифи молиявӣ, қарздиҳии мақсадноки маъмурии солҳои 2009-2011 дар пайомади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва оқибатҳои ин буҳрон, ки ба сустшавии рушди иқтисодӣ овард, инчунин норасоиҳо дар заминаи меъёрию назоратӣ ва назорати нокифояи бонкӣ боиси афзоиши қарзҳои мушкилситон гардиданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни ҳол дар Тоҷикистон рушди нисбатан устувори иқтисодӣ мушоҳида мегардад. Аммо дар назар бояд дошт, ки чунин тамоюл бештар аз ҳисоби сармоягузориҳои асосии давлатии бар кумакҳои беруна асосёфта ва афзоиши маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин гашта буд. Бо мурури замон нақши ин сарчашмаҳо тадриҷан коҳиш хоҳад ёфт. Дар баробари ин, дар иқтисодиёт сарчашмаҳои алтернативии рушд – маблағгузориҳои асосии хусусӣ пайдо шуданд, ки тамоюли афзоиш доранд. Сармоягузориҳои асосии бахши хусусӣ бори нахуст дар соли 2015 аз 5 фоизи ММД зиёдтар шуданд. Аз ин рӯ, равона намудани кӯшишҳои ҳадафнок барои беҳтар гардонидани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ пеш аз ҳама бояд ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар пайвастагӣ бо сиёсати оқилонаи сохтории давлатӣ дар марҳилаи нави рушд бояд афзалиятнок бошад.

СМР-2015 принсипҳои банақшагирии стратегии давлатиро ҷорӣ намуд, ки баъдан ин принсипҳо ҳангоми таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳои (барномаҳои) миёнамуҳлат истифода гардиданд.

Таҷрибаи амалӣ намудани стратегияҳои пешина нишон дод, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо бояд татбиқи пурраи принсипи банақшагирии тағйирёбанда таъмин карда шавад. Ин принсип дар Тоҷикистон дар он ифода мегардад, ки стратегияҳои миёнамуҳлат яке пайи дигаре пайдарҳам қабул мешаванд. Дар чунин ҳолат мебояд, ки на танҳо пайдарҳамии санади аввал, балки ҳамаи санадҳои барномавии минбаъда ва алоқаи онҳо бо Стратегияи милли рушд таъмин гардад.

Азбаски Стратегияи миллии рушд ислоҳоти фароҳдомани дарозмуҳлатро тасдиқ менамояд, пас хеле муҳим аст, ки натиҷаҳои интизоршавандаи татбиқи стратегия дар барномаҳои миёнамуҳлати рушд чун натиҷаҳои фосилавӣ инъикос гарданд. Чунин муносибат нисбати нишондиҳандаҳои мақсадноки афзалиятҳои асосии рушд низ бояд риоя шавад.

Ҳамин тавр, масъалаи муҳими ҷораёни ҳамгироии муносибати институтсионалӣ бо имконоти барномарезии макроиқтисодӣ ин интиқол додани ислоҳоти дар СМР-2030 пешбинишуда ба чорабиниҳои БМР 2016-2020 ва дигар барномаҳои миёнамуҳлат мебошад. Ин муносибат такмили таснифи нишондиҳандаҳои рушдро талаб менамояд, зеро дар шакли пешина онҳо қобили мониторинг ва арзёбӣ нестанд. Амалан, айни ҳол истифода намудани ду навъи нишондиҳандаҳо – натиҷаҳои мустақим ва ниҳоӣ кофист.

## 1.2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар доираи Стратегияи миллии рушд – 2030

### 1.2.1. Дар роҳи модели нави рушд

Таҳлили омилҳои рушди иқтисодӣ мутобиқи арзёбии иҷрои СМР-2015 нишон дод, ки рушди иқтисодӣ дар кишвар бо омилҳои зерин муайян карда мешуд: афзоиши маблағгузориҳои асосии давлатӣ ва афзоиши интиқоли маблағҳо аз берун. Дарояндаи наздик, дар марҳилаи нави рушд таъсири ин омилҳо ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ маҳдуд мегардад. Дар ин маврид зарур аст, ки дар кишвар гузариш ба сармоягузориҳои

дарозмуҳлат ба рушди инсонӣ ва афзоиши яку якбораи ҳиссаи сармоягузории хусусии ҳам дохилӣ ва беруна ба рушди минбаъда амалӣ карда мешаванд. Ба Тоҷикистон аллакай дар давраи наздиктарин лозим мешавад, ки гузариш ба модели нави рушди ба сармоягузорӣ, содирот ва воридотивазкунӣ асосёфтаро амалӣ намояд. Ин вазифаҳо шарти асосии амалӣ намудани СМР-2030 маҳсуб меёбанд, вале гаронии кӯшишҳо оид ба иваз намудани модели рушд ба давраи татбиқ БМР 2016-2020 рост меояд.

Модели нав дар муқоиса бо модели пешина як қатор бартариҳо дорад. Модели нав рушди босуръати саноат, кишоварзӣ ва бахши молиявиро таъмин намуда, ба бозорҳои нави содиротӣ роҳ мекушоянд, воридоти истеъмолиро маҳдуд сохта, вобастагии кишварро аз интиқоли пулии муҳоҷирон коҳиш медиҳад. Чунин тараққиёт ба ташкили васеи ҷойҳои нави кории пурмаҳсул, рушди шуғли расмӣ ва бахши расмии иқтисодиёт мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба афзоиши ҳиссаи андозҳои дохилӣ дар даромади буҷети давлатӣ боис мегардад. Ин низоми андози Тоҷикистонро устувор гардонида, вобастагии онро аз таъсири буҳронҳои иқтисодии хориҷӣ кам мекунад.

Аз ин лиҳоз, нақши давраи панҷсолаи минбаъда хеле муҳим аст, зеро дар ин давра ба ин модел замина гузошта хоҳад шуд. Барнома самтҳои асосии зерини гузариш ба модели нави рушдро муайян менамояд:

- баланд бардоштани самаранокӣ ва гуногуншаклии бахши воқеии иқтисодиёт ва тамоми захираву иқтидорҳои миллӣ;

– такмили идоракунии давлатӣ бо мақсади рушд;

– ташаккули низоми нави институтсионалии дастгирии бахши хусусӣ ва тағйироти куллии муҳити соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ;

– баланд бардоштани маҳсулнокии сармояи инсонӣ, табиӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ;

– васеъ ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисоди сабз».

Гузариш ба модели нави рушд маънои онро дорад, ки ислоҳот дар самтҳои зикршуда бояд баробар ва ҳамоҳанг амалӣ карда шавад. Чорабиниҳои самтҳои мазкур дар фаслҳои дахлдори БМР 2016-2020 муфассал дарҷ шудаанд.

Масъалаҳои нисбатан муҳиме, ки бояд дар панҷсолаи наздик ҳал карда шаванд, инҳоянд:

**Дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва гуногуншаклии бахши воқеии иқтисодиёт:**

- такмили чораҳои танзими гумрукию тарифӣ барои ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи меъёрҳои СУС;

- такмили сиёсати андоз барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионии соҳибкорони хусусӣ;

- такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ, ҳавасмандгардонии содироткунандагон;

- густариши ислоҳоти аграрӣ бо мақсади ташаккул ва иникшофи истеҳсолоти кишоварзии сердаромад;

- бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани сифати ғизо;

- идомаи азхудкунӣ ва истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикӣ дар асоси амалӣ намудани барномаи рушди гидроэнергетикаи хурд ва мониторинги неругоҳҳои хурди барқи обии қаблан сохташуда, таҷдиди НБО-и мавҷуда ва сохтани НБО-и нав, аз ҷумла НБО "Роғун";

- рушди минбаъдаи долонҳои нақлиётӣ;

- таъмини робитаҳои нақлиётӣ дар тамоми сол дар байни шаҳру ноҳияҳои кишвар тавассути таҷдиди роҳҳои автомобилгард, сохтмони роҳҳои иловагӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгард ва қитъаҳои роҳи оҳан;

- коҳиш додани осебпазирии бахши молиявӣ (бонкӣ) ва таъмини устувории фаъолияти он;

- андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати рушди содирот ва воридотивазкунӣ.

**Дар самти идоракунии давлатӣ:**

- инкишофи низоми банақшагирии стратегӣ ва такмили ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ;

– гузаронидани корҳои мақсаднок ва муназзам ҷиҳати такомули равандҳои маъмурӣ, суръатбахшии қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самарабахшии онҳо, бахусус дар самти ҳамкорӣ бо сармоягузорон, танзим ва назорат, хизматрасониҳои давлатӣ ва тақвияти ислоҳоти аграрӣ;

– татбиқи ҳамаҷонибаи механизмҳои зиддикоррупсионӣ ва таҳкими самарабахшии онҳо.

**Дар самти ташаккули низоми нави институтсионалии дастгирии бахши хусусӣ ва тағйироти куллии муҳити соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ:**

– тақвияти ҳимояи ҳуқуқи моликият, ташкили институти ваколатдор (омбудсмен) оид ба ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон, такмили ҳимояи судии ҳуқуқи соҳибкорон;

– такмили фаъолияти институтҳои дастгирикунандаи соҳибкорӣ, ба монанди Фонди дастгирии соҳибкорӣ, Агентии пешбурди сармоягузорӣ ва содирот, Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарики давлат ва бахши хусусӣ ва бунёди механизмҳои самараноки рушди маҳал;

– татбиқи пайдарҳами сиёсати кам кардани сарбории маъмурии пешбурди бизнес ва ташаккули низоми ҳамроҳии маъмурии лоиҳаҳои миёнаву калони сармоягузории бахши хусусӣ аз рӯи принсипи «равзанаи ягона»;

– амалисозии сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузории мустақими хориҷӣ чун яке аз шартҳои асосии рушди индустриалӣ – инноватсионии иқтисодиёт;

– ҳамгироии долонҳои нақлиётии фаросарҳадӣ ва миллӣ ва инкишофи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ;

– баланд бардоштани самаранокии идоракунии комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва таъмини дастрасии устувору баробари ҳамаи субъектҳои иқтисоди миллӣ ба захираҳои энергетикӣ.

**Дар самти баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ:**

– таъмини алоқамандии донишҳои касбӣ ва малакаҳои амалӣ тавассути ташаккул додани стандартҳои таҳсилотӣ ва тахассусӣ аз рӯи ихтисосҳои гуногун бо ҷалби корхонаву ташкилотҳо, амалӣ сохтани низоми таълим дар заминаи корхонаҳои азим, таъсиси майдончаҳои истеҳсолии омӯзиш;

– дастгирии инкишофи низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бо самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди мамлакат ҳамоҳанг шудааст (таҳкими заминаи моддию техникӣ, робитаҳои мутақобила бо корхонаву ташкилотҳо);

– корфармоёни ояндаи хатмкунандагон, инкишоф ва баланд бардоштани самаранокии низоми интихоби касбии ҷавонон, таъсиси низоми озмунҳои минтақавии ихтисосҳои коргарӣ – World Skills Tajikistan);

– таъмини дастрасии муттасилу баробар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

– бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ ва ҷорӣ намудани низоми ғизои комил;

– таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқи инсон, волояти қонун ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ.

Ҳалли ҳамаи масъалаҳои зикршуда кӯшишҳои маҷмӯӣ ва ҳамоҳангшударо дар доираи БМР 2016-2020 тақозо менамояд.

**1.2.2. Вариантҳои сенариявии БМР 2016-2020**

Вариантҳои сенариявии БМР 2016-2020 ба параметрҳои калидии рушди иқтисодӣ, ки дар СМР-2030 муқаррар шуда буданд, асос ёфтааст. Барои ин модели рушди иқтисоди миллӣ дар панҷ соли пешоянд сенарияи индустриалии СМР-2030 ҳамчун асос қабул карда шудааст.

Рушди иқтисодӣ дар ин сенария аз ҳисоби афзоиши талаботи сармоягузорӣ ва истеъмолӣ аз ҳисоби аз сарчашмаҳои дохилӣ ва берунии маблағгузорӣ таъмин карда мешавад. Дар таъмини модели нави рушди иқтисодӣ дар доираи сенарияи индустриалӣ амалисозии бомуваффақи Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ, ки кам кардани вобастагии иқтисодиётро аз воридоти маводи ғизоӣ, ашёи хом ва масолеҳ ва воридоти технологияҳои муосирро пешбинӣ менамояд, нақши муҳим мебозад. Дар доираи сенарияи мазкур дар БМР 2016-2020 се вариант пешбинӣ шудааст: **пессимистӣ, реалистӣ ва оптимистӣ.** Дар раванди пешбинӣ гардидани вариант{ои сенарияҳои мазкур чунин фарзияҳо ба инобат гирифта шудаанд: ҳадафҳои мақсаднок, ки аз ҷониби роҳбарияти сиёсии кишвар муайян шудаанд, тамоюлҳои демографӣ, имкониятҳои сармоягузорӣ ва самараи ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.

**Варианти пессимистии** сенарияи индустриалии рушди иқтисодӣ ба баҳодиҳии консервативии амалисозии лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва тағйиротҳои сохторӣ дар натиҷаи сустшавии пешрафти иқтисоди ҷаҳонӣ дар умум, иқтисоди Федератсияи Россия ҳамчун шарики стратегии асосӣ бахусус, асос ёфтааст, ки мутобиқан камшавии сатҳи маблағгузории беруна (бо назардошти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ) ва коҳишёбии суръати афзоиши талаботи сармоягузорӣ ва истеъмолиро дар назар дорад. Дар ин вариант суръати миёнасолонаи рушди ММД то 3-4 фоиз коҳиш ёфта,

умуман дар фосилаи татбиқи БМР 2016-2020 ҳаҷми номиналии ММД 1,4 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ тан{о 27 фоиз меафзояд. Сатҳи хароҷотҳои иҷтимоӣ дар қиёс бо ММД дар сатҳи мавҷуда боқӣ мемонанд, яъне маориф ва илм 5,5 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7,5 фоиз. Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД дар интиҳои соли 2020 ночиз афзуда, 12-12,5 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори ММД тағйир намеёбад ва дар сатҳи 22-22,5 фоиз боқӣ мемонад. Ҳиссаи хизматрасонӣ (бе назардошти соҳаи сохтмон) дар ташаккули ММД ба 39-39,5 фоиз баробар мегардад.

**Варианти реалистӣ** амалисозии вазифаҳои калидии рушди индустриалии ҷумҳурӣ, яъне татбиқи муваффақонаи лоиҳаҳои инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ, иттилоотиву коммуникатсионӣ, ислоҳоти амиқи сохторӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва идоракунии давлатӣ, самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда, аз ҷумла воситаҳои асосии корхонаву муассисаҳо, сарватҳои табиӣ, ба монанди об, замин ва маъданҳои serizaminӣ, тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар саноат ва кишоварзӣ, таъмини устувории вазъи макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва инкишофи мутавозини минтақаҳои кишвар, рушди неруи инсонӣ, тақвияти институтсионалӣ, фаромарзии шароити мусоид барои рушди босуръати бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориро дар назар дорад.

Татбиқи муваффақонаи сенарияи индустриалии рушди иқтисодиёти мамлакат аз рӯи ин вариант имкон медиҳад, ки суръати афзоиши миёнасолонаи ММД-и воқеӣ 6-7 фоизро таъмин намояд. Умуман, пешбинӣ мегардад, ки давоми панҷ соли татбиқи Барнома ММД 1,8 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,6 маротиба меафзояд. Ҳиссаи сармоягузории хусусӣ дар ММД ду маротиба афзуда, дар интиҳои соли 2020 10 фоизро ташкил мекунад. Хароҷотҳои иҷтимоии буҷет низ зиёд шуда, дар охири татбиқи Барнома сатҳи он дар бахши маориф ва илм ба 6,12 фоизи ММД ва дар бахши тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба 8-9 фоизи ММД баробар хоҳад шуд.

Рушди афзалиятноки бахши индустриалии иқтисодиёт аз рӯи варианти мазкур суръати афзоиши миёнасолонаи истеҳсолоти саноатиро дар сатҳи 12 фоиз дар назар дошта, дар панҷ соли оянда ҳиссаи саноат дар сохтори ММД аз 12,3 фоиз ба 12,5-13,2 фоиз зиёд мегардад ва ҳамзамон, ҳиссаи кишоварзӣ аз 23,3 фоиз то 21 фоиз коҳиш меёбад. Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ (бе назардошти со{аи сохтмон) дар ММД 37-37,5 фоизро ташкил меди{ад. Со{аи сохтмон дар сохтори ММД то ба 16-16,5 фоиз меафзояд.

Амалисозии Барномаи мусоидат ба содирот ва истеҳсолоти воридотивазкунанда имкон медиҳад, ки воридоти маҳсулоти истеъмолиро кам карда, истеҳсоли маҳсулоти ватании рақобатпазир афзояд. Гардиши савдои хориҷӣ 1,1 баробар меафзояд, аз хумла содирот 1,7 маротиба афзуда, воридот дар доираи 7-8 фоиз коҳиш меёбад. Пешбинӣ мегардад, ки омили мазкур ва нархи ҷаҳонии пасти маҳсулоти нафтӣ имкон медиҳанд то нишондиҳандаи таварруми истеъмолӣ дар ҳудуди 6-7 фоиз нигоҳ дошта шавад.

Ҳамин тавр, ба сифати пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ пешрафти босуръати саноат дар заминаи баистифодадиҳии иқтидорҳои нави тавлидкунандаи неруи барқ, истихроҷи ангишт ва дигар канданиҳо, навсозиву таҷдиди технологии саноатҳои сабук ва хӯрокворӣ бо тавсеаи тадриҷии воридотивазкунӣ дар корхонаҳои соҳаҳои мазкур, ташаккули саноати металлургияи сиёҳи ватанӣ ва тараққӣ додани металлургияи ранга, пешрафти саноати масолеҳи сохтмонӣ ва мошинсозӣ, баромад мекунад.

**Варианти оптимистии** рушди сенарияи индустриалии БМР 2016-2020 дар асоси амалисозии васеи масъалаҳои тағйиротҳои сохтории иқтисодиёт бар пояи таҷдиди комили техникиву технологӣ, диверсификатсияи содирот ва умуман, кулли иқтисодиёт, таҳия шудааст. Амиқгардонии ислоҳоти маъмурӣ, самарабахшии истифодаи сарватҳои табиӣ ва воситаҳои асосии корхонаву муассисаҳо, инкишофи зироатҳои органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи неру ҳамчун асоси "иқтисоди сабз", вусъатдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, аз ҷумла рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ, ҳамзамон татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати кам кардани хароҷотҳо дар иқтисодиёт бояд ба таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва беҳкарди муҳити соҳибкорӣ мусоидат намояд, ки дар ниҳояти кор барои тақвияти талаботи сармоягузорӣ,  аз ҷумла, аз ҷониби бахши хусусӣ замина мегузорад.

Мутобиқи ин вариант рушди ҳамасолаи иқтисодиёт 7-8 фоизро ташкил дода, дар давоми солҳои 2016-2020 ҳаҷми ММД-и мамлакат 2 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,7 маротиба меафзояд. Беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ба 2,5 маротиба афзоиши саҳми сармоягузориҳои хусусиро дар ташаккули ММД, ё ин ки дар сатҳи 12 фоиз, оварда мерасонад. Рушди самарабахши иқтисодиёт имкон медиҳад, ки хароҷотҳои иҷтимоии буҷет зиёд шуда, соли 2020 дар бахши маориф ва илм  6,5 фоиз ва бахши тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 9 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД аз 12,3 фоиз ба 13-13,5 фоиз зиёд мегардад ва ҳамзамон, ҳиссаи кишоварзӣ аз 23,3 фоиз то 19,5-20,5 фоиз коҳиш меёбад. Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ (бе дарназардошти соҳаи сохтмон) дар ММД 38-38,5 фоизро ва соҳаи сохтмон дар сохтори ММД 16-16,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дурнамои оптимистии рушди иқтисодиёт бо баланд шудани қобилияти харидории субъектҳои иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби шароити мусоиди бозории нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, такмили қонунгузории рушди тиҷорат ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҷоринамоии технологияҳои ҷавобгӯи талаботҳои экологӣ ва сарфакунандаи захираҳо, фароҳамсозии муҳити созгори сармоягузорӣ, ҷалби маблағгузориҳои хориҷиву дохилӣ ҷиҳати азнавтаҷҳизонии соҳаҳо, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, низоми самараноки маркетинг ва менеҷменти муосир иртиботи ногусастанӣ дорад.

Дар асоси таҳлили  омилҳои дохиливу хориҷӣ, шартҳои рушд бар пояи пешбинии хушбинонаи пешрафти иқтисоди ҷаҳонӣ дарояндаи наздик метавон хулоса намуд, ки аз се варианти баррасишуда сенарияи рушди индустриалии иқтисоди миллӣ дар доираи татбиқи БМР 2016-2020,

варианти ба воқеият наздик ва дастрас барои солҳои 2016-2020 ин варианти реалистӣ мебошад. Аз ин рӯ, онро ҳамчун варианти асосӣ ва параметрҳои онро мақсаднок метавон пазируфт.

### 1.2.3. Ҳадаф ва афзалиятҳои БМР 2016-2020

Ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои СМР-2030 дар БМР 2016-2020 чунин ҳадафҳо ва афзалиятҳо мушаххас гаштаанд:

**Ҳадафҳо:**

– *таъмини дастрасии муътадил ба захираҳои энергетикӣ;*

– *баромадан аз сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ;*

– *ҳамгироии долонҳои нақлиётии фаромарзӣ ва миллӣ, тараққӣ додани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ;*

– *таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ.*

**Афзалиятҳои асосӣ:**

- *баланд бардоштани самаранокӣ ва гуногуншаклии истифодаи захираву иқтидорҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва суръатбахшииислоҳот дар ин бахш;*

– *тавсеаи дастрасӣ ба захираҳо ва истифодаи самараноки онҳо;*

– *ҳавасмандгардонии содирот ва воридотивазкунӣ ;*

– *рушди соҳибкории истеҳсолӣ;*

– *баландбардории самаранокии идоракунии комплекси сӯзишворию энергетикӣ;*

– *равнақдиҳии ислоҳоти аграрӣ;*

– *гузариш ба низоми истеъмоли ғизои комил;*

– *таъмини устувори воридоти даромадҳои буҷетӣ;*

– *инкишофи инфрасохтори нақлиётӣ;*

– *тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;*

– *рушди неруи инсонӣ;*

– *баландбардории самарабахшии ислоҳоти бахши иҷтимоӣ;*

– *беҳтар намудани хизматрасонии бахши иҷтимоӣ;*

– *пурзӯргардонии нақши институтҳои ҷамъиятӣ дар рушди миллӣ;*

– *тақвияти институтсионалӣ дар бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;*

– *таъмини устувории макроиқтисодӣ ва рушди мутавозуни минтақаҳо;*

– *таҳияи механизмҳои самараноки рушди маҳал.*

**Афзалиятҳои байнисоҳавӣ:**

– *таъмини ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун;*

– *коҳиш додани нобаробарии гендерӣ;*

– *тавсеаи ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ба ҷамъият;*

– *ҳифзи муҳити зист ва ташаккулёбии асосҳои низоми миллии арзёбии экологии стратегӣ (АЭС), инчунин мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;*

– *идоракунии хавфи рухдиҳии офатҳои табиӣ;*

– *амалисозии чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати кам кардани оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим;*

– *фаъолсозии ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ.*

# БОБИ 2. ТАҲҚИМИ НЕРУИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

## 2.1. Баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ

### 2.1.1. Ҳолати кунунӣ

Дар шароити кунунӣ ба маъмуригардонии самарабахши вазифаҳои давлатӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи технократҳо амалӣ мегардад, *равона гаштааст* ва онҳо дониши худро мубодила намуда, якҷоя равандҳо ва боздеҳи барзиёди вазифаҳои иҷрошавандаро барои ноил гаштан ба ҳадафҳои рушд ва таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолии мамлакат ҳамоҳанг менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар давраи ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ танҳо бахши қавии давлатӣ қодир аст шароити адолатнокро барои рушди устувори бахши хусусӣ ва пурзӯр гаштани фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои манфиати ҳадафҳои рушди миллӣ фароҳам оварад. Чорабиниҳои дар БМР 2016-2020 дарҷгардида, барои фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ ҷиҳати пешбурди тамоми низоми идоракунии давлатӣ ба вазъи ҷадиди сифатнок, баланд бардоштани рақобатпазирии он, касбият ва кор карда баромадани механизмҳои амалкунӣ, худтакмилёбӣ ва масъулиятнокӣ нигаронида шудаанд.

Коррупсия ҳамчун таҳдиди низоми амнияти миллӣ буда, ба истиқрори давлат ва ҷомеа таҳдид эҷод мекунад ва ба ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии амалӣ халал мерасонад. Коррупсия ба самаранокии идоракунии давлатӣ ва бизнес таъсири манфӣ расонида, ба ҷалби сармоягузориҳо ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад, ба пайдошавии нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат мекунад, инчунин як қатор ноустувории муайянеро дар раванди сиёсӣ ворид менамояд. Минбаъд пайваста анҷом додани фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ташаккул додани тадбирҳои амалӣ вобаста ба гирифтани пеши роҳи рушди омилҳои коррупсионӣ бояд дар қатори қадамҳои афзалиятнок дар раванди рушди миллӣ гузошта шавад.

Муқаррар намудани шарикии самарабахш бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷалби сохторҳои бизнес барои татбиқи барномаҳои рушд ҳамчунин шароити зарурии ноил гардидан ба ҳадафҳо маҳсуб мегардад.

### 2.1.2. Мушкилоти асосӣ

Дар низоми идоракунии давлатӣ механизм, ниҳод ва салоҳиятҳо, ки дар таъмини инкишофи сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба кишвари индустриалию аграрӣ нақши асосиро мебозанд, ба қадри кофӣ инкишоф наёфта, рушди инфрасохтор, шаҳрикунонӣ ва ҳамгироӣ нисбат ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ақиб мондааст. Махсусан, иқтидори нокифояи идоракунии давлатӣ дар сатҳи маҳал бештар зоҳир мегардад. Саҳми сатҳи маҳал дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба дараҷаи шаҳркунонӣ, таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши дархостҳо аз ҷониби ҷомеа ҷиҳати баланд бардоштани сифат ва дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоӣ зиёд мешавад.

Рушди суст, самаранокии нокифояи равандҳои маъмурӣ ва механизмҳои зидикоррупсионӣ бо назардошти банақшагирии стратегӣ ва ҳудудӣ, идоракунии лоиҳавӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз мушкилоте мебошанд, ки таваҷҷуҳи бетаъхирро дарояндаи наздик тақозо

менамоянд. Механизми мониторинг ва арзёбии стратегия ва барномаҳои рушд суст амал мекунад. Низоми хизмати давлатӣ ҳамчун корфармо дар бозори меҳнат пешорӯи мушкилоти пуррасозии сифатии ҳайати худ қарор дошта, ҳамзамон дар соҳа нобаробарии гендерӣ мавҷуд аст. Бо дарназардошти як қатор сабабҳо, занон дастрасии нобаробарро ба хизмати давлатӣ, бахусус дар сатҳи қабули қарорҳо доранд. Тайи солҳои охир дар байни хизматчиёни давлатӣ шумораи занон афзуд. Аммо ҳиссаи онҳо дар мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳама сатҳҳо дар соли 2015 ҳамагӣ 22,3 фоизи миқдори умумиро ташкил дод. Намояндагии занон дар ҳайати роҳбарикунанда ҳам кам аст.

Дар сатҳи нокифоя қарор доштани алоқамандии раванди буҷетикунонӣ банақшагирии стратегӣ, тамоюли буҷет ба рушди неру дар низоми идоракунии давлатӣ, ноустувор будани заминаи қисми даромади буҷети давлатӣ, ки аз нокифоя будани маъмурикунонии андоз ва васеъ паҳн гардидани саркашӣ аз пардохти андозҳо вобаста аст, андешидани тадбирҳоро доир ба мукаммал намудани низоми идоракунии молияи давлатӣ талаб менамояд.

**2.1.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Дар бахши мукаммал намудани низоми идоракунии давлатӣ барои давраи то соли 2020 афзалиятҳои асосӣ инҳоянд:

–баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия пешниҳод мешаванд;

– тақвияти низоми идоракунии давлатӣ, ки имкони таъмини рушди рӯзафзуни ҳамгироии ниҳодҳо ва ҷорӣ намудани муносибати муттасилро ҳангоми ҳалли мушкилоти дохилии инкишоф ва посух ба таҳдидҳои беруна медиҳад;

– таҳияи механизмҳои таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, бо мақсади ҷорӣ намудани тартиби аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо гирифтани маълумоти пурра вобаста ба қабули қарорҳо;

– таъминоти кадрӣ, барои таъмини иҷрои самараноки вазифаҳои давлатӣ ва татбиқи кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ;

– тақвият додани шаффофият ва мустақилияти низоми судӣ, беғаразӣ ва касбияти кормандони мақомоти судӣ;

– гузаронидани сиёсати муназзам, ки ба коҳиш додани сатҳи коррупсия равона шудааст;

– мукаммал намудани механизмҳои ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

– мукаммал намудани низоми идоракунии молияи давлатӣ.

**2.1.4. Самтҳои асосии фаъолият барои ноил гаштан ба афзалиятҳо**

Тибқи вазифаҳои СМР-2030 дар бахшиислоҳоти идоракунии давлатӣ дар БМР 2016-2020 ба сифати самтҳои асосии фаъолият инҳо муайян шудаанд:

***а) дар бахши мукаммал намудани низоми маъмурикунонии давлатӣ:***

- рушди низоми банақшагирии стратегӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ;

– қабули маҷмӯи тадбирҳо оид ба муносиб гардонидани сохтори ташкилии идоракунӣ дар асоси хориҷ кардани вазифаҳои зиёдатӣ ва кам кардани хароҷот барои амалӣ намудани функсияҳои идоракунӣ бо роҳи гузаронидани шарҳи низомии вазорату идораҳо;

– тавсеа додани истифодаи усулҳои лоиҳавии идоракунӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва инноватсионии фаъолияти идоракунӣ дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бо ин мақсад фароҳам овардани шароит барои истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ;

– таҳлил ва ба тартиб овардани тарафҳои қавӣ ва заифи тадбирҳо оид ба таъмин намудани шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– ҷорӣ намудани Феҳристи автоматикунонидашудаи вазифаҳои давлатӣ ва стандартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ;

– рушди марказҳои бисёрвазифавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ аз рӯи принсипи “равзанаи ягона”;

– ҷорӣ намудани механизмҳои арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– гузаронидани корҳои мақсаднок ва мураттаб оид ба мукаммал намудани равандҳои маъмурӣ, суръат бахшидан ба қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, махсусан дар бахши ҳамкориҳо бо сармоягузорон, танзим ва назорат, хизматрасониҳои давлатӣ;

***б) дар бахши рушди хизмати давлатӣ:***

– баланд бардоштани ҷолибияти хизмати давлатӣ барои кормандони баландихтисос ва таҳким додани бартариятҳои рақобатнок барои корфармо нисбат ба бахши хусусӣ;

– таъсиси низоми самараноки тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва ташкили иқтидори кадрӣ ҳамчун захираи муҳимтарини зеҳнию касбӣ;

– баланд бардоштани нақши зан дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– зиёд карани шумораи ҷавонон дар мақомоти давлатии ҳокимият;

***в) дар бахши рушди идоракунии молияи давлатӣ:***

– ҷорӣ намудани маблағгузории барномавию мақсаднок аз рӯи натиҷа ва пурзӯр намудани алоқамандии раванди буҷетикунонӣ бо банақшагирии стратегӣ;

– мукаммал намудани идоракунии қарзи давлатӣ;

– мукаммал намудани расмиёти иҷрои буҷет;

– баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ;

– беҳтар намудани маъмурикунонии андозӣ бо мақсади баланд бардоштани ҷамъоварӣ, беҳтар кардани шаффофият ва пешгӯишаванда будани тартиби ситонидаи андозҳо барои андозсупорандагон;

– ко{иш додани ҳиссаи амалиётҳои квазифискалЪ дар фаъолияти корхонаҳои азими давлатӣ (хароҷои амалиётӣ, зиёдшавии ухдадориҳои қарзӣ ва кафолати давлатӣ аз рӯи онҳо ва ғайра);

*г) дар бахши худидоракунии маҳаллӣ:*

– таҳияи ҳуҷҷати барномавии стратегӣ оид ба ислоҳот ва рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ;

– беҳтар намудани низоми ҳисоботдиҳии оморӣ дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ;

*д) дар бахши тақвияти шаффофият ва мустақилияти низоми судӣ:*

– идома додани ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар, таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, аз ҷумла таъмин намудани татбиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015, №327 тасдиқ шудааст;

*е) дар самти таъмини самараноки механизмҳои зиддикоррупсионӣ:*

– такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва чораҳои ҷавобгарӣ барои коррупсия;

– ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ки аз ҷумла ба маҳдуд намудани ҳавасмандӣ ба коррупсия равона шудааст;

– тақвият бахшидани низоми назорати рафтори хизматии хизматчиёни давлатӣ ва ташкили механизмҳои муассири пешгирии бархӯрди манфиатҳо;

– гузаронидани таблиғоти васеъ дар бораи таъсири харобкунандаи коррупсия ба иқтисодиёт ва ҷомеа, тағйир додани ҷаҳонбинии аҳолӣ, дар рӯҳияи тоқатнопазирӣ ба коррупсия тарбия намудани ҷомеа;

– ба мубориза бо коррупсия ҷалб намудани шарикони асосии рушд.

**2.1.5. Вазифаҳо барои ҳалли масъалаи гузошташуда ва ноил гардидан ба афзалиятҳо**

Вазифаҳои асосӣ барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба афзалиятҳо инҳо муайян шудаанд:

*а) дар самти такмил додани низоми маъмуригардонии давлатӣ:*

– ба охир расонидани ҷараёни ташкили низоми ҳамоҳангсозии сиёсат бо мақсади таъмини алоқамандии дақиқи афзалиятҳо, ҳадафҳо, натиҷаҳои фаъолият, тақсимоти вазифаҳо ва масъулият дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ ва ҳамкории самарабахши шарикони рушд;

– истифодаи усули лоиҳавии идоракунӣ зимни гузаронидани марҳилаи навбатии шарҳи вазифавии вазорату идораҳо, бо мақсади мувофиққунии минбаъдаи вазифаҳои онҳо дар асоси хориҷ намудани рукнҳои зиёдатӣ ва кам кардани хароҷот;

– ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии зиддибуҳронӣ ва таъмини мураттабии чораҳои идоракунӣ оид ба ташхис, огоҳкунӣ, безараргардонӣ ва бартараф намудани зуҳуроти буҳронӣ;

– бо мақсади ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионии идоракунии фаъолият дар асоси истифодаи самараноки захираҳои

иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмин намудани фаъолияти мунтазами Шабакаи ягонаи технологияҳои иттилоотӣ, ҳамчун инфрасохтори заминавии «Ҳукумати электронӣ» ва андешидани тадбирҳо оид ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии он;

– ташаккул додани асоси меъёрии ҳуқуқии низоми ҳукумати дастрас ба воситаи таҳлил ва мураттабсозии тарафҳои қавӣ ва заифи тадбирҳо оид ба таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– дар асоси пилотӣ ҷорӣ намудани Феҳристи автоматикунонидашудаи вазифаҳои давлатӣ;

– таҳияи дастурҳо ва стандартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва дар саросари кишвар таъмин намудани фаъолияти марказҳои гуногунҷабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар асоси принсипи «равзанаи ягона»;

– тасдиқ намудани меъёрҳои арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмин намудани истифодаи механизмҳои арзёбӣ;

– таҳияи маҷмӯи чорабиниҳо оид ба мукаммал намудани равандҳои маъмурӣ ва тиҷоратӣ, суръат бахшидан ба қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, бахусус дар бахши ҳамкорӣ бо сармоягузорон, танзим ва назорат, хизматрасониҳои давлатӣ;

***б) дар самти инкишофи хизмати давлатӣ:***

– таҳия намудани барномаи инкишофи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчунин масъалаҳои ҳавасманд гардонидан ва нигоҳ доштани хизматчиёни баландихтисосро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ пешбинӣ менамояд;

– такмил додани механизми арзёбии фаъолияти хизматчии давлатӣ ва пайваста гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ бо мақсади таъмини иҷрои самараноки чорабиниҳои низоми хизмати давлатӣ;

– баланд бардоштани сифати тайёрии касбии хизматчиёни давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ;

– такмил додани механизмҳо оид ба зиёд намудани шумораи занон дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳҳои гуногун;

– такмил додани низоми музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ;

– такмил додани модели хизмати давлатӣ, ки ба хизматҳои шоён асос ёфтааст, бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон;

***в) дар самти рушди идоракунии молияи давлатӣ*:**

– ҷорӣ намудани маблағгузории мақсадноки барномавӣ аз рӯи натиҷаҳо;

– бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегӣ алоқаманд намудани ҷараёни буҷет, таъмин намудани мувофиқакунонии стратегияҳои соҳавӣ ва буҷетикунонии барномавӣ;

– такмил додани расмиёти иҷрои буҷет, аз ҷумла таҷдид намудани кори хазинадорb;

– таъмин намудани ҳамгироии барномаҳои сармоягузорӣ ҳам бо банақшагирии хароҷоти ҷории ва ҳам бо банақшагирии сармоягузорӣ;

– таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ тавассути таъмини дастраси умуми маълумот, беҳтар намудани назорати парламентӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни буҷетикунонӣ;

– беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, бо мақсади баланд бардоштани ҷамъоварӣ, шаффофият, пешгӯшаванда будани тартиби ситонидани андозҳо барои андозсупорандагон;

– ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки хариди давлатӣ ва таъмини шаффофияти ин ҷараён бо роҳи ҷорӣ намудани низоми электронии хариди давлатӣ;

– такмил додани низоми назорати давлатии молиявии дохилӣ ва берунӣ ва таъмин намудани гузариши самаранок аз санҷиши молиявӣ ба аудити самарабахшӣ ва натиҷадиҳӣ, инчунин аудити молиявӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ;

– баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар фаъолияти корхона{ои азими давлатb тавассути хорӣ намудани стандарт{ои байналмилалии {исоботи молиявb, гузаронидани аудити мустaғил ва таъмини шафоффияти {исоботди{b;

– оuоз намудани кор оид ба муносиб гардонидани андозаи бахши давлатb дар сохтори иғтисодиёти миллb ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона{ои азими давлатb;

***г) дар самти худидоракунии маҳаллӣ:***

– таҳия намудани ҳуҷҷати стратегӣ оид ба ислоҳот ва рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ;

– ба анҷом расонидани тақсими вазифаҳо ва ваколатҳо бо мақсади такмил додани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот тавассути ҳал намудани масъалаҳои моликияти коммуналӣ ва моликияти дигар ва таъмини мустақилияти молиявии ин сатҳи идоракунӣ;

– муайян намудани меъёрҳои тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ва муносибатҳои байни сатҳҳои идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудани барнома оид ба рушди иқтидори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ;

– таҳияи механизме, ки имконияти ба аҳолӣ хизматрасониҳои сифатнокро бо роҳи ҷорӣ намудани механизми хизматрасонии аутсорсинги таъмин менамояд;

– таъмин намудани мустақилияти молиявии мақамоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мутобиқи вазифаҳое, ки онҳо иҷро менамоянд;

– тақвият бахшидани иқтидори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта;

***д) дар самти таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ:***

– таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии раванди хароҷоти давлатии маблағҳо ва захираҳо;

– такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо коррупсия, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ ва чораҳои ҷавобгарӣ барои амалҳои коррупсионӣ;

– гузаронидани ислоҳоти низоми музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ки аз ҷумла ба маҳдуд кардани ҳавасмандӣ ба коррупсия равона гардидааст;

– такмил додани низоми эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ;

– такмил додани механизми гузаронидани ротатсияи (ҷойивазкунии) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ бо мақсади пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ дар мақомоти давлатӣ;

– таъмин намудани бамеъёрдарории дақиқ ва шаффофияти раванди хусусигардонӣ;

– автоматикунонии раванди хариди давлатӣ, аз ҷумла харид ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хариди ширкатҳое, ки дар моликияти давлатӣ қарордошта тавассути ҷорӣ намудани низоми пешқадами хариди электронӣ;

– ҷорӣ намудани низоми самарабахши экспертизаи зиддикоррупсионӣ;

– баланд бардоштани дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ;

– такмил додани механизмҳои таъйин ва аз вазифа озод намудани судяҳо, таҳким бахшидани чораҳои назорати ахлоқӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти тасодуфии парвандаҳо дар байни судяҳо;

– ҷорӣ намудани барнома оид ба таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;

– такмил додани кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор ва тафтиш намудани ҳолатҳои калонҳаҷм ва мураккаби коррупсия;

– баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ ва дигар зинаҳои машваратӣ ва таъмин намудани мунтазамии гузаронидани корҳои тарғиботӣ дар бораи таъсири харобиовари коррупсия ба иқтисодиёт ва ҷамъият ва тағйир додани ҷаҳонбинии аҳолӣ, тарбияи ҷомеа ба тоқатнопазирӣ ба коррупсия.

**2.1.6. Натиҷаҳои чашмдошт**

– низоми рушди миллӣ фаъол буда, тавозуни манфиатҳои дар ҷомеа бударо ҷиҳати таъмини кори ҳамоҳанги низоми рушди миллӣ нигоҳ медорад;

– вазифаҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия тибқи Феҳристи вазифаҳои давлатӣ ба таври дақиқ тақсим гардида, меъёрҳои арзёбии самаранокии иҷрои онҳо муайян шудаанд;

– вазифаҳо оид ба қабул ва иҷрои қарорҳои стратегӣ тақсим карда шуда, иҷрои саривақтӣ ва босифати ин қарорҳо таъмин карда мешавад;

– ҳиссаи занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ то 30 фоиз зиёд мешавад;

– шаҳрвандон фаъолона ба муҳокимаи мушкилоти муҳими ҷамъиятӣ дар нашрияҳо ва интернет, инчунин дар заминаи Шӯрои миллии рушд, ки фаъолона амал менамояд, ҷалб карда мешавад;

– механизмҳои ҳамоҳангсозии байни вазоратҳо ва байни минтақаҳо ташкил карда шуда, фаъолият менамоянд;

– стратегияи «ҳукумати электронӣ» ҷорӣ карда шуда, унсурҳои асосии он фаъолият менамоянд;

– низоми аудити берунӣ ва дохилӣ мукаммал карда шуда, усулҳои аудити самаранокӣ ва натиҷабахшӣ, аз хумла дар фаолияти корхонаҳои азими давлатЪ ҷорӣ карда мешавад;

– механизми махсуси идоракунии низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони баландихтисос ташкил карда мешавад;

– сатҳи музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ имконияти ҷалб ва нигаҳдории кормандонеро таъмин менамояд, ки салоҳияти онҳо на камтар аз 70 фоиз ҳамаи салоҳиятҳои дар низоми хизмати давлатӣ заруриро дар бар мегирад;

– хизматчиёни давлатӣ дар тамоми самтҳои асосии рушди захираҳои инсонӣ, ки норасоии тахассус ва малакаи хизматчиёни давлатӣ мавҷуд аст, омода мегарданд;

– Феҳристи ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ қабул мегардад;

– буҷетикунонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти зарурати рушд ва таъминоти захиравии иқтидори онҳо амалӣ карда мешавад;

– низоми идоракунии молияи давлатӣ автоматӣ кунонида мешавад;

– баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, аз хумла дар фаъолияти корхона{ои азими давлатЪ таъмин карда мешавад;

– расмиёти банақшагирӣ ва иҷрои буҷет ба банақшагирии стратегӣ алоқаманд мегардад;

– мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дорои сарчашмаҳои зарурии даромад, мустақилияти кофӣ ва иқтидори зарурӣ барои ҳалли мушкилоти аҳамияти маҳаллидошта мебошанд;

– мустақилият ва беғаразии мақомоти судӣ таъмин мегардад;

– механизмҳои мубориза бо коррупсия амал менамоянд ва Тоҷикистон ба қатори 60 кишвари дорои сатҳи пасттарини коррупсия дохил мешавад;

– Тоҷикистон ба қатори 100 кишвари дорои индикаторҳои мусбат оид ба сифат ва самаранокии идоракунии давлатӣ дохил мешавад.

## 2.2. Беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ

### 2.2.1. Ҳолати кунунӣ

Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун вазифаи стратегӣ ва омили муҳими таҷдиди иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст. Нақши давлат дар ҷалб ва равонакунии сармоягузорӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фароҳам овардани шароит барои ташаккули бозори коғазҳои қиматнок, ҷоннок намудани фаъолияти қарзии бонкҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ва риояи қатъии манфиатҳои Тоҷикистон тақвият меёбад. Солҳои охир дар фаъолияти сармоягузорӣ тамоюлҳои мусбӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар давоми 5 соли охир чор маротиба зиёд гашт. Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Кодекси андоз дар таҳияи нав қабул гардид, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Консепсияи сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755 тасдиқ шудааст қабул гаштанд. Инчунин Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташкил гардид ва самаранок фаъолият намуда истодааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 2,4 млрд. доллари ШМА амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, беҳтар намудани раванди ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва иҷрои вазифаҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ равона сохтани маблағҳои сармоягузорӣ, ҷиҳати такмил додани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт тадбирҳои пайдарҳам андешида мешаванд. Чунончи, ба ғайр аз санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии зикршуда, ҷиҳати беҳтар намудани тартиби таҳияи БДС, БКД ва дигар ҳуҷҷатҳои расмиётӣ оид ба ҷалби сармоя ба иқтисодиёти миллӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Дар баробари фаъол сохтани сармоягузориҳои дохилӣ, барои ба кор андохтани модели нави рушд зарур аст, ки сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) низ зиёдтар ҷалб карда шавад. Ҷалби ҳамасолаи он бояд то 10% ММД, яъне 2 маротиба нисбат ба сатҳи миёнаи солҳои 2004-2013 афзоиш ёбад. Ба чунин сатҳи СМХ ҷумҳурӣ дар солҳои алоҳида ноил гашта буд ва он бо амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ алоқаманд буд. Акнун диверсификатсияи сармоягузориҳо зарур аст, ки на танҳо инфрасохтор ва истихроҷи канданиҳои фоиданок, балки лоиҳаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, саноати коркард, бахши хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиётро низ дар бар гирифт.

Дар сиёсати иқтисодии давлат ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ яке аз афзалиятҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Аксарияти вазифаҳо оид ба беҳтар намудани ҷолибияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон аллакай дар СМР-2030 инъикос ёфтаанд. БМР 2016-2020 фаъолияти аввалиндараҷаро, ки барои ҳалли онҳо заруранд, ошкор ва мушаххас менамояд. Таҷрибаи кишварҳое, ки дар ҷалби сармоягузорон комёбиҳои нисбатан бештар ба даст овардаанд, нишон медиҳад, ки тадбирҳои дар СМР-2030 дарҷгардида,

агар низоми самараноки ҳамбастагӣ ва дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ташаккул ёбад, ба ҷалби муваффақонаи сармоягузориҳо мусоидат мекунанд. Он бояд ба сармоягузорон низоми «долони сабз»-ро дар ҳамаи зинаҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо таъмин намояд ва ҳамкории онҳоро бо давлат тавассути механизми «равзанаи ягона» осон гардонад.

Масъалаҳои дастгирии давлатии соҳибкории занон, бо сабаби мақоми иҷтимоии занон дар ҷомеа ва таносуби шумораи онҳо нисбат ба шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, хеле муҳим мебошанд. Айни ҳол тамоюли афзоиши шумораи занон дар соҳаи тиҷорату соҳибкорӣ ба назар мерасад. Ба ҳар ҳол, ҷиҳати рушди муваффақонаи институтсионалӣ зарур аст, ки стратегияи соҳибкории занон дар сатҳи давлатӣ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои соҳибкорӣ бо такя ба таҷрибаи бойи байналмилалӣ, мутобиқгардонии он ба шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва пурра инкишоф додани ташаббуси занони соҳибкор барои пуштибонии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо таҳия карда шавад.

**2.2.2. Мушкилоти асосӣ**

Сарфи назар аз беҳтаршавии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ҳанӯз баъзе мушкилот боқӣ мемонад:

– маъмурикунонии аз ҳад зиёд, ки барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт монеа эҷод менамояд;

– дастгирии заифи молиявии фаъолияти сармоягузорӣ ҳангоми ба миён омадани зарурати хароҷоти иловагӣ, мураккабии истифодаи воситаҳои имтиёзнок, тақсимоти хатарҳо, суғуртаи сармоягузориҳо;

– мавҷуд набудани бозори коғазҳои қиматнок, ҳамчун рукни муҳими маҷмӯи иқтисодиёти миллӣ, ки интиқоли муташаккилонаи молияро аз сармоягузорон ба қарзгирандагон таъмин менамояд;

– монеаҳои маъмурӣ дар роҳи рушди соҳибкорӣ;

– мавҷуд набудани механизмҳои худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарздиҳӣ, ҷамъиятҳои суғуртавии мутақобила ва ғайра);

– инкишофи заифи ташкилотҳои инфрасохтории рушди соҳибкорӣ дар воҳидҳои ҳудудӣ;

– риояи нокифояи принсипи шаффофият ва низоми заифи иттилоотии идораи амволи давлатӣ;

– маҳдуд будани механизмҳои самарабахш оид ба рушди соҳибкории занон;

– сатҳи нокифояи таҷрибаи пешқадам, дониш ва малакаи банақшагирии бизнес, менеҷмент ва маркетинги соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорзанон барои пешбурди фаъолияти соҳибкории бомуваффақият;

– қафомонии низоми миллии таълими соҳибкорӣ аз талаботи иқтисоди бозаргонӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва сатҳи пасти донишҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, махсусан дар байни занон.

**2.2.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– фароҳам овардани шароит барои сафарбар намудани захираҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

– баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти иқтисодиёт барои сармоягузорон ва беҳтар намудани мавқеи кишвар дар рейтинги «Пешбурди соҳибкорӣ» аз рӯи индикатори «Ҳимояи сармоягузорон»;

– ташкил намудани мониторинги фазои сармоягузорӣ, ки на танҳо барои арзёбии натиҷабахшии кор вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо, балки инчунин барои тағйир додани фарҳанги мавҷудаи маъмурӣ, ки дар он сармоягузор ҳоло ҳамчун субъекти камаҳамият ҳисобида мешавад, муҳим аст;

– рушди инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ ва беҳтар намудани ҷолибияти сармоягузорӣ ба бахши истифодаи қаъри замин;

– истифодаи имкониятҳои нави сармоягузорӣ дар занҷираи арзиши иловашудаи тиҷорати кишоварзӣ дар кишвар;

– мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит барои дастёбии субъектҳои соҳибкорӣ ба бозорҳои байналмилалии мол, кор ва хизматрасониҳо;

– ташкил намудани фаъолияти самараноки институти ҳамкориҳои мутақобилаи сохторҳои тиҷоратӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– мусоидат барои рушди соҳибкории инноватсионӣ, ташкил намудани технопаркҳо ва бизнес-инкубаторҳо;

– такмили низоми таҳсилоти миллии соҳибкорӣ барои омӯзиш ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир дар соҳаҳои гуногун мутобиқи талаботи иқтисоди бозаргонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ.

**2.2.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гаштан ба афзалиятҳои асосӣ**

*1. Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт тавассути:*

а) ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар миқёси миллӣ ва минтақавӣ;

б) мукаммалгардонии низоми «равзанаи ягона» оид ба кор бо сармоягузорон ва соҳибкорон;

в) мавқеъгирии фаъолонаи Тоҷикистон дар ҷомеаи тиҷоратии байналмилалӣ;

г) мукаммал намудани сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ;

д) инвентаризатсияи расмиёти иҷозатдиҳӣ, ки сармоягузорон ва соҳибкорон бо онҳо дучор мешаванд, муносибгардонии минбаъдаи ин расмиёт;

е) ташкил намудани кори мунтазам оид ба омӯзиши кормандони давлатӣ ба малакаи муосири кор бо сармоягузорон ва соҳибкорон;

ж) мусоидат намудан ҷиҳати беҳтар гардонидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ.

*2. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат тавассути:*

а) таҳияи низоми (механизми) дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар бахши коркарди ашёи хоми ватанӣ;

б) мукаммалгардонии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар саноати кӯҳкорӣ;

в) таҳияи шарҳҳои соҳавӣ (White paper) барои ҷалб намудани сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятнок.

*3. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар комплекси агросаноатӣ ва рушди тиҷорати кишоварзӣ тавассути:*

а) муайян ва дастгирӣ намудани имкониятҳои нави сармоягузорӣ дар занҷираи арзиши иловашудаи тиҷорати кишоварзӣ дар Тоҷикистон;

б) ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ба бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, мусоидати технологӣ ва маркетинг;

в) ташкил намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ тавассути хатҳои қарзии кутоҳмуҳлат ва дарозмуддат барои рушди агробизнес;

г) муайян ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав оид ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ (идоракунии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), кумаки техникӣ, пешбурди навовариҳо, дастгирии давлатии тухмипарварӣ элитӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва хоҷагии чорвои зотӣ дар чорводорӣ);

д) фароҳам овардани шароити зарурӣ ва дастгирии соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати таъсиси сардхонаҳои ҳозиразамон бо мақсади содироти маҳсулоти кишоварзӣ.

*4. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахшҳои суғурта, сайёҳӣ тавассути:*

а) Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ;

б) либерализатсияи бахши суғурта, тавсеаи анвоъ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда.

в) Баланд бардоштани рақобатнокии бозори суғурта;

г) Пурзӯр намудани назорат дар бахши суғурта;

д) Соддагардониинизоми иҷозатдиҳӣдар бахши суғурта.

*5. Такмили иқтидори инфрасохтори беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тавассути:*

а) ташкил намудани Феҳристи электронии ба гарав гузоштани амволи манқул бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ;

б) рушди ҳамоҳангсозии соҳавӣ ва минтақавии кумаки беруна, аз ҷумла дар заминаи Низоми иттилоотии идоракунии кумаки беруна;

в) баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ;

г) мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ оид ба рушд ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ тавассути:

– соддагардонии танзими соҳибкорӣ дар бахши иҷозатномадиҳӣ;

– мукаммалгардонии ҳамоҳангсозии барномаҳои татбиқшаванда оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ;

– бартараф намудани монеаҳои рушди тиҷорати байналмилалӣ барои соҳибкории хурд ва миёна, аз ҷумла масъалаҳои танзими гумрукӣ;

– тадриҷан амалӣ намудани сиёсати кам кардани сарбории маъмурии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ.

*6. Дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо тавассути:*

а) самаранок ташкил намудани дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо;

б) дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва истеҳсолоти воридотивазкунанда;

в) таъсиси ташкилотҳои инфрасохторӣ дар воҳидҳои марзию маъмурӣ;

г) таъмини дастгирии давлатии соҳибкории инноватсионӣ, ташкил намудани технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра;

д) таъсиси марказҳои минтақавии иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ.

*7. Ташаккули низоми институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон тавассути:*

а) ташкил намудани шабакаи иттилоотӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон ва ҳамоҳангсозии барномаҳои дастгирии соҳибкории занон;

б) таъмини дастрасии соҳибкорон, аз ҷумла занон ба таҷрибаи пешқадам, донишу малакаи банақшагирии бизнес, менеҷмент ва маркетинг барои пешбурди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ;

в) такмил додани низоми миллии таълими соҳибкорӣ ҷиҳати омӯзиш ва омодасозии мутахассисони баландихтисос, корозмудагони рақобатпазири гуногункасб тибқи талаботи иқтисоди бозаргонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ;

г) тақвияти маблағгузории давлатии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон;

д) ташкил намудани институти Омбудсмен оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон.

**2.2.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– сиёсати давлатии самарабахши фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ амалӣ гардида, болоравии самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ба назар мерасад;

– барои рушди бозори сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуда, самаранокии низоми «равзанаи ягона» оид ба кор бо сармоягузорон ва соҳибкорон баланд бардошта мешавад;

– фаъолияти сармоягузорон дар форумҳои тиҷоратӣ, намоишгоҳҳо фаъолона мавқеъ гирифта, тиҷорати байналмилалӣ бо дарназардошти муқаррароти гумрукӣ ва талаботи СУС рушд меёбад;

– дастгирии имкониятҳои нави сармоягузорӣ дар занҷири арзиши иловашудаи агробизнес амалӣ мегардад;

– барномаҳои минтақавии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории кишоварзӣ ва соҳибкории занон амалӣ карда мешаванд;

– дастгирии самараноки давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ва навоварона амалӣ мегардад;

– барномаҳои таълимию амалӣ гардида, низоми устувори сохторҳои таълимӣ-машваратӣ амал мекунад;

– натиҷабахшии мониторинги самаранокии фаъолияти институти ҳамкории сохторҳои соҳибкорӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин мешавад;

– низоми миллии таълими соҳибкорӣ, ки мутахассисони баландихтисоси рақобатпазирро дар соҳаҳои гуногун бо дарназардошти талаботи иқтисоди бозаргонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ меомӯзонад ва тайёр мекунад, такмил дода мешавад;

– барномаҳои таълимӣ амалӣ гардида, низоми устувори сохторҳои таълимӣ-машваратӣ фаъолият менамоянд, соҳибкорони ватанӣ дорои дониш ва малакаи пешқадами банақшагирии тиҷорат, менеҷмент ва маркетинг буда, фаъолияти соҳибкориро бомуваффақият пеш мебаранд;

– институти Омбудсмен оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон таъсис дода мешавад;

– нишондиҳандаҳои рушди соҳибкорӣ дар рейтингҳои байналмилалӣ баланд мегардад;

– монеаҳои маъмурӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна кам гардида, механизми санҷиши субъектҳои хоҷагидорӣ мураттаб карда мешавад;

– муносибгардонии расмиёти иҷозатномадиҳие, ки сармоягузорон ва соҳибкорон ба он дучор меоянд, гузаронида мешавад;

– низоми иттилоотонии сармоягузорон ва соҳибкорон ташкил карда мешавад.

### 2.3. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ)

#### 2.3.1. Ҳолати кунунӣ

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми ҳамкории давлат ва ҷомеаи соҳибкорӣ дар мавриди ҳалли самараноки вазифаҳои давлатӣ ҳангоми маҳдуд будани имкониятҳои буҷет, муттаҳид намудани хароҷот ва тақсим намудани хавфҳо байни давлат ва бахши хусусӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад.

Мақсади асосии ҳамкории мазкур ҷалби сармоягузории бахши хусусӣ ба иқтисодиёт, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои инфрасохторӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо мебошад. Механизми ШДБХ ҳамчунин восита барои рушд ва таҳкими неруи инсонӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ мебошад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар раванди рушд метавонад дар амалӣ намудани нақша ва барномаҳои стратегӣ нақши муҳимро бозад. Шарикии воқеӣ ва мукаммали ҳамаи ҷонибҳои дахлдор дар лоиҳаҳои рушд метавонад паст кардани сатҳи коррупсия, инчунин баланд бардоштани натиҷабахшии захираҳои гузошташудаи ҳам давлатӣ ва ҳам хусусиро таъмин намояд.

Дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” амал мекунад, ки асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар бахши инфтрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоиро муайян карда, манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя менамояд. Шӯро оид ба ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ таъсис дода шудааст, ки он мақоми машваратии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2013, №289 Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои

шарикии давлат ва бахши хусусӣ" таъсис дода шудааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2013, №250 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии ҳамоҳангсози ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ таъин карда шудааст. Номгӯи иншооти инфрасохторӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ тасдиқ шудааст, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №581 тасдиқ шудааст) татбиқ карда намешавад.

**2.3.2. Мушкилоти асосӣ**

Сарфи назар аз қабули тадбирҳои андешидашудаи институтсионалӣ, дар соҳаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мушкилоти зерин ҷой доранд:

– номукаммалии шаклҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– фазои номусоид, аз ҷумла мавҷуд набудани дастгирҳои аҳамиятнок, кафолату ҳавасмандгардониҳои зарурӣ аз ҷониби давлат ҷиҳати ҷалби захираҳои бахши хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– заифии механизми ҳаммаблағгузории давлатӣ дар лоиҳаҳои ШДБХ;

– огоҳии сусти иштирокчиёни ШДБХ дар бораи механизм ва шаклҳои алоҳидаи он, татбиқи амалии онҳо ва натиҷаҳои имконпазири иҷтимоию иқтисодӣ;

– заифии иқтидори кадрии МД "Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ" дар самти таҳия, пешниҳод ва амалӣ намудани лоиҳаҳо, аз ҷумла дар ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ;

– набудани мутахассисони соҳибтахассус дар соҳаи ШДБХ, ки барои таҳия ва пешбарӣ намудани лоиҳаҳои эҳтимолӣ қодиранд;

– маҳдуд будани захираҳо, аз чумла захираҳои молиявӣ ва инсонӣ барои рушди институтсионалии чунин сохторҳо, ба монанди Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ» ва ташкилотҳои фармоишгар (мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ);

– маҳдудияти сарчашмаҳои иловагии (ғайрибуҷетӣ) маблағгузории дарозмуддати лоиҳаҳои ШДБХ;

– мавҷуд набудани муносибати дақиқу якхела дар масъалаи ҳамгироии шартномаҳои консессионӣ ба ШДБХ;

– мавҷуд набудани шаклу тартиби баҳисобгирӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва мониторинги лоиҳаҳои ШДБХ;

– набудани ташаббус аз ҷониби ташкилотҳои фармоишгар (мақомоти марказӣ ва маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ) дар татбиқи лоиҳаҳо тавассути механизми ШДБХ, аз ҷумла дар соҳаҳои иҷтимоӣ;

– мавҷудияти хавфҳо, аз ҷумла иқтисодӣ ва сиёсӣ, ба монанди зуд-зуд тағйир ёфтани сиёсати тарифӣ ва/ё фискалӣ, иваз карда шудани роҳбарияти ташкилотҳои фармоишгар ва кормандони онҳо ва дигар хавфҳои номусоиде, ки ба бахши хусусӣ дошта таъсири манфӣ мерасонанд;

– инкишоф наёфтани бозори маблағгузории дарозму{лат.

**2.3.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– Такмил додани заминаи қонунгузории ШДБХ дар асоси мутобиқ намудани таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи усулу воситаҳои ШДБХ, истифодаи шаклу механизмҳои мукаммалтари ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– фароҳам овардани шароити мусоид, аз ҷумла низоми дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ ва кафолатҳои муассир барои ҷалб намудани захираҳои бахши хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– ба роҳ мондани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ байни иштирокчиёни раванди ШДБХ барои табодули фикру ақида ва ташаккули муносибати ягона ба мушкилоти ШДБХ;

– таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушди ШДБХ;

– ташкили форумҳо ва мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои ШДБХ.

**2.3.4. Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолият барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ**

– таҳияи барномаҳои минтақавӣ ва соҳавии рушди ШДБХ, ки ҳадафу вазифаҳоро оид ба рушди он пешбинӣ менамоянд;

– такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши ШДБХ, аз ҷумла доир ба масъалаҳои ҳамкории иштирокчиёни ШДБХ ва алоқаманд намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»;

– баланд бардоштани иқтидори кадрии МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти таҳия, пешниҳод ва татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ШДБХ;

– мунтазам арзёбӣ намудани фаъолияти МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти кормандони он;

– рушди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки барориш ва гардиши коғазҳои қиматнокро дар лоиҳаҳои ШДБХ танзим мекунад;

– андешидани тадбирҳо, аз ҷумла омода намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои бахши хусусӣ дар лоиҳаҳои ШДБХ, аз ҷумла масъалаҳои дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ, кафолатҳо ва ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби давлат;

– таҳлили фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатӣ оид ба мувофиқати онҳо бо принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ;

– таҳияи шаклҳо ва тартиби баҳисобгирии лоиҳаҳои ШДБХ, инчунин индикаторҳо ва низоми мониторинги лоиҳаҳо;

– таҳияи расмиёт ва ҳуҷҷатҳо оид ба ҷалби ширкатҳои амалиётӣ (сармоягузорон/операторҳо) ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– омӯзиши мушкилоте, ки кишвар дар раванди ҷалби сармояи бахши хусусӣ барои рушди инфрасохтор ба онҳо дучор гардида метавонад.

### 2.3.5. Натиҷаҳои чашмдошт

– шумора ва ҳаҷми маблағгузории лоиҳаҳои ШДБХ ба таври назаррас зиёд мегарданд;

– иқтидори кадрии МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ» тибқи талаботи замони муосир такмил меёбад;

– барномаи мақсадноки рушди ШДБХ таҳия карда мешавад;

– заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар бахши ШДБХ, аз ҷумла доир ба масъалаҳои ҳамкории иштирокчиёни ШДБХ ва ҳамгироии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» такмил дода мешавад;

– низоми ҳавасмандгардонӣ, дастгирӣ ва кафолатҳои давлатӣ барои ҷалби захираҳои бахши хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ ташкил карда мешавад;

– механизми самараноки ҷорӣ намудани инноватсияҳо ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва хизматрасонӣ ташкил карда мешавад;

– механизмҳои ҳаммаблағгузории муштараки лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби давлат ташкил карда мешавад;

– иштирокчиёни раванд оид ба механизми ШДБХ, шаклҳои он, оид ба таҷрибаи истифодаи он ва натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳо аз тариқи ШДБХ хабар шудаанд;

– ҷалби захираҳои бахши хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ таъмин карда мешавад;

– мушкилоти ШДБХ, аз рӯи ташаббус, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ ҳадди ақал кам мешавад;

– дар самти ШДБХ мутахассисони дорои қобилияти таҳия ва пешбурди лоиҳаҳои эҳтимолӣ омода карда мешаванд;

– рушди институтсионалии чунин сохторҳо, ба монанди Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва ташкилотҳои фармоишгар (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ) таъмин мегардад;

– фонди рушди (таҳия ва дастгирии) лоиҳаҳои ШДБХ таъсис дода мешавад;

– заминаи ҳуқуқӣ оид ба ШДБХ ва консессияҳо ҳамоҳанг карда мешавад;

– таъсири хавфҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ то ҳадди ақал кам карда мешавад;

– феҳристи лоиҳаҳои ШДБХ таҳия мегарданд;

– нишондиҳандаҳо ва методологияи арзёбии лоиҳаҳои ШДБХ таҳия карда мешаванд.

# БОБИ 3. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКӢ ВА ГУНОГУНШАКЛИИ ЗАХИРАҲО ВА ИҚТИДОРИ БАХШИ ВОҚЕӢ ВА ҚОБИЛИЯТИ РАҚОБАТИ ИҚТИСОДИЁТ

## 3.1. Соҳаи саноат

### 3.1.1. Ҳолати кунунӣ

Дар давраи аз соли 2011 то соли 2015 дар саноати кишвар тамоюлҳои мусбии рушд нигоҳ дошта шуда, суръати устувори рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид. Дар соли 2011 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2010 - 5,7 фоиз, соли 2012 - 10,8 фоиз, соли 2013 - 3,8 фоиз, соли 2014 - 5,0 фоиз ва соли 2015 - 11,2 фоизро ташкил дод. Дар маҷмӯъ, соли 2015 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 12,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2011 38,3 фоиз зиёд аст. Зимнан, истихроҷи ангишт 4,2 маротиба, истеҳсоли хишти сохтмонӣ 2,0 маротиба, истеҳсоли семент 4,7 маротиба, маҳсулоти макаронӣ ва гӯштӣ 2,6 маротиба, маҳсулоти ширӣ 3,3 маротиба, маҳсулоти қаннодӣ 3,4 маротиба зиёд шуд. Рушди бадастомада асосан аз ҳисоби ташкили корхонаҳои нави бо техника ва технологияи муосир муҷаҳҳаз таъмин карда шуд.

### 3.1.2. Мушкилоти асосӣ

Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада, дар саноат мушкилоти зерин боқӣ мемонанд:

– ***номукаммал будани танзими гумрукию тарифӣ, сиёсати андоз ва дигар механизмҳои танзимкунандаи мусоидат ба рушди соҳа;*** Корхонаҳои саноатии ватанӣ бо сабаби номукаммалии чораҳои танзими гумрукию тарифӣ аз имкониятҳое, ки узвият дар СУС ба онҳо медиҳад, истифода карда наметавонанд. Масалан, меъёрҳои гумрукӣ барои воридоти матоъҳои пахтагин ва қолинҳо нисбат ба меъёрҳои пешбининамудаи СУС ба маротиб паст мебошад. Маълумоти омории давлатҳои шарик нишон медиҳад, ки дар бозори дохилии мамлакат маҳсулот бе сертификати мутобиқат ва пардохти боҷи гумрукӣ фурӯхта мешавад. Ба Тоҷикистон маҳсулоти аз рӯи вазн бе дарназардошти дона ва ҷуфт ворид карда мешавад. Ин принсипҳои рақобати солимро дар байни маҳсулоти воридотӣ ва ватанӣ вайрон мекунад;

– ***норасогии захираҳои молиявии худии корхонаҳо дар шароити фоизи баланди қарзи бонкӣ;*** Сатҳи мавҷудаи фоизи бонк аз 22 фоиз то 36 фоизро дар як сол ташкил медиҳад, ки ин аз сатҳи миёнаи даромаднокии корхонаҳои саноатӣ баланд аст. Ин ба рушди саноат дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат монеа эҷод мекунад. Ҳиссаи корхонаҳои зиёновар дар саноат ба 40 фоиз расидааст. Боқимонда корхонаҳои як замон фоидаовар бо даромаднокии хеле кам фаъолият мекунанд. Фонди истеҳлокии корхонаҳо аз рӯи таъйинот истифода намешавад. Дар шароити норасоии захираҳои молиявии худӣ корхона{о маҷбур мешаванд, ки ба сарчашмаҳои берунии қарзгирӣ муроҷиат кунанд, ки бо чунин сатҳи баланди фоизҳо ба зарарбинии аксар корхонаро оварда мерасонад;

– ***фарсудашавии баланди ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва инфрасохтор, ки боиси паст шуданисифати маҳсулот, харҷи зиёди энергия, меҳнат, масолеҳ ва коҳиши рақобатпазирии маҳсулот мегардад;*** Қариб 70 фоиз таҷҳизоти мавҷуда дар бахши саноат аз нигоҳи ҷисмонӣ ва маънавӣ кӯҳна мебошад, ки ин ба рушди саноатӣ ва инноватсионии кишвар монеъ шуда, имкон намедиҳад, ки маҳсулоти дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазир истеҳсол карда шавад. Масолехҳғунҷоии маҳсулот дар соҳа 60 фоиз ва меҳнатталабӣ 20 фоизро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, бидуни истисно қариб ҳамаи корхонаҳои саноатии Тоҷикистон, ки аксарияташон дар давраи шӯравӣ сохта шудаанд, ба навсозӣ эҳтиёҷ доранд;

– ***сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ;*** Дар солҳои ислоҳоти бозорӣ иқтидори инноватсионии мамлакат хеле коҳиш ёфт. Барои илм, танҳо 0,1 фоиз ММД кишвар сарф мешавад, ҳол он, ки ин нишондод дар Ҷумҳурии Қирғизистон 0,5 фоиз ва дар Федератсияи Россия 1,3 фоизро ташкил медиҳад. Агар дар соли 1990 ба 1 млн. аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти илмию тадқиқотӣ 1565 нафар машғул бошанд, пас дар соли 2014 ин нишондиҳанда 3,7 маротиба коҳиш ёфта, 423 нафарро ташкил дод.

Дар давоми даҳ соли охир дар кишвар зиёда аз 90 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 12 млрд. сомонӣ амалӣ карда шуд. Айни замон 63 лоиҳа бо маблағи умумии беш аз 19 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Вале бо вуҷуди ин, аз рӯи сатҳи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2014 Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ мақоми 150-ро ишғол намуд, ки ин мавқеи пасттарин дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Барои муқоиса, дар рейтинги мазкур Ҷумҳурии Қирғизистон мақоми 100, Ҷумҳурии Ӯзбекистон мақоми 86, Туркманистон мақоми 50, Ҷумҳурии Қазоқистон мақоми 29 ва Россия мақоми 4-умро ишғол менамоянд;

– ***сатҳи пасти диверсификатсия дар саноати коркард;*** Ҳаҷм ва намуди маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноатӣ дар муқоиса бо соли 1990 хеле коҳиш ёфтааст. Дар соҳаҳои саноати вазнин аз 50 номгӯи маҳсулоти муҳим истеҳсоли 34 номгӯи (68 фоиз) он қатъ шудааст ва ё дар ҳаҷми на зиёда аз 10 фоиз соли 1991 истеҳсол карда мешавад. Дар бахшҳои саноати сабук аз 11 номгӯи маҳсулоти асосӣ аз рӯи 4 намуди он ба сатҳи 17- 45 фоиз соли 1990 расонида шуда, номгӯи боқимондаи маҳсулот ё тамоман истеҳсол намешавад ва ё 3 фоиз сатҳи 1990-ро ташкил медиҳад. Ин бо чунин омилҳо, ба монанди қатъшавии алоқаҳои иқтисодӣ, сатҳи баланди фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии таҷҳизоти саноатӣ, набудани захираҳои қарзии дастрас ва ғайра алоқаманд мебошад.

### 3.1.3. Афзалиятҳои асосӣ ва марҳилаҳои амалӣ намудани онҳо

– баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркарди маҳсулоти ватанӣ, воситаҳои асосӣ, технологияву таҷҳизот;

– баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот.

Амалӣ намудани ин афзалиятҳо дар якчанд марҳила сурат мегирад. Дар марҳилаи аввал бояд вазифаи азнавтаҷҳизонии техники корхонаҳои соҳа, аз ҷумла сиёсати воридоти технологияи пешрафтаи кишварҳои

тараққикарда ҳал карда шавад. Дар марҳилаи дуюм ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ оид ба коркарди нахи пахта, пӯсти хом, пилла, ангур, мева ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ашёи хоми минералӣ оғоз меёбад. Дар марҳилаи сеюм амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёти ба содирот нигаронидашуда аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли молҳои ниҳоӣ дар корхонаҳои соҳаи саноат пешбинӣ гардидааст. Дар натиҷа ***асосҳо барои аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани иқтисодиёти мамлакат*** ташаккул дода мешаванд.

Инчунин сиёсати воридотивазкунии интихобӣ марҳила ба марҳила амалӣ мегардад. Дар ибтидо истеҳсолоти худӣ барои ивазкунии масолеҳи ашёи хом ва маҳсулоти оддии воридшаванда ташкил хоҳад шуд. Сипас амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти нисбатан мураккабтари саноатӣ оғоз мешавад. Дар натиҷаи диверсификатсияи саноат, микёс, арзиши пасти қувваи корӣ ва касби таҷрибаи корӣ нархи дохилии молҳои саноатии истеҳсоли ватанӣ рақобатпазир мегардад. Дар анҷом содироти онҳо оғоз меёбад. Татбиқи дурусти сиёсати рушди содирот ва воридотивазкунӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати содирот ва дар маҷмуъ иқтисодиёт замина фароҳам меоварад.

### 3.1.4. Самтҳои амалҳо ва чорабиниҳо барои ноил шудан ба афзалиятҳо

*1. Такмили чораҳои танзими гумрукию тарифӣ барои ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи меъёрҳои СУС тавассути:*

– таҳия ва андешидани тадбирҳо оид ба дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи меъёрҳои СУС;

– фароҳам овардани шароити одилонаи рақобати маҳсулоти ватанӣ ва воридотӣ;

– ҳимояи бозори дохилӣ аз маҳсулоти қочоқ, пастсифат ва зарарнок.

*2. Такмили сиёсати қарзию молиявӣ барои таъмини соҳаҳои саноат бо захираҳои қарзӣ бо шартҳои қобили қабул тавассути:*

– таҳия ва амалисозии механизми қарздиҳии имтиёзнок барои хариди таҷҳизоти нав ва ҳаҷми калони ашёи хоме, ки дар мамлакат истеҳсол карда намешавад;

– зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ (ФДС) ва паст кардани меъёри фоизи.

*3. Такмили сиёсати андоз барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионии соҳибкорони хусусӣ тавассути:*

– аз ААИ ва боҷҳои гумрукӣ озод кардани қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизот, ашёи хом ва масолеҳе, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол намешаванд;

– беҳтар намудани низоми маъмурикунонии андоз, ташкили низоми мусоиди андозбандӣ барои истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаҳои саноат бо истифода аз захираҳои маъдану ашёи хоми маҳаллӣ ва партовҳои истеҳсолие, ки воридивазкунии интихобӣ ва афзоиши содиротро таъмин мекунанд.

*4. Такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ тавассути:*

– таҳия ва қабули қонунҳо ва барномаҳои нави ба рушди содирот ва воридиваивазкунӣ равонагардида;

– ташкили ниҳодҳои мусоидат ба содирот, аз ҷумла ташаккули шабакаи интиқоли мол дар хориҷа;

– ташкили низоми суғуртаи амалиётҳои содиротию воридотӣ аз хатарҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ;

– ташкили дастгирии иттилоотию машваратӣ, мусоидати маркетингӣ ва таҳлилӣ дар пешбурди содирот;

– ислоҳоти сиёсати тиҷоратӣ бо мақсади соддагардонии расмиёти содирот ва воридот;

– ба роҳ мондани механизми ҳавасмандгардонии содироткунандагон;

– ворид намудани тағйирот ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳоро оид истихроҷи канданиҳои фоиданок танзим менамояд.

*5. Баланд бардоштани дараҷаи ҳимоя аз моддаҳои кимиёии хатарнок дар бахш саноат тавассути:*

– такмили қонунгузорӣ дар соҳаи тасниф ва тамғагузории моддаҳои кимиёвӣ дар асоси низоми байналмилалии ТТМК;

– таҳия ва тасдиқи Стратегияи ҷорӣ намудани ТТМК дар ҷумҳурӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи ТТМК;

– таҳия ва тасдиқи номгӯи моддаҳои кимиёие, ки бояд стандартизатсияи экологӣ ва сертификатсия (ҳатмӣ, ихтиёрӣ) шаванд, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз кардани моддаҳои кимиёии хатарнок бо моддаҳои алтернативии хатари камтар дошта;

– ташкили низоми ягонаи иттилоотии дастрасӣ ба маълумот оид ба маводҳои кимиёвӣ;

– омода ва тасдиқ намудани феҳристи корхонаҳое, ки дар муомилоташон моддаҳои кимиёии хатарнок вуҷуд доранд.

*6. Таҷдиди соҳаҳои саноатӣ ва диверсификатсияи он тавассути:*

– таҳия ва татбиқи Барномаи саноатии ягона, ки сохтмони корхонаҳои нав ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои амалкунандаи соҳаро пешбинӣ менамояд;

– таҳия ва қабули маҷмӯи чораҳо оид ба ҷалби воситаҳои фондҳои инноватсионии рушд, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ;

– таҳия ва қабули маҷмӯи тадбирҳо оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ дар саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиё, саноати кӯҳӣ, металлургияи ранга, саноати масолеҳи сохтмонӣ ва дар дигар соҳаҳо;

– таҳия ва қабули маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ТИТК ва истеҳсолоти илмталаб, ташкили паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра;

– таҳияи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат;

– бо дарназардошти имкониятҳои буҷетӣ, ташкил ва истифодаи воситаҳои «Фонди сармояи венчурӣ» барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба кам намудани хароҷоти корхонаҳои саноатӣ;

– таҳияи лоиҳаҳо оид ба зиёд намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ дар заминаи истифодаи нисбатан пурраи захираҳои маҳаллӣ;

– таъсис ва рушди ассотсиатсияҳои соҳавӣ;

– ҷорӣ намудани усулҳои самарабахши истифода ва нобудкунии партовҳо.

*7. Баланд бардоштани сифат ва эътибори маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ тавассути:*

– ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии сифат дар корхонаҳои саноатӣ;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосири аз нигоҳи экологӣ бартариятдошта;

– истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои пешбурди маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

– таҳия ва пешбурди брендҳои миллии корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи шинохташавии маҳсулот бо нишонаи «Истеҳсоли Тоҷикистон» дар бозорҳои хориҷӣ;

– мусоидат намудан ба иштироки корхонаҳо дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои байналмилалии саноатӣ;

– сохтмони объектҳои нав дар доираи сиёсати содирот ва воридотивазкунӣ ва афзоиши содирот.

**3.1.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– ҳиссаи саноат дар сохтори ММД мамлакат аз ҳисоби рушди босуръати соҳа ва баланд шудани арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ то 13,5 фоиз расида, барои гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ замина гузошта мешавад;

– рақобатпазирии маҳсулот баланд бардошта шуда, афзоиши содироти саноатѣ ба андозаи 40 фоиз таъмин карда мешавад, ки эътибори маҳсулоти саноатии Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд мебардорад;

– беш аз 28 ҳазор ҷойҳои кории нав, аз ҷумла ҷойҳои кории инноватсионӣ ташкил карда мешавад, ки шуғли пурмаҳсулро дар саноат ва дар дигар соҳаҳои дахлдор таъмин мекунад.

**3.2. Бахши аграрӣ: амнияти озуқаворӣ ва таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат**

**3.2.1. Вазъи муосир ва таҳдидҳои талаботи афзоишёбандаи ҷаҳонӣ ба озуқа**

Арзёбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки афзоиши мунтазами аҳолии ҷаҳон, афзоиши бекорӣ, баландравии нархи захираҳои энергетикӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои замину об дар аксар давлатҳои ҷаҳон боиси баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣ гардад. Аз ин рӯ, бахши кишоварзии Тоҷикистон барои ба таҳдидҳои тақозои

афзоишёбандаи ҷаҳонӣ ба озуқа ҷавобгӯ будан бояд ба рушди устувори интенсивӣ ноил гардад. Соҳаи кишоварзии кишвар аз рӯи ҳисса дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ ва соҳаҳои саноат бо ашёи хом, шумораи аҳолии машғул яке аз соҳаҳои муҳими стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Саҳми бахши муҳимтарин - соҳаи кишоварзӣ дар ММД-и кишвар 23,3 фоизро ташкил медиҳад. Қариб 2/3 корхонаҳои истеҳсолии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои агросаноатӣ мебошанд.

Суръати миёнаи солонаи рушди маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 ба андозаи 9-9,5 фоиз ва дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷет дар ин давра 1,7 млрд. сомониро ташкил дод. Дар давоми 15 соли охир дар бахши кишоварзии кишвар 42 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 3,7 млрд. сомонӣ амалӣ шудааст. Дар ин давра зиёда аз 20 ҳазор гектар замини кишоварзӣ азхуд карда шуда, майдони зироатҳои бисёрсола 54 ҳазор гектар зиёд карда шуд, зиёда аз 100 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуда, 52 корхонаҳои хурд ва миёна коркарди маҳсулоти гӯшту шир ташкил ва ба истифода дода шудааст. Имрӯз 65,8 фоиз аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунад.

Пахта, меваи тару хушк, пиёз ва сабзавот молҳои асосии содиротии кишоварзии кишвар мебошанд. Дар давраи солҳои 2011-2015 содироти пахта 15 фоиз ҳаҷми умумии даромади содироти кишварро таъмин мекард, ба ҳиссаи меваи хушк ва пиёз бошад, тақрибан 80 фоиз содироти молҳои озуқаворӣ рост меомад. Ҳоло масоҳати заминҳои кишт 3604,6 ҳазор гектар, аз онҳо 730,4 ҳазор гектарро заминҳои обёришаванда ташкил мекунанд. Замини шудгор 839,6 ҳазор гектар, аз ҷумла заминҳои обёришаванда 564,7 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд. Заминҳои шудгори обёришавандаи дар ихтиёри хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ қарордошта 458,3 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар ихтиёри хоҷагиҳои ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолЬ мутаносибан 17,0 фоиз, 60,0 фоиз, 23,3 фоиз заминҳои корам қарор дорад ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мутаносибан 6,0 фоиз, 30,6 фоиз, 63,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи солҳои 2011-2015 истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар чунин тамоюли афзоиш дорад: ғалладона ва зироатҳои лӯбиёгӣ 1,2 маротиба, сабзавот 1,3 маротиба, полезӣ 1,3 маротиба, мева ва буттамева 1,3 маротиба, ангур 1,2 маротиба, гӯшт 1,3 маротиба, шир 1,3 маротиба ва тухм 1,2 маротиба. Истеҳсоли пахта ва картошка дар ҳамин давра мутаносибан 12,0 фоиз ва 1,1 фоиз кам шудааст. Дар соли 2015 дар соҳаи кишоварзии мамлакат 1378,5 ҳазор тонна ғалладона ва зироатҳои лӯбиёгӣ, 265,5 ҳазор тонна пахта, 866,7 ҳазор тонна картошка, 1600,1 ҳазор тонна сабзавот, 575,7 ҳазор тонна полезӣ, 280 тонна мева ва буттамева, 195,8 ҳазор тонна ангур, 166,1 ҳазор тонна гӯшт, 742,8 ҳазор тонна шир, 6,4 тонна пашм, 3,6 ҳазор тонна асал ва 315, 6 млн. дона тухм истеҳсол карда шуд.

Дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 20 барномаи соҳавии миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат татбиқ шуда истода, як қатор қарорҳо, пешниҳодҳо ва санадҳои меъёрӣ қабул карда шудаанд. Маълумоти шарҳи пешакии иҷрои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2015 аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи аксарияти параметрҳои стратегияи мазкур ба мақсадҳои гузошташуда ноил шудааст. Дар мамлакат «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015» ва Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд.

**3.2.2. Мушкилоти асосӣ**

Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада, дар ин бахш масъалаҳои ҳалталаб боқӣ монда, мушкилоти нав пайдо шудааст, аз ҷумла:

– самаранокии пасти татбиқи ислоҳот ва номукаммалии муносибатҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ метавонад ба соҳа таъсири манфӣ расонад;

– субсидияҳои нокифояи ҳукуматӣ, ҳаҷми ками сармоягузориҳо ва дастрасии маҳдуди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба қарз;

– инфрасохтори суст инкишофёфтаи нақлиётӣ, бадшавии ҳолати роҳҳо дар минтақаҳои деҳот ва набудани дастрасӣ ба иттилооти бозорӣ;

– муташаккилии нокифояи деҳқонон, инфрасохтори инкишофнаёфтаи бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва мураккабии дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба он, набудани малакаҳои маркетингӣ;

– дар ҳолати коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва зиёдшавии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат таъсири манфӣ расонида мешавад;

– назорати суст аз болои технологияи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ки ба истеҳсолоти агросаноатӣ дар маҷмӯъ ва инчунин ба сифати маҳсулоти хӯрокворӣ таъсири манфӣ мерасонад;

– истифодаи ғайриоқилона ва идоракунии ҳамгирои сусти захираҳои табиӣ ва низоми сусти обёрӣ, ки ба коҳишёбии ҳосилхезии хок, бад шудани ҳолати мелиоративии он ва зиёд шудани масоҳати заминҳои истифоданашаванда оварда расонидааст;

– номукаммалии механизмҳои иқтисодии таъмини пӯшонидани хароҷоти нигоҳдорӣ ва истифодабарии инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо дар зироаткории обёришаванда, номукаммалии низоми субсидияи давлатӣ барои пардохти истифодаи неруи барқ бо мақсади обёрии мошинӣ, таъсири манфии сиёсати тарифии мавҷуда дар соҳаи обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо барои самаранокии фаъолияти соҳа;

– инкишоф наёфтани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва нигоҳ дошта шудани мушкилоти дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба бозор;

– ҳал нагардидани масъалаи гузаронидани инфрасохтори обёришаванда ва заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО), нокифоя будани дастгирии давлатӣ барои рушди устувор ва фаъолияти ин ассотсиатсияҳо;

– набудани низоми самараноки ҳавасмандгардонии давлатӣ барои азхуд намудани заминҳои нави кишоварзӣ ва ба муомилот баргардонидани заминҳои қаблан обёришавандаи шӯр, ботлоқзор ва истифоданаванда.

**3.2.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– густариши ислоҳоти аграрӣ бо мақсади ташаккул ва рушди истеҳсолоти кишоварзии сердаромад;

– таъмини дастрасии устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ ва қарзӣ;

– такмили инфрасохтор ва таъминоти моддию техникии соҳаи кишоварзӣ;

– бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани сифати ғизо.

**3.2.4. Вазифаҳои асосӣ ва самти амал барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ**

*1. Густариши ислоҳоти аграрӣ бо мақсади ташаккул ва иникшофи истеҳсолоти кишоварзии сердаромад тавассути:*

– инкишофи барномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ;

– такмили вазифаҳои идоракунӣ ва сохтори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мунтазам гузаронидани мониторинг ва арзёбии ислоҳоти аграрӣ бо истифода аз индикаторҳои гендерӣ;

– такмили сиёсати хоҷагиҳои деҳқонӣ;

– инкишоф додани шабакаи кооперативҳои кишоварзӣ;

– содда гардонидани шаклҳо ва муҳлатҳои ҳисоботдиҳии оморӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

– ташкил ва инкишоф додани низоми идоракунии ҳавзавии захираҳои об;

– барқарор намудани низомҳои обёрӣ, навсозии фондҳои истеҳсолии хоҷагии об;

– бо дарназардошти имконияти буҷети давлатӣ, такмил додани механизми андозбандии корхонаҳои кишоварзӣ;

– фаъолияти устувори низоми нигоҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ асоси фаъолияти устувори кишоварзии обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолии деҳот ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ;

– барқарор намудани низомҳои обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо барои баланд бардоштани сатҳи бообтаъминкунии обёришаванда, беҳтар намудани холати мелиоративии заминҳои шӯр ва ботлоқзорҳо.

*2. Таъмини дастрасии устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ ва қарзӣ тавассути:*

– таҳияи механизми пешниҳоди қарзҳои кӯтоҳму{лат, миёнаму{лат, дарозму{лат ва қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, инкишофи кооперативҳои қарзӣ;

– ташкили низоми миллии суғуртаи истеҳсолоти кишоварзӣ;

– ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузории соҳаи кишоварзӣ.

*3. Беҳтар намудани инфрасохтор ва таъминоти моддию техникии кишоварзӣ тавассути:*

– ташкил ва инкишоф додани кооперативҳои хизматрасонӣ ва таъмини маълумотдиҳӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;

– бунёди истгоҳҳои моддию техникӣ дар заминаи АХД, рушди агролизинг, баланд бардоштани сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ;

– баланд бардоштани дараҷаи тиҷоратикунонии истеҳсолот тавассути инкишофи малакаҳои маркетингӣ ва касбии кормандони соҳаи кишоварзӣ;

– омода намудан ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти самтҳои асосии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ.

*4. Бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани сифати ғизо тавассути:*

– истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва об ва таҳияи чораҳо ҷиҳати маълумотдиҳӣ ба аҳли ҷомеа оид ба вазъи экологии захираҳои замин ва об;

– ташкили низоми такмили сохтори майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ ва беҳтар намудани истифодабарии чарогоҳҳо;

– рушди тухмипарварӣ ва зотпарварӣ дар асоси ташкили заминаи устувори тухмии зироатҳои кишоварзӣ ва коркарди низоми дастгирии рушди зотпарварӣ;

– баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ тавассути ташкили механизми таъмини талаботи хоҷагиҳо ба тухмии хушсифат;

– таъмини талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба нуриҳои минералӣ ва воситаҳои кимиёии ҳифзи растаниҳо ва истифодабарии меъёрии онҳо;

– ташкили низоми дастрасии баробарҳуқуқ ва саривақтии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба захираҳои об барои обёрӣ.

**3.2.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– сатҳи амнияти озуқаворӣ баланд бардошта шуда, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат (бо микровитаминҳо ғанӣ гардонидани ғизо, ғизои дуруст ва таъмини оби тозаи ошомиданӣ) аз ҳисоби рушди интенсивии кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсолоти воридотивазкунанда таъмин карда мешавад;

– дараҷаи муайяни солимгардонии молиявии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ таъмин мешавад;

– принсипи лоиҳавии дастгирии давлатии молиявии исте{солкунандагони кишоварзӣ ҷорӣ карда мешавад;

– касри захираҳои сармоягузорӣ барои рушди КАС коҳиш ёфта, сарчашмаҳои дохилӣ ва берунии маблағгузории соҳа ҷалб ва сафарбар карда мешавад;

– низоми миллии суғуртаи ҳосили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), махсусан фермерҳои хурду миёна инкишоф ёфта, талафоти ҳосил коҳиш меёбад;

– барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушди соҳаи кишоварзӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ мешаванд;

– шабакаи барқарорсозӣ ва таҷдиди хатҳои интиқоли қувваи барқ барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ амал мекунад;

– дастрасӣ ба бозорҳои фурӯши нуриҳои минералӣ ва химикатҳо, қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ, нуқтаҳои хизматрасонии байторӣ ва хадамоти ҳифзи растаниҳо васеъ мешавад;

– барномаи давлатии механиконидани соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи 2017-2020 қабул ва татбиқ мешавад;

– барномаҳои интихобии технологияҳои сарфакунандаи об (ҷамъоварии оби борон, обёрии қатрагӣ ва ғайра) ҷорӣ карда шуда, сатҳи обтаъминкунии микдори боз ҳам зиёдтари заминҳо баланд бардошта мешавад;

– заминҳои бекорхобида ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда шуршавӣ ва ботлоқшавии заминҳо пешгири карда мешавнд;

– принсипи идоракунии ҳамгирои захираҳои об ва муносибати дарёӣ-ҳавзавӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки гузариш ба идоракунии бахши об аз сарҳадҳои маъмурӣ ба сарҳадҳои гидрологиро дар назар дорад;

– чор ташкилоти миллии ҳавзавӣ ва чор ташкилоти зерҳавзавӣ таъсис дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳалли масъалаҳои фаврии идоракунии захираҳои об, аз ҷумла барои обёрӣ нигаронида мешавад;

– низоми кооперативии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 на камтар аз 70 фоиз истеҳсолкунандагон, аз ҷумла коркард ва фурӯши маҳсулотро дар бар мегирад;

– заминаи меъёрии ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию тадқиқотӣ дар соҳаи кишоварзӣ такмил дода мешавад;

– модулҳои васеи техникии таълимдиҳии деҳқонон (фермерон) оид ба масъалаҳои истеҳсолоти самаранок, технологияҳои коркард ва фурӯш, идоракунии самаранок ва оқилонаи хоҷагии деҳқонӣ таҳия мешаванд;

– заминаи моддию техникии барномаҳои селексионии Институти илмию тадқиқотии «Зироаткор» ва Институти илмию тадқиқотии «Боғпарвар»-и Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон такмил дода мешаванд;

– барнома{ои таълимии Доишго{и аграрии Тохикистон ва коллех{ои кишоварзb такмил мешаванд;

– маълумоти бозорb тавассути дастгирии Агентии омори назди Президенти Хум{урии Тохикистон бе{тар мегардад.

## 3.3. Комплекси сӯзишворию энергетикӣ

### 3.3.1. Вазъи муосир

Асоси тавозуни энергияи аввалияро дар Тоҷикистон сӯзишвории ангишти худӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ ва маҳсулоти нафту газии воридшаванда ташкил медиҳанд. Қариб 96 фоиз неруи барқ дар неругоҳҳои обии иқтидори хурд, миёна ва калон истеҳсол карда мешавад. Ба истифода додани МБГ-2 Душанбе бо иқтидори 100 мВт имконият дод, ки эътимоднокии таъмини барқ дар шаҳри Душанбе боло бурда, сарбории шабакаҳои барқӣ аз ҳисоби истеҳсоли энергияи {ароратb коҳиш дода шавад. Бо мақсади коҳиши вобастагӣ аз воридоти гази табиӣ ва маҳсулоти

нафтӣ, дар мамлакат ҷиҳати диверсификатсияи дастрасӣ ба захираҳои ҳомили энергия, аз ҷумла ангишт чораҳо андешида шудаанд. Барои инкишофи соҳаи ангишт дар солҳои 2007-2015 тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 35 млн. доллари ШМА равона гардида буд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда истихроҷи ангишт мунтазам зиёд шуда, дар соли 2014 875 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки аз истихроҷи он дар соли 1991 се маротиба зиёдтар аст. Дар татбиқи Барнома оид ба самаранокии истифодаи захираҳои обию энергетикӣ ва сарфаи энергия барои солҳои 2012-2016 бо ҳаҷми маблағгузории қариб 3 млрд.доллари ШМА муваффақиятҳои муайян ба даст оварда шудаанд. Дар доираи барномаи мазкур корҳо оид ба таҷдиди зеристгоҳҳои барқӣ, кам кардани талафоти неруи барқ, ташкили корхонаҳои истеҳсоли лампаҳои каммасраф бо тавоноии 1,2 -1,5 млн. дона дар як сол анҷом дода шуданд. Дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҷрибаи мусбӣ ба даст омадааст, ки намунаи он созишномаи консессионӣ оид ба сохтани манбаъҳои мухтори энергия дар минтақаҳои ғайримарказонидашудаи таъмини барқ мебошад. Лоиҳаи сохтмони ХИБ-500 кВ амалӣ карда шуд, ки барои муттаҳид кардани низоми энергетикии ҷанубу шимол имконият фароҳам овард. Ташхиси мустақили байналмилалии лоиҳаи сохтмони неругоҳи барқи обии "Роғун" ва арзёбии таъсири экологиву иҷтимоии он аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ, коршиносони мустақили байналмилалӣ ва ширкату мутахассисони хориҷии соҳа гузаронида шуд.

Барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои нодири гидроэнергетикӣ ва захираҳои калони ангишт мебошад, иникшофи оқилонаи КСЭ метавонад катализатори рушди саноат, кишоварзӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад. Истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикии кишвар барои афзун намудани содироти неруи барқ (иқтидор) ва воридоти асъор замина фароҳам меорад.

Дар баробари ин имкониятҳои истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ аз омилҳои табиию иқлимӣ, ки боиси тағйирёбии маҷрои оби дарёҳо дар тӯли мавсим ва чандсолаҳо мегарданд, вобаста буда, ҷалби захираҳои назарраси сармоягузориро тақозо мекунад. Маҳдудиятҳои мавсимӣ дар дастрасӣ ба неруи барқ барои инкишофи фаъолнокии корӣ дар Тоҷикистон монеа эҷод намуда, рушди иқтисодии онро бозмедоранд.

Айни замон зиёда аз 200 корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ ангиштро ҳамчун сӯзишвории алтернативӣ ба гази табиӣ истифода мекунанд. Тараққиёти зеринизоми ангишти КСЭ имконият медиҳад, ки вобастагии иқтисодиёти ҷумҳурӣ  аз воридоти гази табиӣ ва маҳсулоти нафтӣ кам карда шавад. Дар ҳаҷми умумии истихроҷи ангишт усули карерии истихроҷи он (зиёда аз 90 фоиз) бартарият дошта, имкониятҳои назарраси истихроҷи шахтагӣ мавҷуд мебошанд. Дар соҳаи ангишт дар давоми солҳои 2007-2015 зиёда аз 35 млн. доллари ШМА, ки ҳиссаи назарраси онро сармоягузории хориҷӣ ташкил медиҳад, равона карда шуд ва ин имконият дод, ки ҳаҷми истихроҷи он ба 1070,1 ҳаз. тонн расонида шавад.

Сарфи назар аз тағйироти мусбӣ дар КСЭ кишвар, дар соҳа мушкилоти зиёд, аз ҷумла норасогии баръалои энергетикии ноҳияҳо дар давраи тирамоҳу зимистон ҳалношуда боқӣ мемонад, ки ин ба иқтисодиёти

мамлакат таъсири манфӣ расонида, дар инкишофи шаҳру ноҳияҳо нобаробариро ба вуҷуд меорад.

**3.3.2. Мушкилоти асосӣ**

Чораҳои андешидашаванда барои ҳалли мушкилоти таъмини истиғлолияти энергетикии кишвар кифоя нестанд.

***Мушкилоти аҳамияти бештар дошта инҳо мебошанд:***

***– диверсификатсияи сусти сарчашмаҳои истеҳсоли энергия ба он оварда расонидааст, ки вазни қиёсии энергияи НБО дар ҷумҳурӣ 92-95 фоиз истеъмоли умумии энергияро ташкил медиҳад.***

Имконияти истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ аз омилҳои табиию иқлимӣ вобаста мебошад. Дар давраи тирамоҳу зимистон аз сабаби кам шудани маҷрои об дар дарёҳо коркарди энергияи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ ба таври назаррас кам шуда, дар натиҷа дар давраи ишорашуда норасоии баръалои неруи барқ ба вуҷуд меояд. Вобаста ба норасоӣ неруи барқ (иқтидор) ҳар сол дар давраи тирамоҳу зимистон маҳдудияти таъминоти барқ ҷорӣ карда мешавад. Маҳдудияти (қатъи) дастрасӣ ба неруи барқ асосан барои истеъмолкунандагони деҳот ҷорӣ карда мешавад, ки дар он ҷо қариб 73 фоизи аҳолии кишвар зиндагӣ мекунанд.

Дар давраи баҳору тобистон аз сабаби маҳдудияти талабот дар бозори дохилӣ ва набудани имконияти содироти неруи барқ (иқтидор) самаранокии истифодаи иқтидори мавҷудаи неругоҳҳои барқи обӣ (НБО) коҳиш меёбад. Ҳаҷми умумии партови холии об дар ҳама неругоҳҳои барқи обии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соли 2013 24589,46 млн. $м^3$ ташкил дод, ки ба 8085,62 млн. кВт.соат неруи барқ баробар мебошад.

Мушкилоти гармитаъминкунии алтернативии шаҳрҳои калону миёна аҳамияти муҳим дошта, дар ин замина зарурати таҷдиди марказҳои барқу гармидиҳии мавҷуда ва сохтани марказҳои барқу гармидиҳӣ ва дегхонаҳои нав, истифодаи сарчашмаҳои мухтори энергияи гармӣ, аз ҷумла дар асоси истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар биноҳои истиқоматӣ ва маъмурии лоиҳавӣ ба миён меояд.

***– сатҳи нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт баланди қарзи берунӣ дар энергетика, ки дар он 24 созишномаҳои қарзӣ ба маблаги 1111,4 млн. доллари ШМА татбиқ шуда истодаанд.***

Афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ ба энергетикаи Тоҷикистон гарчанде ба ҳалли мушкилоти таъмини боэътимоди неруи барқ равона шуда бошад ҳам, вале ба амнияти инвеститсионии энергетикаи ватанӣ ва дар маҷмӯъ кишвар таҳдид мекунад.

***– сиёсати тарифии номуносиби неруи барқ зимни вуҷуд доштани маданияти пасти истеъмоли барқ ва сатҳи баланди талафоти он.***

Ҷамъоварии пардохтҳои аз рӯи ҳисобҳои пешниҳоднамудаи ШСХК «Барқи Тоҷик» қариб 60 фоизро ташкил медиҳад. Талафоти техникӣ қариб 18 фоизи истеҳсоли неруи барқро ташкил медиҳад (аз рӯи таҳлилҳои мавҷуда талафоти воқеӣ 33–35 фоизро ташкил медиҳад). Айни замон, неруталабии ММД Тоҷикистон нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қариб ду маротиба зиёд аст. Неруталабии алюминии аз ҷониби ширкати ТАЛКО истеҳсолшаванда, ки

бузургтарин истеъмолкунандаи ватании барқ мебошад, аз ҳамин нишондиҳандаи ширкатҳои хориҷӣ, ки таҷҳизот ва технологияи муосири электролизро истифода мекунанд, қариб 20 фоиз зиёд мебошад. Таҳдидҳо ба амнияти энергетикӣ инчунин ба номукаммалии сиёсати тарифӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқии истифодаи самараноки манбаъҳои ҳомили неру, аз ҷумла дар бахши таъминоти гармЂ алоқаманд мебошанд.

– ***менеҷменти заифи энергетикӣ, набудани малакаҳои тиҷоратӣ ва молиявии идоракунӣ.***

Дар энергетикаи ватанӣ, ки асоси онро ширкати давлатии «Барқи Тоҷик» ташкил медиҳад, новобаста аз чораҳои андешидашуда оид ба тақсимкунии вазифаҳои коркард, тақсимот ва интиқоли неруи барқ дар байни воҳидҳои сохтории он, сатҳи ба шароити муосир номутобиқи менеҷменти энергетикӣ ва устувории молиявӣ, самаранокии пасти тиҷоратикунонии бахш нигоҳ дошта мешавад. Мушкилоти коркарди тавозуни сӯзишворию энергетикии кишвар ва муносибгардонии он муҳим боқӣ мемонад.

– ***инфрасохтори энергетикии инкишофнаёфта, аз ҷумла таъминкунандаи ба гардиши хоҷагидорӣ ворид кардани энергияи офтоб, бод ва маводи билогӣ.***

Набудани хатҳои интиқоли барқ, зеристгоҳҳои трасформаторӣ, иттилоот дар хусуси сарчашмаҳои алтернативии энергия ва марказҳои дахлдори таъмини техникӣ ва хизматрасонии онҳо ба амнияти энергетикии маҳалҳои истиқоматии аз марказҳои сарбории энергетикӣ дар масофаи дур қарордошта ва фаъолнокии кории аҳолии дар онҳо истиқоматкунанда таҳдид эҷод мекунад. Фарсудашавии ҷойдоштаи инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ самаранокӣ ва эътимоднокии интиқоли маводи ҳомили энергияро кам менамояд, ки дар натиҷа ба талафот, афзоиши хароҷоти истеъмолкунандагони сӯзишворӣ ва неруи барқу гармӣ оварда мерасонад.

**3.3.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– диверсификатсияи сарчашмаҳои энергия ҳам аз ҳисоби азхудкунии иқтидори гидроэнергетикӣ, ҳам аз ҳисоби сохтмони НБ[, истифодаи энергияи офтоб, бод ва маводи биологӣ, амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо оид ба сарфаи энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисоди миллӣ;

– ноил шудан ба тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар энергетикаи ватанӣ ва ин имконият медиҳад, то рушди босубот ва самараноки ҳамаи зернизомҳои КСЭ, ки таркиби муҳимтарини он на танҳо иқтидори табиию захиравӣ, балки инчунин неруи инсонӣ ва инноватсионӣ хоҳад буд, таъмин карда шавад;

– ҳавасмандгардонии рушди босуботи превентивии соҳаҳои алоқаманд ва инфрасохтори энергетикӣ;

– сохтмон ва таҷдиди иншооти наву мавҷудаи тавлиди неруи барқ ва шабакаҳои барқӣ, кам кардани талафоти неруи барқ ва рушди бозори минтақавии фурӯши неруи барқ.

**3.3.4. Вазифаҳои асосӣ ва самт{ои фаъолият барои ноилшавӣ ба афзалиятҳо**

*1. Диверсификатсияи манбаъҳои энергия тавассути:*

– идомаи азхудкунӣ ва истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикӣ дар асоси амалӣ намудани барномаи рушди гидроэнергетикаи хурд ва мониторинги неругоҳҳои хурди барқи обии қаблан сохташуда, таҷдиди НБО-и мавҷуда ва сохтани НБО-и нав, аз ҷумла НБО "Роғун";

– идомаи корҳо оид ба кашф ва азхудкунии захираҳои сӯзишвории органикӣ, зиёд кардани ҳаҷми истихроҷи ангишт ва истеҳсоли газ аз он дар асоси таҳия ва татбиқи барномаи мақсадноки инкишофи истихроҷ (аз ҷумла бо усули шахтагӣ) ва коркарди ангишт;

– татбиқи лоиҳаҳои сохтмони НБ[-и ангиштӣ бо риояи талаботи экологӣ тавассути ворид кардани иқтидорҳои нав, аз ҷумла дар МБГ-2 Душанбе ва МБГ дар вилояти Суғд;

– ҳавасмандгардонии ба гардиши хоҷагидорӣ ворид кардани МБЭ (офтоб, биогаз, бод) дар асоси қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қарздиҳӣ ва андозбандии имтиёзноки соҳибкорӣ дар соҳаи лоиҳакашӣ, истеҳсол ва истифодаи таҷҳизот дар асоси МБЭ, таъсиси марказҳои таълимӣ ва хизматрасонии муосидат ба тавсеаи истифодаи МБЭ;

– таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳое, ки тиҷоратикунонии корхонаҳои КСЭ ва диверсификатсияи шаклҳои моликиятро дар соҳаи энергетика пешбинӣ мекунанд;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои он;

– таъсиси мақоми мустақил оид ба коркарди сиёсати тарифӣ, истисно намудани пешниҳоди кӯмаки мутақобилаи молиявӣ ба категорияҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон дар низоми тарифҳои неруи барқ.

*2. Ноил шудан ба тағйироти мусбати миқдорӣ ва сифатӣ дар энергетикаи ватанӣ тавассути:*

– баланд бардоштани самаранокии менеҷменти энергетикӣ ва молияви КСЭ тавассути татбиқи сиёсати кадрии самаранок, ки таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки омодакунӣ ва такмили ихтисоси ҳайати кормандон, аттестатсияи мунтазам ва сертификатсияи менеҷеронро дар корхонаҳои энергетикӣ пешбинӣ менамояд;

– реструктуризатсияи энергетикаи ватанӣ, татбиқи ислоҳоти сохтории КСЭ, муносибгардонии низоми идоракунии ширкатҳои энергетикӣ ва корхонаҳои соҳаи сӯзишворӣ тавассути ташкили маркази ягонаи таҳлилии КСЭ, ки фаъолияти муштарак ва ояндабинии инкишофи соҳаҳои ба он алоқамандро дар асоси таҳия ва муносибгардонии тавозуни сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро таъмин менамояд;

– таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои пешбиникунандаи тиҷоратикунонии КСЭ ва гуногунсозии шаклҳои моликият дар бахши

энергетика, низоми чораҳои дастгирии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар КСЭ;

– диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории КСЭ дар асоси пешбурди ислоҳот дар зернизомҳои соҳавии КСЭ бо мақсади таъмини ҷолибияти инвестисионӣ ва зиёдкунии ҳиссаи сармоягузории хусусии дохилӣ ба ин соҳаҳои со{ибкории энергетикӣ;

– афзун гардонидани имкониятҳои ташаккулдиҳандаи буҷети давлатӣ аз ҳисоби КСЭ дар асоси татбиқи иқтидори содиротии электроэнергетикаи ватанӣ тавассути истифодаи механизмҳои дипломатияи энергетикӣ ва имкониятҳои лоиҳаи CASA-1000, чораҳо оид ба ноил шудан ба шаффофияти молиявии корхонаҳои КСЭ, ба истифода додани агрегатҳои НБО Роғун ва Шӯроб, баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои истгоҳҳои барқии амалкунанда.

*3. Ҳавасмандгардонии рушди босуботи превентивии соҳаҳои алоқаманд ва инфрасохтори энергетикӣ тавассути:*

– таъмини дастрасӣ ҳамаи истеъмолкунандагон, новобаста аз категория, мансубияти минтақавиашон ва фасли сол, ба энергия дар асоси ворид намудани иқтидорҳои нав ва истифодаи самараноки иқтидорҳои ҷойдошта, инкишофи инфрасохтори энергетикӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои таъмини ғайримарказонидашудаи барқ;

– таҳияи низоми чораҳо оид ба ҳавасмандгардонии сарфи энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии истеҳсолот;

– таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани ҷолибияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташаббусҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бахши со{ибкории энергетикӣ;

– баланд бардоштани амнияти экологии рушди КСЭ дар асоси таҳия ва қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чораҳои таъмини амнияти экологии объектҳои энергетика.

### 3.3.5. Натиҷаҳои чашмдошт

Татбиқи самт{ои амалҳо оид ба рушди КСЭ барои солҳои 2016-2020 имконият медиҳад, ки таҳдидҳо ба амнияти энергетикӣ коҳиш дода, талабот ба энергетикаи ватанӣ, ки аз гузариши пешбинишудаи иқтисодиёти мамлакат аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ бармеояд, қонеъ гардонида шавад ва дар панҷсолаҳои минбаъда Тоҷикистон дар бозорҳои минтақавии энергетикӣ мавқеи пешсафро ишғол намояд, ки бо ноил гардидан ба натиҷаҳои зерин таъмин карда хоҳад шуд:

– диверсификатсияи истеҳсоли захираҳои энергетикӣ дар асоси сохтани неругоҳҳои нави барқӣ (ба истифода додани иқтидорҳо дар зеристгоҳҳои {ароратЬ 700 мВт. ва истеҳсоли солонаи неруи барқ дар онҳо 3487,5 млрд. кВт.соатро ташкил медиҳад, истихроҷи ангишт дар соли 2020 ба 4046,9 ҳазор тонна баробар мешавад), ба гардиши хоҷагидорӣ ворид намудани МБЭ дар ҳамбастагӣ бо чораҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои энергетикии мавҷуда;

– дар натиҷаи бартараф кардани норасоии барқ дар фасли тирамоҳу зимистон дастрасии истеъмолкунандагони Тоҷикистон ва воҳидҳои ҳудудии он ба неруи барқ таъмин мегардад ва истеҳсоли он дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 қариб зиёда аз 60 фоиз зиёд шуда, 26192,6 млн. квт.соат ва содироти он 4925,6 млн. кВт.соатро ташкил медиҳад;

– заминаи меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардида, татбиқи барномаҳое, ки тиҷоратикунонии корхонаҳои КСЭ ва диверсификатсияи шаклҳои моликиятро дар бахши энергетика пешбинӣ менамоянд, оғоз мегардад;

– тавозуни сӯзишворию энергетикӣ таҳия гардида, сохтори он муносиб гардонида мешавад ва омори ватанӣ оид ба тавозуни сӯзишворию энергетики кишвар ва минтақаҳои он, инчунин оид ба энергияталабии ММД маълумот пешниҳод мекунад;

– афзоиши маҳсулнокии энергия аз ҳисоби такмили технология (ба истифодадиҳии таҷҳизоти нав, такмил ва аз истифода хориҷ намудани таҷҳизоти кӯҳна), афзоиши истифодаи таҷҳизоти истеҳсолии мавҷуда, такмили ташкили истеҳсолот, пешравиҳои сохторӣ дар иқтисодиёт, талафоти неруи барқ то 10-12 фоиз аз ҳаҷми умумии истеҳсоли он коҳиш дода мешавад;

– самаранокии идоракунии КСЭ аз ҳисоби ташаккули модули кадрии дорои сифати дахлдор дар зернизомҳои соҳавии КСЭ, татбиқи усулҳои муосири менеҷменти энергетикӣ, тағйироти институтсионалӣ, таҷдиди ширкатҳои энергетикӣ, бозсозӣ ва замонавикунонии объектҳои амалкунанадаи энергетикӣ, ислоҳот дар зернизоми сӯзишвории КСЭ баланд бардошта мешавад;

– шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи со{ибкории энергетикӣ инкишоф ёфтааст, ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хусусӣ барои корҳои геологию иктишофӣ ва истифодаи қаъри замин, азхудкунии иқтидори гидроэнергетика ва МБЭ таъмин карда мешавад;

– сохтори тавозуни сӯзишворию энергетикии мамлакат дар асоси афзоиши ҳиссаи энергетикаи ғайрисӯзишворӣ аз ҳисоби зиёдкунии имкониятҳои техникии истифодаи МБЭ (офтобӣ, бодӣ, биологӣ ва геотермалӣ), азхудкунии иқтидори гидроэнергетикаи мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисоди миллӣ беҳтар мешавад;

– чораҳо оид ба ҳавасмандгардонии ҷолибияти инвеститсионии лоиҳаҳо ва ташаббусҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар самти сарфаи энергия, самаранокии энергетикӣ ва истифодаи МБЭ татбиқ карда шудаанд, дар натиҷа азхудкунии энергетикии минтақаҳои таъминоти ғайримарказонидашудаи барқ аз ҳисоби идомаи татбиқи барномаи инкишофи энергетикаи обии хурд ва МБЭ тавсеа меёбад;

– мақоми мустақил оид ба таҳияи сиёсати тарифӣ таъсис дода шуда, механизми асоснокшудаи ҳисобкунии нарху тарифҳо барои манбаъҳои ҳомили энергияи дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар якҷоягӣ бо механизми самараноки ҳифзи истеъмолкунандагони камбизоат ва истисноӣ субсидияҳои мутақобила ба категорияҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон таҳия ва ҷорӣ карда мешавад;

– инфрасохтори энергетикӣ, аз ҷумла сохтмони зеристгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ инкишоф ёфта, асосҳои бозори мустақили хизматрасонӣ ва хизматҳои инжинирингӣ дар самти азхудкунӣ ва истифодаи самараноки иқтидори энергетикии мамлакат, аз ҷумла МБЭ ва технологияҳои пешрафтаи энергетикӣ ташкил карда мешавад;

– хизматрасонии қарзи берунии дар КСЭ ҷамъшуда ҳам аз ҳисоби баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои КСЭ, такмили сиёсати тарифӣ, истифодаи иқтидори содиротии энергетикаи барқии ватанӣ ва ҳам аз ҳисоби коҳиш додани миқёси иқтисоди ғайрирасмӣ беҳтар мегардад;

– маҷмӯи чораҳо оид ба ташхиси экологии объектҳои энергетика, оид ба таъмини амнияти экологии инкишофи КСЭ бо коҳиш додани таъсири манфии он ба муҳити зист амалӣ карда мешавад.

### 3.4. Инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ

#### 3.4.1. Ҳолати кунунӣ

Шабакаи роҳҳои Тоҷикистон дар шароити хосе ташаккул ёфтааст, ки он ҳам ба вазъи муосири нақлиёт ва ҳам ба имкониятҳои рушди минбаъдаи он таъсир мерасонад. Ин пеш аз ҳама хеле бо мураккаб будани истифодаи техникаи нақлиётӣ дар ҳудуди кишвар, ки қисми зиёди он кӯҳсор мебошад, инчунин ташаккули таърихан тақозошудаи шабакаҳо дар муҳлатҳои кутоҳ, ки сабаби истифодаи васеи намудҳои гузаранда ва пасти роҳҳо гардидааст, алоқаманд мебошад.

Инкишофи ҳамаи намудҳои нақлиёт таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҷудокунии маблағҳо ба таъмир ва нигаҳдории роҳҳо ва намудҳои нақлиёти истифодаи умум дар баробари афзоиши сармоягузорӣ барои сохтмон, таҷдид ва барқарорсозии роҳҳо зиёд шудааст. Дар соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 ҳаҷми интиқоли борҳо 20,8 фоиз (аз 61,7 млн. тонна то 74,4 млн. тонна), гардиши борҳо 12,2 фоиз (аз 5508,8 млн. тонна/км то 6180,3 млн. тонна/км), ҳаҷми мусофиркашонӣ 2,7 фоиз (аз 542,3 млн. то 556,9 млн. нафар), миқдори мусофирон 9,1 фоиз (аз 9447,7 млн. мусофир/км то 10305,1 млн. мусофир/км) зиёд шудааст.

Дар мамлакат дар комплекси нақлиёт то имрӯз 38 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ин имконият дод, ки 2000 км роҳҳои автомобилгард, 31 км нақбҳо, 240 адад пулҳо, аз ҷумла 6 пули дарои стандарти байналмилалӣ аз болои дарёи Панҷ, 3,4 км долонҳои зиддитармавӣ, 132 км роҳҳои оҳан, 7 адад терминалҳои хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ, инчунин терминали мусофирбарии фурудгоҳи байналмилалии Душанбе сохтаву таҷдид ва мавриди истифода қарор дода шаванд.

Айни замон низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва нақлиёти барқии шаҳриро (троллейбусҳо) дар бар мегирад. Солҳои охир лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Хуҷанд - Чанок (сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон), Душанбе - Рашт - Қарамиқ (сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон), Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой),

Душанбе - Қӯрғонтеппа - Панҷи поён (сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ва як қатор лоиҳаҳои муҳими дигар амалӣ шуда истодаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии инкишоф ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2014-2017 қабул шудааст, ки афзалиятҳои рушдро дар бахши технологияҳои иттилоотӣ инъикос намуда, барои васеъ гардонидани дастрасӣ ба хизматрасонии коммуникатсионӣ дар давраи миёнамуҳлат равона карда шудааст. Дар мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои маълумот, иттилоотонӣ ва инкишофи технологияҳои коммуникатсионию - иттилоотӣ қабул карда шудааст.

**3.4.2. Мушкилоти асосӣ**

Сарфи назар аз фаъолияти ташкилӣ ва сармоягузории фаъол дар соҳаи нақлиёт ва телекоммуникатсия, мушкилоти зерин боқӣ мемонанд:

– масофаи дур аз роҳҳои баҳрӣ ва марказҳои инкишофёфтаи ҷаҳонӣ, баромади маҳдуди нақлиёти роҳи оҳан ба кишварҳои хориҷӣ ва минтақаҳо;

– алоқаи сусти долонҳои нақлиётии байналмилалӣ бо шабакаи дохилии роҳҳои автомобилгард;

– амалан мавҷуд набудани шабакаҳои марказҳои логистикии нақлиётӣ;

– ба талаботи стандартҳои байналмилалии бехатарӣ ва истифода мувофиқат накардани бисёр намудҳои нақлиёт;

– набудани алоқаи ҳавоӣ бо минтақаҳои зиёди дохили кишвар;

– мавҷуд набудани стандарти ягонаи таҳия ва истифодаи низомҳои иттилоотӣ дар мақомоти давлатӣ ва ҳамгироии онҳо, инчунин ҳамкории электронӣ дар асоси истифодаи имзои электронии рақамӣ;

– муносибгардонии заифи расмиёти маъмурӣ, ки ба иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст.

**3.4.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– рушди минбаъдаи долонҳои нақлиётӣ;

– рушди инфрасохтори нақлиётӣ;

– васеъ гардонидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ.

**3.4.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ**

*1. Рушди минбаъдаи долонҳои нақлиётӣ тавассути:*

– ташаккул ва инкишофи долонҳои нақлиётии транзитӣ ва таъмини баромад ба бандарҳои баҳрӣ;

– ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани тамоми объектҳои нақлиётӣ, аз ҷумла марказҳои логистикӣ бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми ҳамлу нақли мол ва мусофирон;

– сохтани терминалҳои наздисарҳадӣ мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ;

– таъсиси нуқтаҳои портативии бақайдгирииии ҳолати ҳавои атмосфера;

– харидории воситаҳои нақлиёт барои ҳамлу нақли байналмилалӣ;

– татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки барои ба маротиб коҳиш додани вобастагии роҳҳои транзитӣ аз як кишвар ва васеъ гардонидани имкониятҳои баромадани кишвар ба бандарҳои баҳрӣ имконият фароҳам меоваранд. Татбиқи ин лоиҳаҳо талошҳои фаъоли берунаи Тоҷикистонро дар ҳамкорӣ бо шарикони тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои ҳамсоя дар назар дорад;

– таъсиси на камтар аз 4 маркази наздисарҳадии нақлиётӣ, экологӣ ва логистикӣ (Панҷи Поён, Турсунзода, Хуҷанд ва Хоруғ).

*2. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ тавассути:*

– навсозии заминаи моддию техникии ҳамаи намуди нақлиёт ва таҷдиди паркҳои нақлиётӣ;

– таъмини таҷҳизот ва техникаи нав барои нигоҳдории роҳҳо, фурудгоҳҳо ва фаъолияти раванди ҳамлу нақл;

– кам кардани хароҷоти нақлиётӣ ба воситаи барқароркунии пулҳо, асфалтпӯш ва таҷдид намудани роҳҳо;

– таъмини робитаҳои нақлиётӣ дар тамоми сол дар байни шаҳру ноҳияҳои кишвар тавассути таҷдиди роҳҳои автомобилгард, сохтмони роҳҳои иловагӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгард ва қитъаҳои роҳи оҳан;

– истифодаи самараноки инфрасохтори нақлиёт аз ҳисоби беҳтар кардани сохтори болои роҳҳои оҳан ва таҷдиди пулҳо;

– зиёд кардани ҷудокунии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

– таҷдид ва таҷҳизонии техникии фурудгоҳҳо;

– тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи сохтмони роҳ.

*3. Васеъ гардонидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ тавассути:*

– мутобиқсозии стандартҳои миллӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо стандартҳои пешрафтаи байналмилалӣ;

– таҳия ва муқаррар намудани тартиби мубодилаи байниидоравии иттилоот;

– ташаккули стандартҳои ягона оид ба таҳия ва истифодаи технологияҳо ва низомҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар мақомоти давлатӣ;

– таҳия ва истифодаи талаботи умумӣ оид ба таъмини мутобиқат ва ҳамгироии захираҳои иттилоотии давлатӣ;

– таҳкими иқтидори техникии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мақомоти идораи давлатӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудани қоидаҳои мубодилаи маълумот, ки такрори вазифаҳо ва хароҷотро истисно мекунанд;

– рушди пешгирикунандаи низомҳои иттилоотӣ аз ҳисоби таъмини муҳофизат аз дахолати тасодуфӣ ё барқасдона;

– ташкили нақшаҳои самараноки захиракунии иттилоот дар махзанҳои маълумоти ҳар мақоми идоракунии давлатӣ.

### 3.4.5. Натиҷаҳои чашмдошт

– ҳаҷм кори ҳамаи намудҳои нақлиёт аз ҳисоби истифодаи инноватсияҳо дар раванди ҳамлу нақл, такмили заминаи моддию техникии нақлиёт, дастрас будани ҳамлу нақл ва беҳтар намудани шартҳои транзит, кам кардани хароҷоти нақлиёт ва баланд бардоштани бехатарии фаъолияти он зиёд гардида, сифати кори онҳо баланд бардошта мешавад;

– сохтмон ва таҷдиди роҳҳое, ки баромадан аз бунбасти нақлиётӣ, махсусан бунбасти роҳи оҳанро таъмин мекунанд, ба итмом расонида шуда, роҳ ба баҳр кушода мешавад;

– корҳои бозсозӣ барои баланд бардоштани гурӯҳбандии техникии роҳҳо мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамои шиддатнокии бор ва мусофиркашонӣ гузаронида мешавад;

– сохтори парки қаторахо такмил дода шуда, фаъолияти тиҷоратии корхонаҳои нақлиётӣ ва ҳамкории онҳо бо иштирокчиёни ҷараёни ҳамлу нақл фаъол гардонида мешавад;

– ташаккул ва рушди долон{ои нақлиётии транзитӣ;

– натиҷанокии иҷроиши вазифаҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ аз ҳисоби таъмини дастрасӣ ва эътимоднокии захираҳои иттилоотии истифодашаванда, истифодаи базаи ягонаи маълумот баланд бардошта мешавад;

– хароҷоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташкили мубодилаи маълумот дар сатҳи байниидоравӣ кам карда мешавад;

– иқтидори иттилоотию коммуникатсионии мақомоти давлатӣ барои расонидани хизматрасонии электронӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо ташаккул меёбад.

## 3.5. Бахши молиявӣ

### 3.5.1. Ҳолати кунунӣ

Дар охири соли 2015 бахши молиявии Тоҷикистон аз Бонки миллии Тоҷикистон, 17 бонки сатҳи дуюм, ки аз онҳо 7 бонки хориҷӣ, 1 ташкилоти ғайрибонкии қарзӣ, 106 ташкилоти маблағгузории хурд, 18 ширкати суғуртавӣ, 12 ширкати лизингӣ, Агентии суғуртаи пасандозҳои бонкӣ, 5 шабакаи нуқтаҳои ломбардҳо ва иттифоқҳои қарзӣ иборат мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ беш аз 2 маротиба зиёд шуда, аз 9,1 млрд. сомонии соли 2011 (30,1 фоизи ММД) то 18,6 млрд. сомонӣ дар соли 2015 (38,5 фоизи ММД) расидааст. Дар ин давра ҳаҷми амонатҳои ҷалбшудаи бонкӣ 1,9 маротиба зиёд шуда, аз 4,4 млрд. сомонӣ то ба 8,2 млрд. сомонӣ расидааст. Ҳаҷми қарзҳои бонкӣ дар давраи баррасишаванда аз 4,6 то ба 11,2 млрд. сомонӣ ё 2,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

Шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) дар давраи ҳисоботӣ 16 адад кам шуда, ҳаҷми дороиҳояшон аз 832 млн. сомонӣ дар соли 2011 (2,8 фоизи ММД) то ба 2,9 млрд. сомонии соли 2015 (6 фоизи ММД) ё 3,5 маротиба зиёд шудааст. Ҳаҷми қарзҳои аз тарафи ТМХ пешниҳодшуда аз 0,6 то 2 млрд. сомонӣ ё 3,2 маротиба зиёд шудааст.

Дар ин давра дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ дар саросари кишвар ба таври назаррас беҳтар шуда, ба ин рушди шабакаи филиалҳо ва дигар воҳидҳои бонкҳо ва ТМХ дар ҳудуди кишвар мусоидат намуданд.

Ҳамин тариқ, шумораи филиалҳои бонкҳо аз 274 адади соли 2011 то ба 354 адад дар соли 2015 ва дигар сохторҳои амалиётӣ аз 2440 адад то ба 2324 адад коҳиш ёфтааст.

Дар давраи миёнамуҳлат зарур аст, ки бахши молиявии Тоҷикистон ба низоми муосири серамалиёти муассисаҳои рақобатпазири молиявие табдил дода шавад, ки барои пешниҳоди намудҳои васеи хизматрасонии молиявӣ ва маҳсулоти босифат ва инноватсионӣ ба истеъмолкунандагон қодир буда, барои рушди устувори иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам оварад ва ба таъсири ҳамаи намудҳои омил{ои номусоид устувор бошад.

**3.5.2. Мушкилоти асосӣ**

Сарфи назар аз рушди нисбӣ, бахши молиявӣ бо сабаби мавҷудияти баъзе масъалаҳо мушкилоти ҷиддиро аз сар мегузаронад:

- ***бахши молиявӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун асоси маблаггузории иқтисоди миллӣ ташаккул наёфтааст;*** Сарфи назар аз дастовардҳо, сатҳи пасти дастрасӣ ҳам ба маблағҳои амонатӣ ва ҳам қарзӣ боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, дар соли 2015 пасандозҳо 17,8 фоиз ва қарзҳо 23,2 фоизи ММД-ро ташкил доданд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишондиҳандаи аз ҳама паст мебошад. Гарчанде амонатҳои ҷалбнамудаи ТМХ рушди устуворро нишон диҳанд ҳам, вале ҳаҷми онҳо хеле хурд мебошад. Ҳамин тариқ, зиёда аз 95 фоизи амонатҳои дар соли 2015 ҷалбнамудаи муассисаҳои молиявӣ ба бонкҳо рост меояд.

- ***сатҳи пасти сармоякунонии ниҳодҳои молиявии мавҷуда (бонкҳо, ТМХ, ширкатҳои сугуртавӣ ва гайра);*** Новобаста аз афзоиши мутлақи ҳаҷми сармояи ташкилотҳои қарзӣ аз 1,9 млрд. сомонӣ дар соли 2011 то ба 2,4 млрд. сомонӣ дар соли 2015, нисбат ба ММД он аз 6,2 то ба 5,0 фоиз коҳиш ёфт. Дар баробари ин, кифоягии сармояи ташкилотҳои қарзӣ барои дороиҳо, ки бо дарназардошти хавфҳо баҳо дода шудааст, дар давраи баррасишаванда аз 24,4 то ба 13,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабабҳои асосии паст гардидани кифоягии сармоя ба бад шудани сифати сандуқи қарзии бонкҳо ва мавҷудияти дигар намудҳои хавфҳо (хавф{ои асъорb, бозорb ва uайра) алоқаманд мебошад.

- ***осебпазирии шадид ба омилҳои берунӣ ва дараҷаи баланди долларикунонии бахши молиявӣ;*** Дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ ва бад шудани вазъи иқтисодӣ дар кишварҳои асосии савдо – шарикони Тоҷикистон, бахусус дар Федератсияи Россия дар натиҷаи истифодаи таҳримҳо нисбат ба он аз ҷониби кишварҳои ғарб, на танҳо коҳишёбии воридоти сармояи хориҷӣ, даромади содиротӣ (асъорӣ) аз фурӯши алюминий ва пахта дар бозорҳои хориҷӣ, балки хеле кам шудани интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад. Дар соли 2015 ҳаҷми интиқоли пулӣ нисбат ба 2014 32 фоиз коҳиш ёфт.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи амонатҳои ҷалбгардида бо асъори хориҷӣ аз 66 фоизи соли 2011 то ба 74 фоиз дар соли 2015 ва ҳиссаи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда аз 58 то 64 фоиз зиёд шуд, ки осебпазирии на танҳо бахши молиявӣ, балки умуман иқтисодиётро аз таъсири омил{ои асъорӣ ва дигар омилҳои берунӣ тақвият мебахшад.

***- дастрасии паст ба хизматрасонии молиявӣ, махсусан дар маҳалҳои дурдаст;*** Дастрасӣ ба хизматрасонии молиявӣ асосан дар пойтахт (ш.Душанбе) ва марказҳои вилоятҳо марказонида шудааст. Дар минтақаҳои деҳот ва кӯҳистон бошад, он ҳанӯз ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Масалан, дар вилоятҳои Хатлону Суғд ва НТҶ қисми зиёди аҳолии мамлакат ҷойгир аст, вале дар ин ҷо сатҳи пасттарини дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мушоҳида мешавад. Ба 1 филиали ташкилоти қарзӣ (бонк ё ТМХ) хизматрасонии зиёда аз 20000 нафар рост меояд.

Дар соли 2015 вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад. Дастрасӣ ба суратҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ (14,7 фоиз), тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг (0,2 фоиз), тавассути алоқаи мобилӣ (0,3 фоиз) боз ҳам пасттар мебошад. Шумораи бонкҳо ба 100 ҳазор аҳолӣ 0,2 ададро ташкил медиҳад, ки ин пасттарин нишондиҳанда ҳатто дар қиёс бо дигар кишварҳои ИДМ мебошад.

***- сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла иқтидори сусти кадрии бонкҳо ва*** ТМХ боиси мавҷудият ва тамаркузи сатҳи баланди хавфҳо (қарзӣ, асъорӣ, амалиётӣ ва намудҳои дигар) дар бахши бонкӣ, бахусус дар бонкҳои низомсоз ва фаъолияти бидуни фоидаи онҳо гардидааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2015 дар бахши бонкӣ ҳаҷми қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта (1,8 млрд. сомонӣ) нисбат ба соли 2011 (0,2 млрд. сомонӣ) хеле (9 маротиба) зиёд шудааст. Дар бахши маблағгузории хурд вазъият беҳтар аст, вале қарзҳои батаъхирафтода тамоюли афзоиш дошта, мушкилоти додани қарзи нав ба қарздорон вуҷуд дорад. Яке аз сабабҳои ин сатҳи пасти тахассус ва омодакунии кормандони бонкҳо мебошад.

***- доираи маҳсулоти молиявӣ маҳдуд буда, ба талаботи истеъмолкунандагон пурра мувофиқ намебошад;*** Ҳамин тариқ, маҳсулоти пасандозӣ ва қарзӣ, ки хислати кӯтоҳмуддат доранд, бартарӣ доранд. Дар айни замон, чунин хизматрасониҳои молиявӣ, ба монанди суғурта ва хеджиронии хавф, таъмини бахши воқеии иқтисодиёт ба иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, инчунин таъмини гардиши коғазҳои қимматноки корпоративӣ кам инкишоф ёфтаанд.

**3.5.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– коҳиш додани осебпазирии бахши молиявӣ (бонкӣ) ва таъмини устувории фаъолияти он;

– беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ.

**3.5.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ**

*1. Паст кардани сатҳи осебпазирии бахши молиявӣ ва таъмини устувории фаъолияти он тавассути:*

– таҳким бахшидани иқтидори танзимкунандаи БМТ;

– таҳким бахшидани устувории молиявӣ ва пурзӯр намудани назорати макропруденсиалӣ;

– тақвият додани иқтидори назоратии БМТ, аз ҷумла инкишофи малакаи кормандон оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, риск-менеҷмент ва тарҳсозӣ;

– тақвият додани низоми мониторинги хавфи асъорӣ, хавфи ҷамъшавӣ, хавфи пасандозҳои калон, сифати қарзҳо аз рӯи бахшҳо, аз ҷумла хавфи қарзҳои ғайримустақим, инчунин хавфҳои бозорӣ;

– таъмини гузариш ба низоми таийирёбандаи қурби асъор;

– коҳиш додани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт;

– баланд бардоштани устувории муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла солимгардонии бонкҳои калон;

– ҷорӣ намудани низоми нишондиҳандаҳои калидии натиҷабахшӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи пешгирӣ ва муғовимат расмикунонии даромади бо роҳи ҷиноятӣ бадастомада;

– рушди рақобат ва либерализатсияи бахши молиявӣ;

– рушди инфрасохтори бахши молиявӣ;

– фароҳам овардани шароит барои ташаккули низоми сезинагии қарздиҳӣ;

– таъмини фаъолияти биржаи фондӣ ва бозори ғайриасосии коғазҳои қимматнок;

– такмили механизмҳои маблағгузории буҷетӣ ва тақвияти иқтидори худмаблағгузории корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт;

– диверсификатсияи сарчашмаҳои маблағгузории берунии бахши воқеии иқтисоди миллӣ.

*2. Баланд бардоштани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ тавассути:*

– ташаккули механизми трансмиссионии алоқамандии меъёри бозтамвил бо меъёри ниҳоии фоизѣ;

– таъмини рушди воситаҳои нави бозтамвил ва идоракунии пардохтпазирӣ;

– истифодаи васеи воситаҳои инноватсионӣ барои ҷалби пасандозҳо ва табдили онҳо ба дороиҳои молиявӣ барои БВИ;

– истифодаи афзалиятноки воситаҳои молиявии бо пули миллӣ ифодаёфта;

– таъмини гуногунии коғазҳои қимматнок барои маблағгузории БВИ, аз ҷумла коғазҳои қиматноки давлатѣ ва корпоративии БМ;

– истифодаи васеи воситаҳои хеҷикунонӣ ва суғуртаи хавфи қарздиҳии дарозмуддат ба БВИ;

– азхудкунӣ ва истифодаи воситаҳои исломии ҳам бонкӣ ва фондии маблағгузорӣ;

– омодакунии кадрҳои баландихтисос барои бахши молиявӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ тавассути муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бо дарназардошти таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимӣ;

– ташкили курсҳои бозомӯзӣ, фаъолгардонии кори марказҳои омӯзишӣ дар назди муассисаҳои молиявӣ;

– таҳкими робитаҳо бо муассисаҳои молиявӣ ва қарзии хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, даъвати мутахассисони пешбар;

– таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ;

– таъмини тақвияти иқтидори воҳидҳои маркетингии муассисаҳои молиявӣ, ҳидояти онҳо ба омӯзиши талабот ва имкониятҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла БВИ;

– таъмини рушди шабакаи ширкатҳои консалтингӣ, аз ҷумла хориҷӣ, хадамот дар назди ассосиатсияҳои соҳавӣ оид ба омӯзиши талабот ва коркарди маҳсулоти молиявӣ;

– ташкили гурӯҳи кории ғайриидоравӣ оид ба коркард ва мутобиқсозии маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионии молиявӣ ба шароити маҳаллӣ;

– такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳифзи истеъмолкунандагони маҳсулоти молиявӣ;

– таъмини тадбирҳо оид ба ошкорсозии иттилоот ва фаъолияти шаффофи бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ;

– такмили фаъолияти судӣ барои таъмини сифати баланди қарордодҳои қарзӣ ва дигар қарордодҳои молиявӣ;

– ташкили феҳристи марказӣ барои нигаҳдорӣ ва дастрасии ҳисоботи молиявии ҳамаи ширкатҳо, аз ҷумла муассисаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ;

– ташкили феҳристи ягона оид ба гарав ва дастрасии доимӣ ба он;

– тақвияти иқтидори ассотсиатсияҳои амалкунанда (Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои қарздиҳии хурд) ва таъсиси ассотсиатсияҳои нав дар бахши молиявӣ (ассотсиатсияҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва лизингӣ ва ғайра).

**3.5.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ 3 маротиба зиёд шуда, ба 44354 млн. сомонӣ баробар мешаванд;

– устувории ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла инкишофи меъёри кифоягии сармоя то 26,4 фоиз таъмин гардида, ҳиссаи қарзҳои беътимод то 4,4 фоиз, аз ҷумла дар бонкҳо то 5 фоиз ва дар ташкилотҳои маблағгузории хурд то ба 2,2 фоиз коҳиш дода мешавад;

– солимгардонии молиявии ташкилотҳои қарзӣ таъмин гардид – даромаднокӣ то 4 фоиз, аз ҷумла дар бонкҳо 5 фоиз ва дар ТМХ 2,2 фоиз баланд бардошта мешавад;

– маблағгузории иқтисодиёт то 40-45 фоиз ММД, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши қарзҳои бонкӣ то 30-35 фоиз ММД ва захираҳои бозории БМ то 10-15 фоиз ММД таъмин мегардад;

– сатҳи долларикунонии бахши молиявӣ 10 фоиз паст шуда, ҳиссаи воситаҳо бо пули миллӣ зиёд карда шуд;

– Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии ша{рвандон бомуваффақият амалӣ карда мешавад;

– дараҷаи ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва амонатгузорон, аз ҷумла суғуртаи хавфи сармоя ва амонатгузории онҳо тибқи қонунгузорӣ баланд бардошта мешавад;

– иштироки молиявии аҳолӣ 3 маротиба, аз ҷумла шумораи мизоҷони ташкилотҳои расмии молиявӣ расмӣ зиёд мешавад;

– воситаҳои молиявии исломӣ ба таври васеъ паҳн мешаванд;

– {удуди дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ беҳтар шуда, афзоиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ то 2,6 адад ва филиалҳои онҳо то 7,5 адад зиёд мегардад;

– шабакаи провайдерҳо оид ба хизматрасонии молиявӣ, аз ҷумла ширкатҳои ғайримолиявӣ ва агентҳо васеъ мегардад;

– доираи хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои фосилавӣ: шабакаи интернет, алоқаи телефонии мобилӣ ва бонк-муштарӣ васеъ мегардад;

– пулҳои электронӣ инкишоф ёфта, сатҳи эътимоднокии низоми миллии пардохт баланд бардошта мешавад;

– воситаҳои суғуртакунии хурд, воситаҳои барои хеджиронӣ ва идоракунии хавфҳо (қарзӣ, амалиётӣ, асъорию бозорӣ) ва суғурта дар маҷмӯъ ба таври васеъ истифода мешаванд;

– асосҳо барои рушди фондҳои кафолатӣ, сармоягузорӣ ва хеҷ-фондҳо ташкил карда мешаванд;

– ҷалби молиявии аҳолӣ ду маротиба (то 60 фоиз) зиёд мегардад.

### 3.6. Бахши иқтисодиёти хориҷӣ

#### 3.6.1. Ҳолати кунунӣ

Тағйирёбии вазъи ҷуғрофию иқтисодӣ ва ҷуғрофию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши омили иқтисодии хориҷиро дар рушди кишвар ба таври назаррас боло бурд. Вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бозорҳои беруна хеле меафзояд. Тоҷикистони муосир дорои иқтисоди хурди кушода буда, дар ҳиссаи воридоти молу хизматрасонӣ нисбат ба содироти онҳо зиёдтар мебошад. Ҷумҳурӣ дар бозорҳои ҷаҳонии молу сармоя ҳиссаи начандон зиёд дошта, иқтисодиёти он таҳти таъсири омил{ои асъорӣ, молиявӣ ва нархии беруна қарор дорад. Ҳаҷми арзишии содироти ҷумҳурӣ вобаста ба таuйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти асосии содиротӣ тағйир ёфта, меъёри фоизии дохилӣ, ки нисбат ба меъёри ҷаҳонӣ баландтар аст, ба ҳаракати байналмилалии сармоя вобастагӣ надорад. Барои иқтисодиёти хурди кушод шарт{ои тиҷорати хориҷӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои зарурӣ барои таҳия ва амалисозии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ва қисми таркибии он - сиёсати савдои хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин бахши иқтисодии хориҷӣ бояд ба низоми иқтисодии таuйирёбанда, ки қобилияти ба тағйироти ҷаҳонӣ мутобиқ шуданро дорад, табдил ёбад. Кушод будани иқтисодиёт ва таъсири он ба рушди иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро ҳамчун тадбири муассири коҳиш додани камбизоатӣ баромад намуда, тавассути муҳоҷирати озоди қувваи корӣ ва озодии тиҷорат дар коҳиши камбизоатЂ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир амалиёти содиротию воридотии Тоҷикистон асосан ба давлатҳои Осиё ва хориҷаи дур нигаронида шудааст. Тоҷикистон ба шарикони асосии тиҷоратии худ асосан алюминийи аввалия, нахи пахта, маъдани рӯҳ, меваи хушк, дигар маъданҳоро содир карда, молҳои асосиро, ба монанди маҳсулоти нафтӣ, гандум ва либосворӣ ворид менамояд.

Тоҷикистон узви СУС, иштирокчии созишномаҳои бисёрҷониба оид ба савдои озод дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Иттиҳодияи иқтисодии авроосиёгӣ (ИИАО), Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ва Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) мебошад. Мамлакат бо аксар давлатҳо созишномаҳои дуҷониба дорад.

Дар доираи бахши иқтисодии хориҷӣ тағйирнопазирии устворӣ сохтори савдои хориҷӣ мушоҳида мешавад, ки ба вобастагии баланди низоми иқтисодии миллиро аз омил{ои нархи берунӣ мусоидат мекунад. Баромадан аз вазиъияти баамаломада тавассути андешидани маҷмӯи тадбирҳои зарур, аз ҷумла оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва гуногуншаклии захираву иқтидорҳои бахши воқеӣ, низоми андозбандиву гумрукӣ, механизми самараноки дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар баробари рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунандаи интихобӣ имконпазир аст. Ҳамчунин андешидани чораҳои фаврӣ дар соҳаи стратегияи иқтисодии хориҷии мамлакат, ки ба фаъолгардонии савдои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо мақсади баробаркунии тавозуни савдо ва гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ барои фаъолсозии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва сармояи хусусӣ бо мақсади баробаркунии тавозуни пардохт равона шудааст, зарур мебошад. Ислоҳоте, ки ба фароҳам овардани шароити самараноки савдои хориҷӣ равона карда мешаванд, метавонад ба сохтори тавозуни савдо ва пардохт, сатҳи қурби асъор ва фаъолнокии инвеститсионии субъектҳои бозор, суръати рушди иқтисодӣ ва дар ниҳоят ба болоравӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расонад.

### 3.6.2. Мушкилоти асосӣ

Дар шароити муосир рушди бахши иқтисодии хориҷиро мавҷудияти мушкилоти зерин халадор месозад:

– сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва диверсификатсияи содирот аз рӯи молҳо ва кишварҳо;

– дур будан аз долон{ои нақлиётии асосЂ ва бозорҳои хориҷӣ;

– ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётиву экспедиторӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ, аз ҷумла хироҷҳои ғайрирасмӣ;

– набудани ниҳодҳои мусоидат ва пешбурди маҳсулот дар бозорҳои беруна;

– сатҳи пасти технологии саноати коркард, банду баст, тамғагузорӣ ва брендинг;

– қафомонии технологии марказҳои санҷиши маҳсулоти истеҳсолшуда;

– мавҷудияти монеаҳои институтсионалӣ дар истеҳсолоти ватанӣ, содирот ва воридоти технологияҳои пешқадам;

– набудани низоми дақиқи таснифи мол аз рӯи навъ ва ғайра.

**3.6.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– ташкили замина барои инкишофи истеҳсолоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва мусоидат ба содироти ғайри ашёи хом ба кишварҳои гуногун;

– рушди низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он);

– соддагардонии расмиёти содиротию воридотии савдо.

**3.6.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалиёт барои ноилшавӣ ба афзалиятҳо**

Барои амалисозии афзалиятҳо қабул намудани қарор дар самтҳои зерин зарур аст:

*1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии мусоидат ба рушди содирот ва воридивазкунии интихобӣ тавассути:*

– ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонун дар бораи савдо бо мақсади ворид кардани имтиёзҳои гумрукӣ;

– таҳияи барномаҳои рушди кластерҳои содиротӣ.

*2. Соддагардонии расмиёти содироту воридот тавассути:*

– Истисно намудани такроршавии вазифаҳои давлатӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти сохторҳои танзимкунандаи содирот;

– ташаккули низоми оқилонаи сертификатсияи маҳсулот;

– соддагардонии расмиёти бақайдгирии то гумрукӣ барои иштирокчиёни ФИХ;

– ҷорӣ намудани низоми «равзанаи ягона» дар доираи амалиётҳои содиротию воридотӣ.

*3. Ташкили ниҳодҳои ба содирот мусоидкунанда тавассути:*

– ташкили феҳристи содиркунандагон/воридкунандагон ва сармоягузорони Тоҷикистон бо пешниҳоди имтиёз барои «иштирокчиёни боэътимоди бозор»;

– таҳияи механизми дастгирии давлатии содироткунандагони молҳои ватанӣ;

– таъсиси муассиса{ои давлатЃ ва uайридавлатии мусоидат ба содирот ва воридивазкунии интихобӣ;

– такмили чораҳои танзими гумрукию тарифӣ барои ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи меъёрҳои СУС;

– такмили сиёсати қарзию молиявӣ барои таъмини соҳаҳои саноат бо захираҳои қарзӣ дар асоси шартҳои қобили қабул;

– такмили сиёсати андоз барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионии соҳибкорони хусусӣ;

– беҳтар намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ;

– баланд бардоштани сатҳи муҳофизат аз моддаҳои кимиёии хатарнок дар бахш саноат;

– таҷдиди соҳаҳои саноат ва диверсификатсияи он;

– баланд бардоштани сифат ва эътибори маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ;

– таҳияи механизми дастгирии давлатии содироткунандагони маҳсулоти ватанӣ;

– ташкили озмуни «Содиркунандаи беҳтарини Тоҷикистон».

4. *Омода намудани кадрҳо барои ниҳодҳои муосидат ба содирот ва воридивазкунии интихобӣ тавассути:*

– ташкили тренингҳои мақсаднок барои соҳибкории хурду миёнае, ки дар бахши иқтисодии хориҷӣ фаъолият доранд;

– таҷдиди назар намудани низоми омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳое, ки дар соҳаи иқтисодии хориҷӣ фаъолият мекунанд;

– мусоидати ташкилӣ, техникӣ ва молиявӣ ба ширкатҳо дар таҳия ва амалисозии стратегияи содиротӣ ва маркетингӣ ва мавқеъгирӣ дар бозорҳои хориҷӣ.

5. *Тақвияти чораҳои ғайримолиявии дастгирии содирот ва воридивазкунии интихобӣ тавассути:*

– коркард ва интишори порталҳои иттилоотӣ, ки ба пешбурди тиҷорат мусоидат мекунанд;

– мусоидат ба фаъолияти намоишгоҳию ярмаркавии молҳои истеҳсоли ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

– инкишофи низоми патенткунонии маҳсулоти миллӣ бо мақсади эҳё ва содироти маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ ва бадеӣ.

**3.6.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– ҳиссаи содирот дар ҳаҷми умумии савдои хориҷӣ афзоиш меёбад;

– тамоюли манфии афзоиши андозаи салдои манфии тавозуни савдо боздошта мешавад;

– воридоти маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳисоби ташкили истеҳсолоти воридивазкунанда ихтисор карда мешавад;

– транзити нақлиётии мол тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш меёбад;

– мавқеи кишвар дар рейтингҳои байналмилалӣ боло рафта, эътибори кишвар ҳамчун шарики боэътимоди тиҷоратӣ ташаккул меёбад;

– гардиши савдои хориҷии кишвар зиёд мегардад;

– индекси шартҳои савдои хориҷӣ беҳтар мешавад;

– индекси тамаркузи содирот аз рӯи молҳои содиротии анъанавӣ коҳиш меёбад.

# БОБИ 4. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ИҶТИМОӢ

## 4.1. Идоракунии равандҳои демографӣ

### 4.1.1. Ҳолати кунунӣ

Дар кишвар татбиқи «Консепсияи сиёсати давлатии демографии ҷумҳурӣ барои солҳои 2003-2015» ба анҷом расид. Дар давраи миёна ва дарозмуҳлат Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидорҳои меҳнатии назаррас мешавад, ки он омили асосии рушди минбаъдаи иқтисодӣ хоҳад шуд. Дар соли 2020 шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат то 6044 ҳазор нафар зиёд шуда, афзоиши солонаи он тақрибан ба 122 ҳазор нафар мерасад. Тибқи арзёбии дурнамо суръати афзоиши муҳоҷирати меҳнатии беруна суст шуда, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол коҳиш меёбад. Ҳамаи ин метавонад ба иқтисодиёти кишвар таъсир расонида, масъалаҳои таъсиси **ҷойҳои кории истеҳсолӣ** ва васеъ намудани имкониятҳои **шуғли пурмаҳсулро** ба миён оварад. Идоракунии самараноки равандҳои демографӣ тавассути беҳтар намудан ва самаранок истифода бурдани маълумоти демографӣ ва андешидани чорабиниҳои зарурии пешгирикунанда ҷиҳати паст намудани таъсири таҳдидҳои демографӣ дар оянда барои таъмини тамоюлҳои муътадили афзоиши таваллуд, афзоиши устувори давомнокии умр ва сифати зиндагӣ равона мегардад.

Равандҳои кунунии демографӣ дар ҷумҳурӣ нисбат ба тамоюлҳои байналмилалӣ мусоидтар мебошанд. Якум, ҳангоми тадриҷан паст рафтани таваллуд ва афзоиш наёфтани аҳолии ҷаҳон, дар ҷумҳурӣ афзоиши ҳарсолаи тақрибан 2 фоизи шумораи аҳолӣ ба назар мерасад, ки барои муътадил нигоҳ доштани ҳолати демографӣ меъёри мувофиқ ба ҳисоб меравад. Дуюм, ҳангоме, ки дар бештари кишварҳои дунё пиршавии аҳолӣ ба назар мерасад, дар ҷумҳурӣ ҷараёни ҷавоншавии аҳолӣ мушоҳида мегардад. Ин далел имконият медиҳад, ки устувории молиявии низоми нафақаи ҷумҳурӣ дарояндаи миёнамуҳлат нигоҳ дошта шавад.

Барои аз даст надодани самараи «имкониятҳои равзанаи демографӣ» масъалаҳои идора намудани равандҳои демографӣ бояд бо идомаи ислоҳот дар бахшҳои маориф ва тандурустӣ; тавсеа додани тадбирҳои сиёсати шуғл барои татбиқи имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ; истифодаи самараноки иқтидори меҳнатии кишвар, бо дарназардошти нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ алоқаманд бошанд.

### 4.1.2. Мушкилоти асосӣ

Ба фаъолияти мақсадноки ҳукумат оид ба идора намудани равандҳои демографӣ нигоҳ накарда, дар ин самт як қатор мушкилот ҷой дорад:

– суст будани баҳисобгирии тамоюлҳои демографӣ дар раванди таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;

– паст будани иқтидори мутахассисони ватанӣ дар масъалаҳои истифода ва коркарди маълумоти оморӣ оид ба нуфузи аҳолӣ ва дурнамои демографӣ;

– паст будани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои танзими оила;

– сатҳи нокифояи дастрасӣ ба хизматрасониҳои репродуктивӣ ва тиббию санитарӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдасти ҷумҳурӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ оид ба танзими оила;

– баландшавии таъсири демографӣ ба захираҳои табиӣ, хусусан ба замину об;

– суст будани идоракунии самараноки равандҳои демографӣ дар мавриди ҳалли масъалаҳои таъмин намудани шуғли пурмаҳсул ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ.

**4.1.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– рушди низоми миллии арзёбӣ ва пешгӯии равандҳои иҷтимоӣ;

– коҳиши фавт ва афзоиши давомнокии умр;

– баланд бардоштани маданияти рафтори репродуктивӣ.

**4.1.4. Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолият барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар бахши рушди низоми миллии арзёбӣ ва пешгӯии равандҳои иҷтимоӣ:**

*1. Ҷорӣ ва таъмин намудани устувории фаъолияти низоми пешгӯии миллӣ дар асоси маълумоти демографӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тавассути:*

– таҳия ва ҷорӣ намудани моделҳои пешгӯии демографӣ бо инъикос намудани тамоюлҳо ва дурнамои минтақавӣ ва байниминтақавӣ дар раванди банақшагирии стратегӣ;

– устувор гардонидани иқтидори миллӣ оид ба гирифтан, паҳн намудан ва истифодаи самараноки маълумоти демографӣ дар раванди таҳияи стратегияю барномаҳои миллии рушд;

– беҳтар намудани низоми сабти санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2020;

– таҳияи асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва низоми ҳамоҳангсозӣ оид ба ташаккули нақшаи миллии рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамчун қисми низоми банақшагирии стратегӣ;

– ҳамгироии низоми пешгӯии демографӣ ва ҷойгиркунӣ ба нақшаи миллии рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда.

*2. Рушди минбаъдаи низоми ҷамъоварии маълумот, мониторинг ва арзёбии инкишофи равандҳои иҷтимоӣ барои баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо тавассути:*

– таъмини муназзамӣ дар гузаронидани тадқиқотҳои миллӣ дар соҳаи равандҳои тиббию демографӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба натиҷаи тадқиқотҳо;

– мукаммалсозии низоми гузаронидани тадқиқотҳои миллӣ оид ба арзёбии камбизоатӣ ва табақаи миёна, таъмини дастрасӣ ба натиҷаи тадқиқотҳо;

– ташаккул ва инкишофи низоми арзёбии бехатарии иҷтимоӣ.

**Дар бахши таъмини коҳиш додани фавт ва афзоиши давомнокии умр:**

*3. Рушди низоми ҳамкориҳои байнисохторӣ ва байнисоҳавӣ дар самти коҳиш додани фавт ва таъмини афзоиши давомнокии умр тавассути:*

– баҳисобгирии тамоюлҳои демографӣ ва суръати афзоиши шумораи аҳолӣ дар барномаҳои миллӣ ва минтақавии рушди иҷтимоии иқтисодӣ;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ дар соҳаи тандурустӣ, шуғл, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сиёсати ҷавонон, аз ҷумла барномаҳои ба беҳтар намудани шароити оила ва кӯдакон равонагардида;

– тақвияти самти пешгирикунӣ дар зинаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва низоми хадамоти санитарию эпидемиологии тандурустӣ;

– тарғиби тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла тавассути таҳкими равандҳои ташкили чорабиниҳои ҷамъиятӣ-иттилоотӣ ва тайёр намудани мутахассисон дар ин самт;

– мукаммалгардонии низоми хамкориҳои байнисоҳавӣ дар бахшҳои озуқаворӣ, саноат, нақлиёт, мақомоти ваколатдори назоративу санҷишӣ барои таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ва фарҳанги истеъмоли он;

– таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди низоми ҳифзи муҳити зист ва истифодаи устувору самараноки захираҳои таббиӣ, татбиқи сиёсати экологӣ;

– такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва идоракунӣ дар бахши бехатарии меҳнат, инфрасохтори нақлиётӣ;

– таҳияи маҷмӯи тадбирҳои ба коҳиш ва пешгирии ҷинояткорӣ, махсусан дар байни ҷавонон равонагардида, таҳкими низоми кор бо ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ.

**Дар бахши баланд бардоштани маданияти рафтори репродуктивӣ:**

*4. Васеъ намудани дастрасии ҷавонон, аз ҷумла шахсони маъюб ба маълумот ва солимии репродуктивӣ тавассути:*

– мониторинги заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар бахши таъмини солимии репродуктивӣ, аз ҷумла шахсони маъюб;

– арзёбии таҷриба ва низоми ташкил намудани мониторинги равандҳои никоҳи маҷбурии ноболиғон ва ҳомиладории бармаҳал, васеъ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба баланд бардоштани маълумотнокии ҷомеа дар ин самт;

– васеъ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ҷорӣ намудани принсипҳои танзими оила;

– таҳия ва ҷорӣ намудани низоми идоракунии захираҳои кадрӣ ва техникӣ барои таъмини дастрасии аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон ба солимии репродуктивӣ, бахусус дар деҳот ва маҳалҳои дурдасти кишвар, дар шароити ҳолатҳои фавқулоддаи иқлимӣ;

– дастгирии технологияҳо ва муносибатҳои инноватсионии хизматрасонӣ дар таъмини солимии репродуктивӣ.

*5. Тақвияти институти оила ва ташаккули фарҳанги масъулятнокии волидайн тавассути:*

– андешидани тадбирҳои маҷмӯии давлатӣ барои тақвият ва баланд бардоштани нақши институти оила дар ҷомеа;

– андешидани тадбирҳо оид ба коҳиш додани шумораи издивоҷи бармаҳал ва зӯроварӣ нисбати занон, инкишофи тамоюлҳои мусбат дар ин самт, дастгирии падарон ва модарон дар иҷрои вазифаҳои волидайн, ба ҳам омехтани пешравӣ дар мансаб ва иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ;

– такмил додани низоми мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди низоми хизматрасонии иҷтимоию педагогӣ ва психологии оилаҳое, ки ба кумаки вобаста ба тарбияи кӯдакон ниёз доранд.

#### 4.1.5. Натиҷаҳои чашмдошт

– низоми баҳисобгирӣ ва сифати маълумоти омории равандҳои демографӣ беҳтар мегардад;

– заминаи итилоотию таҳлилии равандҳои демографӣ, сатҳи зиндагӣ ва миқёси нобаробарии иҷтимоӣ тавсеа ва таҳким меёбад;

– низоми идоракунии давлатӣ дар масъалаҳои сиёсати демографӣ аз ҳисоби пешгирии тамоюлҳои «бухронӣ»/номусоид ба туфайли пешгӯии демографӣ ва арзёбии бехатарии демографӣ беҳтар мегардад;

– муттаҳидсозии амалҳо ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ дар сатҳи марказӣ ва минтақавӣ дар бахши равандҳои демографӣ баланд мегардад;

– механизмҳои ташаккули фарҳанги масъулияти волидайн такмил меёбад.

### 4.2. Шуғли пурмаҳсул

#### 4.2.1. Ҳолати кунунӣ

Яке аз ҳадафҳои стратегии дар СМР-2030 зикргардида таъмин ва вусъати шуғли пурмаҳсул дар кишвар мебошад, ки он тавассути афзоиши шуғли расмӣ ва меҳнати пурмаҳсул, сатҳи сазовори музди меҳнат ва инчунин бо шароити бехатари меҳнат таъмин мегардад.

Барои гузариш ба суръати баландтари шуғл саъю талошҳо дар якчанд соҳаҳои сиёсат заруранд, ки ба ташаккули шумораи бештари ҷойҳои корӣ дар кишвар бо арзиши иловашудаи баландтар тавассути васеъгардонии бахши хусусии ба рақобат тобовар равона гардидаанд.

Дар давраи то соли 2020 ҳамасола на кам аз 100 ҳазор ҷойи корӣ пурмаҳсули иловагӣ бояд таъсис дод. Дар баробари ин, суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнати деҳот дар муқоиса ба шаҳр зарурати рушди босуръати дар деҳот таъсис додани ҷойҳои кориро талаб мекунад.

Аз рӯи хусусиятҳои демографӣ дар ҷумҳурӣ афзоиши муназзами аҳолии синну соли қобили меҳнат дида мешавад. Ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар шумораи умумии аҳолӣ афзуда истодааст (тибқи арзёбии дурнамо дар соли 2020 он ба 61,1 фоиз мерасад). Дар давраи солҳои 2011-2015 суръати афзоиши миёнаи солонаи аҳолии машғули кор беш аз 1 фоизро ташкил намуда, дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ, сохтмон бо суръати нисбатан баланд афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, гарчанде ҳиссаи дар соҳаи кишоварзӣ машғулбудагон дар солҳои охир аз 67 фоиз дар соли 2011 то 65,5 фоиз дар соли 2015 каме паст шуда бошад ҳам, дар маҷмӯъ ҳиссаи шуғл дар ин соҳа нисбат ба соҳаҳои дигар баландтар мебошад, вале он мушкилоти зиёдатии қувваи кориро дар соҳа ҳал намекунад. Вобаста ба ин, дар самти баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ фаъолиятро пурзӯр намудан мувофиқи мақсад мебошад, ки он барои баланд бардоштани даромади пасти кормандон ва озод намудани қувваи кории изофа барои ҷустуҷӯи кор дар дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад.

Ба бозори меҳнат нигоҳ доштани ҳиссаи назарраси шуғли ғайрирасмӣ хос мебошад (на камтар аз 35-40 фоиз), ки он нисбатан бештар дар корхонаҳои хурд, махсусан дар соҳаи савдо, хизматрасонӣ ва сохтмон ҷамъ омадааст.

Таҳлили сатҳи таҳсилоти бекорони бақайдгирифташуда шаҳодат медиҳад, ки ба бекорӣ асосан он қисми аҳолие гирифтор мешавад, ки таҳсилоти касбӣ надоранд. Ҳамин тариқ, аз шумораи умумии бекорон 77 фоиз таҳсилоти касбӣ надоранд, аз онҳо қариб 17 фоиз дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 60 фоиз дорои таҳсилоти миёнаи нопурра мебошанд.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ яке аз самтҳои муҳими бозори меҳнати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар давоми солҳои 2011-2015 маблағҳое, ки ба кишвар аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқол шудаанд, 40 фоизи ММД-ро ташкил додан, аз ин лиҳоз саъю талошҳо ҷиҳати муташаккилона гардонидани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон муҳим арзёбӣ мегарданд.

**4.2.2. Мушкилоти асосӣ:**

Айни замон дар бозори меҳнат аз як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки ба ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар маҷмӯъ раванди ташаккули он сифати сармояи инсонӣ, арзишҳо ва стереотипҳоеро, ки ба одамони замони муосир хос мебошад, мушкил мегардонанд. Аз ҷумла:

– ***номутобиқат миёни суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва суръати нокифояи таъсиси ҷойҳои кории сазовор.*** Дар давоми панҷ соли охир шумораи аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоби миёна 2,7 фоиз дар як сол афзоиш ёфтааст, аз ҷумла афзоиши пешниҳод дар бозори меҳнат на камтар аз 2 фоизро ташкил медод (тақрибан 120-121 ҳаз. нафар), аммо сатҳи шуғл ҳамагӣ 1 фоиз афзудаасту халос. Дар баробари ин, шумораи шахсони машғули кор дар бахши хусусӣ ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 33 ҳазор нафар дар як сол зиёд шудааст;

– ***номутобиқати сифати қувваи корӣ ба талаботи касбию тахассусии кордиҳандагон.*** Дар бозори меҳнат, сарфи назар аз мавҷудияти қувваи кории машғулнабуда, ки дорои тахассуси зарурӣ намебошад, аллакай ҳоло норасоии кадрҳои баландихтисос, махсусан ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ, коргарони баландихтисоси касбҳои саноатӣ эҳсос мешавад. Тайёр намудани категорияҳои алоҳидаи мутахассисон барои соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра ба миқдори нокифоя таъмин карда мешавад. Тибқи арзёбии коршиносон талабот ба кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва соҳибкории хурд дар оянда афзоиш хоҳад ёфт. Ин тағйироти ҷиддиро дар самти ташкили тайёрии касбии мутахассисон, таҳияи барномаҳои махсус оид ба бозомӯзии бекорон ва такмили ихтисоси шахсони машғули кор дар истеҳсолот буда талаб менамояд;

– ***ҳаҷми зиёди шугл дар бахши ғайрирасмӣ ва паст будани сатҳи музди меҳнат дар бахши расмӣ.*** Шуғли ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ҷавонони синну соли қобили меҳнатро фаро гирифта истодааст. Афзоиши сатҳи шуғли ғайрирасмӣ боиси пурра ворид нагардидани пардохтҳои иҷтимоӣ ва воридоти андоз ба ҳамаи сатҳҳои буҷет гардида, ки ба норасоии сармояи дохилӣ ва пурра маблағгузорӣ нашудани соҳаи иҷтимоӣ оварда мерасонад ва аз ҳама муҳим барои тадбиқи сиёсати самараноки даромад ва музди меҳнат дар кишвар мусоидат намекунад;

– ***вобастагии калон аз даромадҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ.*** Интиқоли пулӣ ба мамлакат аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ на кам аз 40 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин осебпазирии кишвар

ҳамчунин бо вобастагии калон аз бозори меҳнати як мамлакат (Россия) алоқаманд мебошад. Бинобар ин зарур аст, ки ҳам ҷиҳати диверсификатсияи самти муҳоҷират ва ҳам расмикунонии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон дар мамлакате, ки онҳоро бо кор таъмин мекунад, тадбирҳо андешида шаванд.

**4.2.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– роҳҳои ҳавасмандгардонии корфармоён ҷиҳати таъсис додани ҷойҳои нави корӣ;

– таъсиси бозори дохилии меҳнати ба рақобат тобовар;

– баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ;

– баланд бардоштани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт;

– диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ.

**4.2.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар бахши ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ:**

*1. Васеъ намудани имкониятҳои таҳлил ва пешгӯии рушди бозори меҳнат (аз ҷумла дар миқёси минтақаҳо) тавассути:*

– такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқии ташаккули (аввал дар сатҳи миллӣ ва пас аз он дар сатҳи минтақаҳо) низоми таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат;

– рушди инфарсохтори оморӣ барои таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат (пайваста гузаронидани тадқиқоти қувваи корӣ (бо дохил намудани маҷмӯи масъалаҳои алоқаи таҳсилот, шуғл ва даромадҳо), тадқиқоти корхонаҳо ва ташкилотҳо, пурсишҳо оид ба бокортаъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ);

– ҷорӣ намудани низоми ҳисоботдиҳии фаврӣ оид баҳодиҳии ҳолати бозори меҳнат (ҳар семоҳа бо инъикоси равандҳои таъсис ва барҳам додани ҷойҳои корӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дохилӣ) ба низоми таъминоти иттилоотии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

*2. Мусоидат ба тағйироти сохторӣ дар соҳаи шугл тавассути:*

– мушаххас намудани ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувор дар доираи таъмини шуғли босамар, ташкили мониторинги пешравиҳо дар ин самт;

– марҳила ба марҳила паст намудани сарбории андоз ба меҳнат;

– таҳияи нақшаҳои (роҳнамои) рушди соҳибкории хурду миёна;

– ташаккули маҷмӯи ҳавасмандиҳо дар самти инкишофи шуғли ғайрикишоварзӣ дар деҳот;

– андешидани тадбирҳое, ки мушаххасан ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ва занон равона гардидаанд;

– таҳия ва татбиқи Консепсияи шуғли фосилавӣ;

– таҳия ва татбиқи Барномаи миёнамуҳлати мақсадноки «Мусоидат ба шуғли шахсони маъюб ва таъсиси гурӯҳҳои худёрирасон».

**Дар бахши таъсиси бозори дохилии меҳнат дар рақобат тобовар:**

*3. Ташаккули муҳити рақобатпазир дар бозори меҳнат тавассути:*

– гузариш аз имтиёзҳои суроғавии инфиродӣ ба имтиёзҳои молӣ/соҳавӣ, бекор кардани имтиёзҳои бенатиҷа;

– инвентаризатсияи афзалиятҳои дастгирии давлатии қарзӣ;

– ҷорӣ намудани низоми арзёбӣ ва мониторинги кам кардани монеаҳо оид ба дохил шудани корхонаҳо ба бозорҳои соҳавӣ/молӣ;

– тақвияти институтсионалии неруи марказҳои давлатии шуғл ва ташаккули низоми агентиҳои кадрии хусусӣ (васеъ гардонидани номгӯ ва стандартизатсияи хизматрасонии онҳо);

– таҳия ва мониторинги барномаҳои давлатии суроғавии марказҳои шуғли аҳолӣ аз рӯи гурӯҳҳои мақсаднок (занон, шахсони маъюб, муҳоҷирони баргашта бо тахассуси паст);

– татбиқи механизмҳои шарикии иҷтимоӣ дар бозори меҳнат (аз ҷумла барномаҳо оид ба ҳамкории ассотсиатсияҳои кордиҳандагон/соҳибкорон, иттифоқҳои касабаи соҳавӣ ва вазоратҳои соҳавӣ);

– инкишофи низоми таъминоти иттилоотии мусоидат ба таъмини шуғл.

**Дар самти баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ:**

*4. Таъсиси низоми ҳамкории устувори миёни низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат тавассути:*

– тайёр кардани мутахассисони касбҳои гуногуни ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир;

– тавсеа ва диверсификатсияи барномаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии самти технологӣ;

– ташаккули низоми мусоидат ба гирифтани (иҷора ва ё ипотека) манзил аз ҷониби муҳандисон-технологҳо, ки мувофиқи ихтисос ба кор даромаданд;

– таҳияи асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими ҳамкории мақомоти давлатӣ дар масъалаҳои сертификатсияи салоҳият ва тахассус;

– такмили низоми банақшагирии салоҳият ва тахассус, роҳнамои болоравӣ дар мансаб;

– инкишофи механизмҳои низоми интихоби касб;

– дастгирӣ ва вусъати таҷрибаи тайёр намудани мутахассисони ҷавон, муносибатҳои шартномавӣ миёни муассисаҳои таълимӣ, давлат, ҷавонон ва кордиҳандагон.

**Дар бахши баланд бардоштани шуғли расмӣ дар иқтисодиёт:**

*5. Бехтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва ба расмият даровардани шуғл дар асосӣ тадбирҳои байнисохторӣ тавассути:*

– таҳияи маҷмӯи тадбирҳо ҷиҳати ба расмият даровардани шуғл ва пардохти меҳнат дар доираи татбиқи барномаи миллӣ оид ба паст намудани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда;

– таҳияи низоми байнисоҳавии ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ дар бахши паст намудани шуғли ба қайд нагирифташуда (ғайрирасмӣ).

**Дар бахши диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ:**

*6. Такмил додани механизмҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷии ба беҳтар намудани шароити муҳоҷират равонагардида тавассути:*

– таҳия ва ҷорӣ намудани низомҳои иттилоотии ҳамкории байнисоҳавӣ дар доираи идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ;

– такмил додани низоми меъёрию ҳуқуқии ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ;

– фаъолгардонии саъю талошҳо оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, аз ҷумла ба воситаи созишномаҳои дутарафа доир ба ҷалби муташаккилонаи муваққатии шаҳрвандони кишвар ва таъминоти нафақавӣ;

– таҳияи маҷмӯи амалҳои ҳассоси гендерӣ оид ба омодасозии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;

– ташаккули махзани маълумоти талаботи соҳавӣ ва ҳудудии ҷумҳурӣ ва кишварҳои асосии воридкунандагони қуваи корӣ;

– интишори васеътари маҷмӯи иттилооту маълумот оид ба ҳуқуқу уҳдадориҳо, шартҳо ва тартиби бақайдгирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои асосии воридкунандагони қувваи корӣ.

#### 4.2.5. Натиҷаҳои чашмдошт

Дар назар аст, ки татбиқи тадбирҳои пешбинишуда оид ба мусоидат ба шуғл, ки шуғли пурмаҳсул таъмин наменамояд, ва фароҳам овардани шароит барои рушди сармояи инсонӣ натиҷаҳои зерин хоҳанд дошт:

– мувозинати миқдор ва сифати аҳолии қобили меҳнат ва ҷойҳои корӣ таъмин гардида, шумораи аҳолии бекор (шахсони бекор ва ғайрифаъол) паст карда мешавад;

– механизми таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат тақвият дода шуда, маълумот оид ба бозори меҳнат на камтар ду маротиба дар як сол нав карда мешавад;

– шуғли шахсоне, ки дорои мушкилоти махсуси бо кор таъмин шудан мебошанд (шахсони маъюб, модарони яккаву танҳо, муҳоҷирони баргардандаи дорои тахассуси паст) беҳтар мешавад;

– баланд бардоштани сатҳи касбию тахассусии шахсони машғули кор таъмин мегардад;

– сатҳи огоҳӣ ва омодагии касбии аҳолӣ дар мавриди кор дар бозорҳои меҳнатии хориҷӣ баланд бардошта мешавад;

– ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ баланд бардошта мешавад.

### 4.3. Маориф ва илм

#### 4.3.1. Ҳолати кунунӣ

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф боло бурдани сифати таълим дар ҳама зинаҳо ва нигоҳ доштани дастрасии баробар барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, ҷинс, синну сол ва маҳалли истиқомат, афзалияти асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар натиҷаи ислоҳоти фарогири соҳаи маориф ҷумҳурӣ дар соли 2016 ба чунин натиҷаҳо ноил гашт:

– *низоми рушдёбандаи муассисаҳои томактабӣ;*

Шумораи ин муассисаҳо аз 494 дар соли 2011 то 577 адад дар соли 2015 зиёд шуда, фарогирии кӯдакон зиёда аз 88,3 ҳазор нафарро ташкил намуд. Дар баробари фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ 1619 Маркази рушди кӯдакон амал мекунад. Бо вуҷуди ин дар ҷумҳурӣ фарқият миёни фарогирии кӯдакони шаҳр ва деҳот ба назар мерасад (сатҳи

фарогирӣ дар муассисаҳои томактабӣ дар шаҳр 20 фоиз ва дар деҳот 5-7 фоизро ташкил медиҳад).

Рушди бахши мазкур дар асоси татбиқи барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2012-2016 ва Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 61 муассисаи хусусии томактабӣ фаъолият мекард. Дар баробари ин, 12 муассиса амал мекунанд, ки барои кӯдакони имконияташон маҳдуд пешбинӣ шудаанд. Тибқи нақша таҳия ва татбиқи барнома ҷиҳати давра ба давра сафарбар намудани кӯдакони дорои ниёзҳои махсус ба таҳсилот ба муассисаҳои таълимии муқаррарӣ ва баланд бардоштани самаранокии марказҳои томактабии махсус дар назар аст.

*– таҳсилоти асосии умумӣ ва баробарии ҷинсӣ миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;*

Фарогирии кӯдакони синну соли мувофиқ рӯ ба афзоиш аст. Дар низоми мазкур 3845 муассисаи таҳсилоти умумӣ амал менамояд, ки дар онҳо 1 743 ҳазор хонандагон таҳсил ва 103,7 ҳазор нафар ҳайати омӯзгорон кору фаъолият менамоянд. Дар давраи солҳои 2011-2015 дар ҷумҳурӣ 92 ҳазор ҷойи нишасти хонандагон ва 3067 синфхона ба истифода дода шуд. Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» давлат таъмин ва хароҷоти таълим ва тарбияи кӯдакони ятим, бепарастор, дорои ниёзҳои махсус ва имконияташон маҳдудро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ кафолат медиҳад ва баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷойи кор таъмин менамояд. Дар ҷумҳурӣ шабакаи муассисаҳои таълимии махсус (муассисаҳои таълимии ёрирасон) таъсис ёфтаанд, ки дар онҳо таълими кӯдакону наврасони дорои маҳдудият дар рушди ҷисмониву зеҳнӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар кишвар давра ба давра 3 барномаи давлатӣ оид ба компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ қабул ва татбиқ шуданд, ки дар натиҷа таъминоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо компютер ба маротиб афзуда, ба ҳисоби миёна ба як муассисаи таҳсилоти умумӣ на камтар аз 13 компютер рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи сатҳи маълумотнокӣ дар маҷмӯъ баробари кишварҳои дорои сатҳи миёнаи рушди инсон қарор дорад. Давомнокии миёнаи таълим 10,4 солро ташкил медиҳад.

*– низоми ташаккулёфтаи таҳияи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;*

Дар кишвар муассисаҳои нашриявӣ барои нашри китоб ва воситаҳои таълим, аз ҷумла барои кӯдакони имконияташон маҳдуд (айни замон танҳо барои синфҳои ибтидоӣ) таъсис дода шудааст.

*– низоми рушдёбандаи таҳсилоти касбӣ;*

Болоравии теъдоди қабул ва омода намудани мутахассисон мушоҳида мешавад. Дастрасии маълумоти касбиро дар ҷумҳурӣ 66 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо, аз онҳо 12 адад хусусӣ) ва 39 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва қисме аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар ҷумҳурӣ рушди таҳсилоти олии касбӣ мушоҳида шуда, теъдоди донишҷӯён босуръат меафзояд. Ворид гардидани кишвар ба раванди Болон уҳдадории гузариш ба низоми дузинагии таҳсилот – бакалавр ва магистратураро ба миён овард. Айни замон ҷумҳурӣ аз нарасидани кадрҳои баландихтисос, бахусус зинаи миёна, ки метавонанд масъалаҳои муҳимро оид ба ислоҳоти саноатӣ ва инноватсионӣ дар кишвар ҳал намоянд, танқисӣ мекашад. Дар ҷумҳурӣ барномаи мақсадноки тайёр намудани мутахассисон барои минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президентӣ, инчунин барномаи «Дурахшандагон» оид ба тайёр намудани мутахассисон дар хориҷи кишвар аз рӯи ихтисосҳои зарурии камёфт таҳия ва амалӣ гашта истодааст. Дар низоми таҳсилоти касбӣ низоми омехтаи буҷетӣ ва қарордодӣ/шартномавии таълим ҷорӣ карда шудааст;

– *низоми рушдёфтаи илм ва хизматрасонии илмӣ;*

Дар ҷумҳурӣ 63 муассиса фаъолият менамояд, ки бевосита бо илм ва хизматрасонии илмӣ машғуланд. Дар давоми солҳои 2011-2015 теъдоди мутахассисон – муҳаққиқоне, ки ба коркард ва таҳқиқоти илмӣ машғуланд, тақрибан 1,5 маротиба афзудааст. Механизмҳои ташаккули низоми омодасозии кадрҳои илмӣ таҳия гардида, мавриди амал қарор дорад. Ташаккули низоми миллии ҳимояи корҳои илмӣ ва гирифтани унвони илмӣ, аз ҷумла дар доираи гузариши тадриҷӣ аз аспирантура ба докторантураи PhD дар ҷараён аст. Гарчанде маблағгузории умумӣ ба соҳаи илм дар давоми панҷ соли охир 1,7 маротиба афзудааст, ҳаҷми маблағгузории соҳа то ҳол нокифоя мебошад.

Воситаҳои асосии ноил гардидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташудаи сиёсати миллӣ дар соҳаи маориф дар давраи миёнамуҳлати рушд ба анҷом расонидани татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои хусусии томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, Барномаи ҷустуҷӯ ва инкишофи истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020, Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020, Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 мебошанд.

### 4.3.2. Мушкилоти асосӣ

Ислоҳоти иқтисодии фарогири кишвар талаботи усулан навро нисбат ба сатҳ ва сифати таҳсилоти аҳолӣ ба миён мегузорад. Ислоҳоти сохторӣ дар иқтисодиёт тақозо менамояд, ки ба бозори меҳнат на танҳо мутахассисони хуби соҳибмаълумот ва соҳибихтисос, балки шахсони омодаи кор дар истеҳсолоти муосир ворид шаванд. Дар давраи миёнамуҳлат ҳатто ин ҳам барои ташаккули неруи устувор ҷиҳати фароҳам овардани сатҳи баланди арзиши иловашуда дар бахши инноватсияҳо, дастовардҳои илмию техникӣ нокифоя боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, бояд

барои ҳалли мушкилоти зерин дар рушди бахши мазкур пешравӣ таъмин карда шавад:

– *дастрасии нобаробар ба таҳсилот:*

Дастрасии нокифояи кӯдакони синни 3-6-сола ба таҳсилоти томактабӣ имконоти омодагии баробари кӯдаконро ба таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин карда наметавонад. Аз шумораи умумии кӯдакони синни 3-6-сола зиёда аз 80 фоиз ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта намешаванд. Дар зинаи таҳсилоти умумӣ дар раванди хатми синфи 9 идомаи таҳсил дар синфи 10 ё дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ на камтар аз 9,1 фоиз писарон ва 15,5 фоиз духтарон ба таҳсил фаро гирифта намешаванд, ки ин монеаи аввалини гирифтани таҳсилоти комили касбӣ ва ҷалби онҳо ба бозори меҳнат мебошад. Ҳамзамон бо омилҳои гуногун, аз қабили маҳалли истиқомат (шаҳр/деҳот), вазъи иқтисодии оила, ҳолати саломатӣ фарқият дар дастрасӣ ба хизматрасонии босифати таҳсилот боқӣ мемонад.

– *қафомонии соҳаи маориф аз талаботи рушди иҷтимоию иқтисодӣ;*

Дар низоми маорифи ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти хуби таълимӣ ҳавасманд нестанд. Дар баробари ин, шакл ва механизмҳои иштироки шаҳрвандон, кордиҳандагон, иттиҳодияҳои касбӣ дар ташаккули муносибатҳои бозорӣдар соҳаи маориф, инчунин дар раванди ташхиси мустақили сифати таълим рушд наёфтааст. Фоизи хатмкунандагони соҳаи таҳсилоти касбӣ, ки мувофиқи ихтисос бо ҷои кор таъмин шудаанд, хеле паст мебошад. Мушкилот вобаста ба сифати пасти таҳсилоти касбӣ, нобаробарӣ дар самти тайёр намудани мутахассисон аз нигоҳи талаботи соҳавӣ, суст будани робитаи стратегияи рушди муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо стратегияҳои истеҳсолии рушд мушкилот ба назар мерасад.

– *норасоии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи маориф:*

Ба низоми давлатии маориф бинобар паст будани музди меҳнат аз нигоҳи фаъолияти касбӣ таваҷҷуҳи мутахассисон нисбатан кам арзёбӣ мегардад. Мақоми касби муаллим ва ё омӯзгор боло нарафта, аз кор рафтани кадрҳои баландихтисос ба соҳаҳои дигар коҳиш наёфтааст. Дар муассисаҳои таълимии деҳот сатҳи таъминоти омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ 69 фоизро ташкил медиҳад, дар ҳоле, ки дар шаҳрҳо ин нишондиҳанда қариб ба 84 фоиз баробар аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 28,6 ҳазор омӯзгорон кору фаъолият менамоянд, ки таҳсилоти олӣ надоранд. Низоми бозомӯзӣ ва такмили ихтисос бо сабаби қафомонӣ нисбат ба талаботи воқеии омӯзгорон имкон намедиҳад, ҳайати кормандоне ташаккул дода шавад, ки мазмуну мундариҷаи муосири раванди таълимро таъмин ва бо технологияҳои таълимии пешқадам фаъолият карда тавонанд.

– *номукаммалии механизмҳои идоракунии давлатии соҳаи маориф;*

Дар ҷумҳурӣ механизмҳои ҷалби кордиҳандагон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба масъалаҳои ташаккул ва татбиқи сиёсат дар соҳаи маориф дар сатҳи зарурӣ рушд накардааст. Механизмҳои дастгирии фаъолияти таълимии инноватсионӣ, беҳдошти воқеии сифати таълим тавассути фарогирии зарурии кӯдакон, наврасон ва калонсолон инкишоф наёфтааст. Неруи таҳқиқотӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ паст буда, раванди

ҷалбшавӣ ба ҷараёни тавлиди маҳсулоти нав ва ҳалли мушкилоту вазифаҳои муосири истеҳсолӣ ба мақсад мувофиқ нест.

*– суръати пасти инкишофи таҳқиқоти амалӣ, рушд наёфтани бозори моликияти зеҳнӣ, паст будани самаранокии фаъолияти паркҳои технологӣ ва марказҳои инноватсионӣ, «пиршавӣ»-и ҳайати кормандони илмӣ:*

Ҳанӯз ҳам миёни таҳқиқоти илмӣ ва истеҳсолот робитаи қавӣ ба назар намерасад. Дар баробари ин, дар сохтори сармоягузорӣ ба соҳаи илм давлат бартарӣ дошта, маблағгузории бахши хусусӣ бениҳоят маҳдуд аст, ҳол он ки афзоиши рақобатпазирии соҳаҳо бояд бештар ба сармояи хусусӣ такя кунад. Ҳанӯз механизми муассири ба бозор баровардани маҳсулоти инноватсионӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсолот ташаккул наёфтааст. Танҳо истифода аз технологияҳои муосири бозорҳои хориҷӣ наметавонад барои пешрафти технологӣ мусоидат кунад. Кишвар ба омодасозии неруи ватанӣ ҷиҳати рушди инноватсия дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ниёз дорад. Вале паст шудани сифати неруи илмию техникӣ омили боздорандаи рушди инноватсионӣ мебошад. Фарқияти миқдорӣ ва синнусолӣ миёни шахсони машғули фаъолияти илмию техникӣ афзуда истодааст. Аз шумораи умумии кормандони муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ҳиссаи мутахассисони дорои унвони илмӣ танҳо 28,4 фоизро ташкил медиҳад.

**4.3.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– баланд бардоштани иқтидори низоми маориф, омода намудани мутахассисон ва инноватсияҳо;

– баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ;

– баланд бардоштани иқтидори илмии кишвар;

– таҷдиди низоми муассиса ва инфрасохтори фаъолияти илмию таҳқиқотӣ.

**4.3.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ.**

**Дар самти баланд бардоштани иқтидори низоми маориф, омода намудани мутахассисон ва инноватсияҳо**

**Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо таҳия, қабул ва ҷорӣ намудани механизми нави арзёбии натиҷабахшии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ба хусус муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дастгирии давлатии онҳо, бо назардошти таҷрибаи байналмилалии омодасозии мутахассисон зарур аст.**

*1. Таҷдиди идоракунии соҳаи маориф ва илм тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла доир ба танзими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани низоми мониторинг ва кафолати сифат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташаккули стандартҳои давлатии таҳсилот ва механизмҳои маблағгузории гирифтани таълим дар шаклҳои алтернативии таҳсилот, таъмини ҳамгироии маориф ва илм, риояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;

– мушаххас намудани ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувор дар доираи низоми миллии маориф, ташкили мониторинги пешравиҳо дар ин самт;

– рушди низоми аккредитатсия (аз ҷумла аккредитатсияи байналмилалӣ) ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ;

– ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва кормандони маъмурӣ дар рушд ва такмили низом;

– ворид намудани механизмҳои нави арзёбии сифати таҳсилот, саводнокӣ ва дарсомӯзии кӯдакон;

– истифодаи маҷмӯи стандартҳо ва раванди назорати таъминоти ғизо ва кӯмаки тиббӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

– фароҳам овардани заминаи мусоиди танзимкунанда барои ҷалби сармоя ба соҳа, ташаккули низоми маводи таълимӣ, буҷетикунонӣ ва маблағгузории барномавӣ.

*2. Дастгирии рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ тавассути амалисозии тадбири зерин:*

– мусоидат ба муассисаҳои ғайридавлатӣ дар масъалаҳои пешниҳоди бино дар шаклҳои гуногун (аз ҷумла дар шакли иҷораи дарозмуҳлат), ташаккули низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

*3. Таҳкими инфрасохтори соҳаи маориф тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– таъмини сохтмон, таъмир ва азнавсозӣ, барқарорсозии биноҳо ва иншоот бо назардошти дастрасии воқеӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи самаранокии энергетикӣ, тобоварӣ ба зилзила ва бехатарии онҳо аз офатҳои табиӣ;

– ҷоннок намудани сохтмон, барқарорсозӣ ва васеъ намудани инфрасохтор дар соҳаи маориф дар доираи лоиҳаҳо оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

– ба роҳ мондани низоми ҳарсолаи арзёбӣ ва мониторинги ҳолати низомҳои гармидиҳӣ, таъминоти барқ, таъминот бо оби нӯшокӣ ва беҳдоштӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

*4. Ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фарогир дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– таҳия ва ҷорӣ намудани низоми татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил барои шахсони имконияташон маҳдуд;

– ҷорӣ намудани шароит оид ба инфрасохтори бемонеа ҳангоми сохтмон, азнавсозии бино ва иншооти таълимӣ;

– таъсис додани самти алоҳида оид ба баланд бардоштани тахассуси касбии омӯзгорон/мураббиён ва кормандони иҷтимоӣ;

– таҳияи стандартҳои таҳсилот, барномаҳои махсус, китобҳои дарсӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва кӯдакони душвортарбия;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок дар сатҳи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои калон оид ба таъмини дастрасии таҳсил барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти умумии маҳалли зист;

– мониторинги татбиқи Низомнома оид ба ҷорӣ намудани таҷрибаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи барномаҳои таълимӣ дар сатҳ ва самтҳои гуногун нисбат ба кӯдакони дорои ниёзҳои махсуси таҳсилотӣ.

*5. Ташаккули низоми таҳсилоти иловагӣ ва муттасил тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– таҳияи стандартҳо ва барномаҳои мухталифи таҳсилоти иловагии кӯдакон, аз ҷумла барномаҳо барои кӯдакони дорои ниёзҳои махсуси таҳсилотӣ;

– ташкили заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми аккредитатсияи касбию ҷамъиятии барномаҳои иловагии касбӣ ва аккредитатсияи ҷамъиятии ташкилотҳои таҳсилоти иловагии касбӣ;

– дастгирии раванди барқарорсозии заминаи моддию техникии муассисаҳои мавҷудаи таҳсилоти иловагӣ;

– таҳия ва татбиқи Барномаи миёнамуҳлати инкишофи таҳсилоти касбии калонсолон;

– таъсиси низоми сохтори корпоративии шабакаи таҳсилоти баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, такмили ихтисос, ки вазифаи он дарки ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои сифатӣ ва миқдории дурнамои тайёр намудани мутахассисон, таъмини дастрасӣ ба технологияҳои замонавӣ/инноватсионии таҳсилот мебошад.

**Дар самти баланд бардоштани иқтидори илмии кишвар:**

– такмил додани раванди гирифтани унвон ва дараҷаҳои илмӣ, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯянд ва бартараф кардани монеаҳои мавҷуда барои таъмини рақобатпазирии онҳо;

- такмили институтсионалии соҳаи илм.

**Дар бахши таҷдиди низоми ташкил ва инфрасохтори фаъолияти илмию таҳқиқотӣ**

*6. Рушди шабакаи миллии касбӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– ташаккули заминаи илмию технологӣ бо иштироки фаъоли соҳибкорон барои муайян намудан ва маблағгузорӣ кардани самтҳои афзалиятноки рушди илмию технологии кишвар;

– оғоз намудани раванди ташаккули низоми фармоиши давлатӣ оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ;

– ташаккул ва рушди бозори талабот ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки дар асоси ин фаъолият ба даст омадаанд;

– таҳияи низоми дастгирии рушди хизматрасониҳои муҳандисӣ ва технологӣ-иттилоотӣ;

– таҷдиди низоми ташаккул ва рушди технополисҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсионӣ ва марказҳои кашфиёти илмии назариявию амалӣ;

– ташаккули шабакаи марказҳо (лабораторияҳо)-и миллии таҳқиқотӣ (дар шакл ва моделҳои гуногун) аз рӯи самтҳои асосии рушди технологӣ;

– афзоиши назарраси маблағгузориҳои давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ ба низоми кашфиёти илмӣ;

– ташаккули «фармоиши давлатӣ» оид ба коркарди масъалаҳои стратегии амалӣ дар асоси сенарияи илмӣ ва маблағгузории он тавассути баргузории озмунҳо;

– баланд бардоштани иқтидори инфрасохтори инноватсионӣ, аз ҷумла муассисаҳое, ки барои таъсис ва инкишофи ширкатҳои инноватсионӣ (бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои омӯзишӣ) мусоидат менамоянд, инчунин муассисаҳои машваратӣ (омӯзиши

вазъи бозорҳо, таҳияи бизнес - нақшаҳо, стратегияҳои рушд, таҳқиқоти патентӣ, таҳқиқот оид ба бартариятҳои рақобатӣ, аудит, масъалаҳои ҳуқуқӣ), марказҳои трансферти технологӣ ва ғ.;

– тақвият додани мутамарказсозии неруи илмӣ ва рушди шаклҳои ташкилии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот дар асоси таъсис додани иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ, инчунин ташаккули консорсиуми давлатию хусусии ТИТК (таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ), ки ба соҳаҳои муҳими стратегӣ ва маҷмааҳои иқтисодии кишвар махсус гардонида шудааст, инчунин таъсиси хазинаи марказонидашудаи рушди инноватсионӣ;

– таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ташаккули кластерҳои миллии аз ҷиҳати илмӣ ояндадор дар асоси муттаҳид кардани илм ва соҳибкорӣ.

**Вазифаҳо ва самтҳои амал барои ноил гардидан ба афзалиятҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсилот:**

**Таҳсилоти томактабӣ**

*1. Фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ, махсусан дар синни 3-6-солагӣ бо афзалият додан ба қабули кӯдакони имконияташон маҳдуд. То соли 2020 шумораи кӯдаконе, ки ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта мешаванд, то 30 фоиз меафзояд. Барои ин тадбирҳои зерин андешида мешаванд:*

– таҳким ва тавсеа додани шаклҳои анъанавии таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла аз ҳисоби ҳавасмандгардонии фаъолтари таъсиси муассисаҳои таълимии хусусӣ;

– инкишофи шаклҳои ғайрианъанавӣ/алтернативии омода намудани кӯдакон ба фарогирӣ ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (таъсиси гурӯҳҳои тайёрии ройгон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии давлатӣ, гурӯҳҳои тайёрии махсус дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ);

– таҳияи стандартҳои таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ барои шаклҳои ғайрианъанавию кутоҳмуддати марказҳо барои омода намудани кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шакли таълими рӯзона, инчунин барои хизматрасониҳои пулакии омодагии томактабӣ.

*2. Таъмини сифати баланди таҳсилоти томактабӣ тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– рушди низоми стандартҳои давлатии таҳсилот оид ба омода намудани кӯдакон ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки асосҳои заминавиро барои рушди маҳорат, истифодаи навоварӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон фароҳам меоваранд;

– ҷорӣ намудани низоми такмилдодашудаи омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон;

– таҳия ва ҷорӣ намудани низоми мониторинги сифати таълим дар муассисаҳои томактабӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳо ва назорати маҳсулоти озуқаворӣ, ки ба муассисаҳои томактабӣ дастрас мегардад ва сифати кӯмаки тиббӣ дар чунин муассисаҳо.

**Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ**

*3. Ба анҷом расонидани ҷараёни заминагузорӣ барои гузариш ба таҳсилоти 12-сола ва баланд бардоштани самаранокии ҷараёни таълим. Дар*

*баробари ин фарогирии умумӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва омӯзиш тавассути тадбирҳои зерин таъмин карда мешавад:*

– баланд бардоштани сифати таҳсилоти хатмкунандагон ва бозомӯзии омӯзгорон;

– афзоиши сармоягузориҳо ба инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барои сохтмони 281 муассисаи таълимӣ барои 104 ҳазор хонанда пешбинӣ гардида, имконияти таъмин бо компютерҳоро барои на камтар аз 480 муассисаи таълимӣ дорад;

– таҳия ва нашри китобҳои дарсии насли нав бо забони давлатӣ ва бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ;

– пайваст намудани тамоми муассисаҳои таълимии кишвар ба шабакаи Интернет;

– пурра таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибтахассус, махсусан дар деҳот ва ҳавасманд намудани шуғл дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла барои мутахасисони ҷавон аз ихтисосҳои омӯзгорӣ;

– дар донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ҷорӣ намудани барномаҳои интерактивии омӯзиши инноватсионӣ, аз ҷумла барномаҳои дастгирӣ ва таъмини тайёркунии омӯзгорон барои таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ;

– дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани барномаҳои таълимие, ки масъалаҳои интихоби касбро барои омода намудани хонандагон пас аз хатми синфи 9 дар бар мегиранд;

– омӯзонидани гигиенаи шахсӣ, малакаҳои ҳаётӣ ва тарзи ҳаёти солим ба гурӯҳҳои синну соли муайяни хонандагон;

– тавсеаи имконот барои гузаронидани машғулиятҳои махсуси факултативӣ;

– кӯшишҳои назарас барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд дар масъалаҳои дастрасӣ ба таҳсилоти хушсифат.

*4. Таҳия ва тавсеаи истифодаи барномаҳои таълимӣ ва такмили низоми омода намудани мутахассисон барои кор бо «кӯдакони талаботашон махсус» тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– ҳамгироии кӯдакони имконияташон маҳдуд бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– муайян намудани шароити махсуси инкишоф, тарбия ва таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд, инчунин мусоидат ба ташкили имкониятҳое, ки ба хусусиятҳои шахсии кӯдак мувофиқат мекунанд (ташкили таълими фосилавии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар шароити хона, аз ҷумла таҷҳизонидани манзилҳои истиқоматии онҳо бо воситаҳои зарурии техникӣ ва фароҳам овардани шароит барои дастрасӣ ба интернет);

– дар доираи имкониятҳо дастгирӣ намудани кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва бо китобҳои дарсӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ таъмин намудани онҳо.

**Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

*5. Ба таври назаррас такмил додани низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ то соли 2020, аз ҷумла тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– беҳтар намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва низоми аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ;

– мунтазам таҷдид намудани барномаҳои таълимии касбӣ дар асоси мониторинги талаботи бозори меҳнат. Гузаронидани низоми мониторинг дар шакли шарикии давлат бо бахши хусусӣ. Ҳамзамон, махзани маълумот оид ба номгӯи касбҳо таъсис дода мешавад. Низоми арзёбии берунаи натиҷаҳои таълим, сертификатсияи тахассуси касбӣ ҷорӣ карда мешавад;

– рушди низоми таълим ва аттестатсияи омӯзгорон тавассути барномаҳои нави омодагии касбӣ, ки малакаҳои менеҷмент, донистани ҳуқуқ, забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ ва маҳорати истифодаи технологияи иттилоотиро дар бар мегиранд;

– мунтазам арзёбӣ намудани пешравиҳо дар фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба таҳсилоти касбӣ.

*6. Фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсилоти касбӣ аз ҷониби шахсони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимие, ки ба маҳалли зисти онҳо хеле наздик мебошанд, тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– барои онҳо фароҳам сохтани имкониятҳои гирифтани таҳсилот бо истифодаи технологияҳои фосилавӣ;

– дар асоси этикаи касбӣ ташаккул додани муносибат бо таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;

– ташкили ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар ҳалли мушкилоти ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифтани шахсони имкониятошон маҳдуд ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо.

*7. Тавсеаи таъсиси литсею коллеҷҳои касбии бисёрсоҳа, ки ҳар яке 7-10 самти асосии таълимро пешниҳод менамоянд, тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– гурӯҳбандӣ намудани касб ва ихтисосҳои ҳамгиро, ки доир ба онҳо ташкил намудани таълим дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ зарур мебошад;

– оғоз намудани раванди воридсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– ҷорӣ намудани курсҳои махсус, ки барои таъмини иштироки бештари занон дар соҳибкории хурд равона гардидаанд.

**Таҳсилоти олии касбӣ**

*8. Ба андозаи на камтар аз 15 фоиз зиёд кардани фарогирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини ҳамбастагии бештари талаботи бозори меҳнат ва зинаи таҳсилоти олии касбӣ тавассути амалисозии тадбирҳои зерин:*

– андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилоти хатмкунандагон, бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– таҳия ва ҷорӣ намудан стандартҳои муосири таҳсилот ва ба онҳо мутобиқ намудани таҷҳизонидани раванди таълим ва фаъолияти илмию таҳқиқотӣ;

– такмили низоми арзёбии сифати таълим дар асоси таҷдиди шаклҳои арзёбии дохилии сифати таълим, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, инчунин рушди механизмҳои назорати ҷамъиятӣ;

– ҷорӣ намудани усулҳои нави маблағгузории таҳсилоти олии касбӣ, дар асоси татбиқи меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ ва васеъ намудани ҳиссаи маблағгузориҳо аз фаъолияти илмию таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки тавассути озмун амалӣ карда мешавад;

– дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии худмаблағгузор таъсис додани марказҳои инноватсионӣ, паркҳои техникӣ, озмоишгоҳҳои муштарак, марказҳое, ки хизматрасониҳои машваратӣ, лоиҳавӣ ва ғайраро пешниҳод менамоянд.

**4.3.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз ҷумла барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва шахсони имкониятаашон маҳдуд баланд бардошта мешавад;

– самаранокӣ ва сифати ташкили раванди таълим ва методологияи он баланд бардошта шуда, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимию методӣ барои омӯзгорон таҷдид карда мешавад;

– савияи касбии омӯзгорон баланд бардошта шуда, ҳавасмандӣ ва фаъолияти онҳо беҳтар мегардад;

– имкониятҳо барои таҳсилоти муттасил ва омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт бештар фароҳам оварда мешаванд;

– маблағҳои давлатӣ, ки барои соҳаи маориф пешбинӣ шудаанд, тавассути такмил додани идоракунии низоми давлатии маориф боз ҳам самараноктар истифода бурда мешаванд;

– низоми устувори татбиқи навовариҳо таъсис дода шуда, замина барои таҳким ва ҳифзи неруи зеҳнӣ ташаккул меёбад.

**4.4. Тандурустӣ ва дарозумрӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай «заминаи барномавӣ»-ро оид ба таҳкими солимии аҳолӣ ташаккул додааст, ки он тавассути иҷрои як зумра стратегия ва барномаҳо, ба монанди Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020, Стратегияи ғизо ва фаъолнокии ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024, Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010-2020, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2011-2020, Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016, Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020, Стратегия оид ба дурнамои минбаъдаи пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023 амалӣ гардидааст.

**4.4.1. Ҳолати кунунӣ**

Ба пешрафти низоми тандурустӣ суръати афзоиши рушди иқтисодӣ, таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти кишвар ба вазифаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ, инчунин саҳми самараноки созмонҳои байналмилалии

мададрасон (донорӣ) барои ҳифзи солимии аҳолии кишвар мусоидат намуд.

Дар таъмини рушди низоми пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ самтгирии стратегии тандурустӣ ба модели ҳамгирои кумаки аввалияи тиббию санитарии ба тибби оилавӣ асосёфта, таҷдиди сохтори бахши бемористонӣ, тақвияти назорати давлатӣ ба фаъолияти тиббию фармасевтӣ оғоз шуд.

Кӯшишҳои идомадошта оид ба такмили заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии тандурустӣ барои идомаи ислоҳот замина фароҳам меорад.

Татбиқи тадбирҳо дар соҳаи тандурустӣ дар давраи солҳои 2011-2015 имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои зерин ба даст оварда шавад:

– аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна давомнокии нисбатан зиёд ҳангоми таваллудро дорад, ки он дар муқоиса бо 72,5 сол дар соли 2011ба 73,5 сол баробар шуд, фарқияти дарозумрии мардон ва занон ба ҳисоби миёна дар сатҳи 3,8 сол боқӣ мемонад;

– ҳиссаи хароҷот ба кумаки аввалияи тиббӣ дар хароҷоти умумии соҳаи тандурустӣ аз 27 фоиз то 39 фоиз афзоиш ёфт;

– коҳиши ҳолатҳои аввалин маротиба бо ташхиси муайяншуда ба беморӣ гирифторшавии аҳолӣ аз рӯи чунин гурӯҳҳои бемориҳо, ба монанди гирифторшавӣ ба вируси гепатит - 35,3 фоиз, бемориҳои шадиди меъдаю рӯда - 15,3 фоиз, бемориҳои сироятӣ - тақрибан 13,5 фоиз, ҷоғари эндемикӣ -12,9 фоиз ва ғайра қайд карда мешавад;

– коҳиши сатҳи фавти тифлон (то 1-сола) то 34 ҳолат, фавти кӯдакон бошад (то 5-сола) аз 50 то 43 ҳолат ба 1000 зиндатаваллуд;

– ба коҳиши сатҳи фавти модарон нигоҳ накарда, ҳоло ҳам он дар сатҳи нисбатан баланд боқӣ мемонад (тақрибан 32 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд). Сабабҳои бештари фавти модарон ба бемориҳои экстрагениталӣ, оризаҳои ҳомиладорӣ, таваллуд ва давраи баъди таваллуд алоқаманд мебошанд;

– ғизо ба саломатии модару кӯдак таъсири муҳим мерасонад. Нишондиҳандаҳои Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо нишон медиҳад, ки солҳои охир як қадар беҳбудӣ дар сатҳи истеъмоли ғизо мушоҳида мегардад. Дар айни замон, дар кишвар барои беҳтар шудани таркиби ғизо, хусусан дар қисмати бартарафсозии норасоии микроэлементҳои зарурӣ: йод, оҳан, витамини А корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст;

– мутобиқи кӯшишҳои глобалӣ оид ба мубориза бо ВНМО/БПНМ дар кишвар ҷиҳати назорати паҳншавӣ, пешгирӣ ва табобати бемории мазкур фаъолона тадбирҳои андешида мешаванд. Аз соли 2000 шумораи ҳолатҳои ба қайд гирифташудаи гирифторӣ бо ВНМО ба таври устувор афзоиш меёфт, аз ҷумла аз 989 дар соли 2011 то 1008 дар соли 2014. Айни ҳол гирифторӣ бо ВНМО дар марҳилаи тамаркуз қарор дошта, дар байни гурӯҳҳои асосии хатари баланддошта, аз ҷумла расонандагони хизмати шаҳвонӣ, мардони бо мардон алоқаи ҷинсӣ дошта, шахсони маводи нашъадорро бо тарзи тазриқӣ истифодабаранда, маҳбусон паҳн гардидааст;

– дар соли 2015 сатҳи гирифторӣ ба бемории сил 52 ҳолатро ба 100 ҳазор аҳолӣ ташкил дод, ки ин нисбат ба сатҳи соли 2011 ба 32,4 фоиз пасттар мебошад.

Аммо зарур аст, ки на танҳо дастрасӣ ба ёрии тиббӣ беҳтар карда шавад, балки сифати он беҳтар карда шуда, ба низоми пешгирии бемориҳо тақвият бахшида шуда ва раванди ташхис ва табобат низ беҳтар карда шавад.

Зимнан, натиҷабахшии амалҳо аз ҳамкориҳои байниидоравӣ низ вобаста мебошад, бинобар ин зарурати ворид намудани маҷмӯии муносибатҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо дар ташаккули солимӣ хеле баланд мебошад.

Дар баробари ин, тандурустӣ ҳамчун соҳаи муҳимтарини иҷтимоӣ, ки барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагии аҳолӣ масъул мебошад, ба як қатор мушкилоти ҷиддии марбут ба дастрасии хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ рӯ ба рӯ мебошад.

**4.4.2. Мушкилоти асосӣ**

- ***маблаггузории давлатӣ барои нигоҳдории сатҳи баланди кафолатҳои давлатӣ нокифоя мебошад, ҳиссаи маблаггузориҳои хусусӣ назаррас аст.*** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз 65% хароҷоти умумии тандурустиро пардохтҳои мустақими шаҳрвандон ташкил медиҳад, ки ин монеаи асосии таъмини фарогирии беҳтари аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббӣ мебошад.

- ***зарурати беҳтар намудани сифати неруи кадрии соҳа, таъсис додани низоми самараноки таҳсилоти тиббӣ, бо дарназардошти ҳавасмандгардонии кормандон барои кор.*** Сатҳи пасти музди меҳнати табибон яке аз омилҳои манфии боздорандаи на танҳо кормандони соҳаи тандурустӣ, балки дар маҷмӯъ боздорандаи раванди ислоҳоти дар маҷмӯъ соҳаи тандурустӣ мебошад. Андозаи музди меҳнат дар соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дар давоми панҷ соли охир нисбат ба сатҳи миёнаи иқтисодиёт дар сатҳи 80 фоиз қарор дошт. Дар айни замон сифати тайёр намудани мутахассисони ҷавон начандон ба талаботи муосир мутобиқ аст. Таҷрибаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти такмили ихтисоси ҳайати кормандони тиббӣ маҳдуд мебошад.

- ***нобаробарӣ дар соҳаи тандурустӣ танҳо ба нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ вобаста нест, зеро он аз ҷумла ба сатҳи даромад, таҳсилот ва маҳалли истиқомат алоқаманд мебошад (деҳа/шаҳр).*** Дар сурати мавҷуд будани сатҳи баланди нобаробарӣ аз рӯи даромад (коэффитсиэнти Ҷиннӣ 30,8-ро ташкил дод), воқеан фарқияти назаррас дар мақоми иҷтимоию иқтисодии беморон ба миён меояд. Ноҳияҳо, деҳот ва минтақаҳои дурдаст норасогии кормандони тиббиро эҳсос менамоянд, ҳол он, ки дар шаҳрҳо сатҳи таъминот бо кадрҳо хеле баландтар аст.

- ***низоми тандурустӣ ҳоло ҳам ба таври кифоя ба пешгирии бемориҳо нигаронида нашудааст.*** Рушд наёфтани самти пешгирии бемориҳо ва раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим ба сатҳи баланди бемориҳои дилу рагҳо, фавт аз бемориҳои дилу рагҳо алоқаманд мебошад.

**4.4.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Таъмини солимӣ дар ҳошияи сифати зиндагӣ тавассути татбиқи афзалиятҳои зерин:

– қатъиян баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва иқтидори низоми тандурустӣ;

– ҷорӣ намудани моделҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим.

**4.4.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар самти қатъиян баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва иқтидори низоми тандурустӣ**

*1. Таҷдиди амалияи идоракунии низоми тандурустӣ тавассути:*

– бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, таҳия, қабул ва ҷорӣ намудани механизми нави арзёбии натиҷаи фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, мутахассисон ва маблағгузории онҳо дар асоси натиҷаҳои арзёбии мазкур;

– таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла нисбат ба танзими фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, ташаккули стандартҳои давлатии хизматрасонии тиббӣ, суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;

– такмил додани механизми молиявии таъмини рушди тандурустӣ ва низоми пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ. Дарояндаи миёнамуҳлат тағйироти асосӣ бо мукаммалгардонии интихоби кафолатноки заминавии маҷмӯи хизматрасониҳои ройгони тиббӣ алоқаманд мебошанд;

– такмил додани асосҳои институтсионалии суғуртаи тиббӣ, бозори хизматрасониҳои суғуртавии тиббӣ;

– рушди низоми аккредитатсия (аз ҷумла байналмилалӣ) ва иҷозатномадиҳии ташкилоту муассисаҳои тандурустӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии тиббӣ;

– мушахас намудани Ҳадафҳо ва миқёси нишондиҳандаҳои Рушди устувор барои низоми миллии тандурустӣ, ташкил намудани мониторинги пешрафт дар самти мазкур:

– ташаккул ва татбиқи барномаҳои мақсадноки миёнамуҳлат – Таҳқиқи (Скрининги) модару кӯдак, Насли солим, Ҳифзи модар ва кӯдак;

– ворид намудани аудити клиникӣ ҳамчун тадбири таъмини сифат, бо дарназардошти сертификаткунонӣ ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои тандурустӣ;

– таҳия ва тасдиқи низоми стандартҳои сифат оид ба таҷҳизот ва таъминоти кадрӣ, самтҳои хизматрасонӣ ва механизмҳои назорати сифати хизматрасониҳои тиббӣ;

– рушди низоми пардохти музди меҳнат дар соҳаи тандурустӣ дар самти ба ҳам алоқаманд намудани низоми аттестатсия, мониторинги сифати хизматрасонӣ ва пардохти музди меҳнат;

– дастгирии фаъолнокии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиб.

*2. Дастгирии рушди муассисаҳои тиббии ғайридавлатӣ бо роҳи:*

– рушди механизмҳои институтсионалии татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ дар соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла дар самти иҷрои сохтмон, барқарорсозӣ, тавсеаи инфрасохтори соҳа;

– ташкил намудани низоми дастгирии махсусгардонии муассисаҳои калони тиббӣ, аз ҷумла тавассути ифтитоҳи муассисаҳои тиббии махсусгардонидашудаи хориҷӣ.

*3. Таъмини рушди низоми таҳсилоти тиббӣ, аз ҷумла таҳстлоти фармасевтӣ ва илми тиб бо роҳи:*

– рушди низоми ташаккули стандартҳо, барномаҳои таълимии тиббӣ ва мониторинги арзёбии низоми омодасозӣ, аттестатсия, такмили ихтисоси кормандони тиб;

– ташкил намудани асосҳои институтсионалӣ барои фаъолияти устувори низоми муттасили таҳсилоти тиббӣ;

– ташаккули марказҳои махсусгардонидашуда оид ба арзёбии тиббӣ-иқтисодии технологияҳои нави тиббӣ дар баробари дастгирии самтҳои афзалиятноки тадқиқотҳои тиббӣ ва коркарди меъёрии ҳуқуқии низоми ҳимояи беморон ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои тиббӣ.

**Дар соҳаи ҷорӣ намудани моделҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим**

4. *Ташаккул ва татбиқи низоми пешбурди чорабиниҳои профилактикӣ тавассути:*

– таъмини афзалиятнокии самти профилактикӣ дар бахши ҳифзи саломатӣ ва рушди кумаки аввалияи тиббию санитарии ба усулҳои тибби оилавӣ асосёфта;

– маъмулгардонии тарзи ҳаёти солим, мубориза бо омилҳои хатарноки бемориҳои ғайрисироятӣ тавассути ташкили барномаҳо ва рекламаи иҷтимоӣ;

– ворид намудани барномаҳои таълимӣ оид ба тарзи ҳаёти солим ва мубориза бо омилҳои хатарноки бемориҳои ғайрисироятӣ ба барномаҳои тарбиявӣ ва таълимии муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок оид ба рушди варзиши оммавӣ, аз ҷумла варзиши кӯдакона.

**Вазифаҳо ва самтҳои фаъолият барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ дар сатҳҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ:**

**Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС)**

*1. Таҳкими кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар давраи то соли 2020 тавассути:*

– таъмини сохтмон, таъмир ва азнавсозӣ, барқарорсозии биноҳо ва иншоотҳо, бо дарназардошти дастрасии воқеӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи самаранокии энергетикӣ, тобоварӣ ба зилзила ва бехатарии онҳо аз офатҳои табиӣ, махсусан дар деҳот. Бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои тандурустии деҳот, таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти муосири озмоишгоҳӣ ва ташхисӣ. Дар баробари ин, бастаи заминавии хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи мазкур талаботи минималӣ ба кумаки тиббӣ дар амбулаторияҳо, аз ҷумла бо доруворӣ таъмин намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро таъмин менамояд;

– таҷдиди назар намудани низоми мавҷудаи банақшагирӣ ва маблағгузории фаъолияти муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ;

– ташкил намудани маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар асоси низоми маблағгузории сарикасӣ ва индикаторҳои натиҷабахшии фаъолият;

– ворид ва васеъ намудани низоми пардохт барои табобат дар хона ва дар муассисаҳои бистарикунонии якрӯза, дар муассисаҳои госпиталӣ – барои ҳар як ҳолати табобат;

– васеъ намудани низоми курсҳои кутоҳмуддати такмили ихтисос (ҳар сол на кам аз 20 фоиз табибони амалияи умумӣ ва кормандони миёнаи тиббӣ);

– ҳамгироии хизматрасонии тиббӣ оид ба расонидани кумак ба занони ҳомиладор ва кӯдакони гирифтори ВНМО дар КАТС;

– васеъ намудани истифодаи технологияҳои муосири иттилотию коммуникатсионӣ дар ҳисоботдиҳӣ ва омори тиббӣ;

– таҳкими низоми мониторинг ва арзёбии ҳолати солимии аҳолӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ.

**Кумаки махсусгардонидашудаи тиббӣ**

*2. Рушди кумаки махсусгардонидашудаи тиббӣ тавассути:*

– таъмини дастрасии минтақавӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, бо дарназардошти намуди фаъолияти муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

– афзоиши таъминнокӣ бо таҷҳизоти муосир ва баланд намудани сатҳи тахассуси мутахасисони низоми минтақавии (вилоятии) кумаки тиббии махсусгардонидашуда;

– таҳкими неруи мутахассисон дар соҳаи ҷароҳии дил, бемориҳои эндокринология, акушерию гинекологӣ, бемориҳои кӯдакона, касалиҳои пӯст, терапия ва офиятбахшии тиббӣ, касалиҳои пӯст ва зӯҳравӣ, касалии сил ва бемориҳои шуш.

**Солимии кӯдакон**

*3. Таҳкими солимии кӯдакон ва коҳиши фавти навзодон ва тифлон тавассути:*

– такмили минбаъдаи низоми кумаки муттасили тиббӣ дар сатҳи хадамоти бистарикунонӣ бо мақсади таҳкими хизматрасониҳо оид ба эҳёи неонаталӣ ва расонидани кумаки тахассусии тиббӣ ба кӯдакони навзод;

– тақвияти ташкили хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббӣ бо мақсади таъмини зинда мондани кӯдакони синни то 5-сола;

– мукаммал намудани ҷадвали иммунизатсия ҷиҳати пешгирии касалиҳои сироятӣ, ки бо эмкунӣ назорат карда мешаванд;

– ташкили амалияи мунтазами такмили ихтисоси кормандон дар асоси стандартҳои таҳия ва таҷдиди назаршуда оид ба табобат ва ташхис, рушди малакаи истифодаи онҳо.

**Солимии репродуктивӣ ва солимии модарон**

*4. Коҳиши сатҳи фавти модарон тавассути:*

– пешгирии ҳомиладории ноҳоҳам ва исқоти ҳамл;

– расонидани кумаки фаврии момодоягӣ, пешгирии бемориҳои геникталӣ ва экстрагениталӣ, сироятҳои бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда, бо дарназардошти пешгирии ВНМО дар байни занони ҳомиладор;

– банақшагирии оила, беҳтар намудани сифати нигоҳубини антенаталӣ ва ёрии интранаталӣ;

– бунёди марказҳои перинаталӣ дар сатҳи вилоятҳо;

– такмили ихтисоси кормандони тиббӣ мутобиқи самти ислоҳоти низоми тандурустӣ.

***Ғизо***

*5. Беҳтар намудани дастрасӣ ба ғизои комил тавассути:*

– фаъолсозии ташвиқоти аҳамияти синамаконии тифлон;

– тибқи қонунгузорӣ муқаррар намудани зарурати йоднок намудани намаки истеҳсолшаванда ва воридотӣ, ворид намудани элементҳои иловагии дар таркибаш оҳан дошта ва витамини А ба бастаи хизматрасониҳои асосӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

– ҷорӣ намудани «Консепсияи ғизо барои мактаббачагон» ва «Стратегияи амалиёт оид ба беҳтар кардани сифати ғизо (SUN)»;

– татбиқи Стратегияи ғизо ва фаъолнокии ҷисмонӣ, аз ҷумла чораҳо оид ба пешгирии норасогии ғизо, мониторинги сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, дастрасии иттилоотии низоми ғизои дуруст.

**Пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои сироятӣ**

*6. Ташкили мубориза бо бемориҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, ба монанди ВНМО/БПНМ, сил ва гепатити вирусӣ тавассути:*

– таъмини маҷмӯи тадбирҳои пешгирикунанда ба гурӯҳҳои сатҳи хатари баланддошта равонашуда; тадбирҳои таъмини дастрасӣ ба ёрии тиббӣ; ташкил намудани шароити дастгирикунанда;

– бо флюорография фаро гирифтани на камтар аз 90 фоизи аҳолӣ ва тавсеаи воридоти дорувории самарабахш, таҷҳизоти беҳтарин ва таъмини муассисаҳо бо кормандони махсус барои табобати бемории сил тайёркардашуда;

– беҳтар намудани ташхис, такмили ихтисоси духтурони барои табобати гепатити вирусӣ машғулбуда, пурзӯр кардани амалиётҳои тиббӣ бо мақсади пешгирии сироятёбӣ, паҳн намудани барнома/чорабиниҳо оид ба баланд намудани огоҳёбии аҳолӣ дар бораи пешгирӣ намудани гепатити вирусӣ, махсусан гепатити вирусии B, C, ва D;

– тақвияти мубориза бо ВНМО/БПНМ тавассути таъмини такмили ихтисоси кормандони дахлдори тиббӣ, дастрасии бештари ихтиёрии аз тестгузаронӣ ва минбаъд расонидани кумаки машваратӣ, фарогирӣ бо терапияи антиретровирусӣ. Дар баробари ин барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ низоми дастгирии иҷтимоӣ ҷорӣ мегардад.

**Хизматрасониҳои байторию санитарӣ ва фитосанитарӣ**

*7. Коҳиши хатар барои саломатии инсон, ки ба мавҷудияти моддаҳо ва организмҳои зараровар дар хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва ғизо пайваст мебошад, бо роҳи:*

– ташкил намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳифзи саломатӣ ва таъсис додани инфрасохтори дахлдор (ташхисгоҳҳо) оид ба назорати байторию санитарӣ ва фитосанитарӣ.

**Тавсеаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ**

*8. Таъмини афзоиши маблаггузории соҳа ва таъмини самаранокии истифодабарии маблагҳо аз ҳисоби:*

– воситаҳои аз буҷет барои тандурустӣ ҷудошаванда, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ҷалби воситаҳои ташкилотҳои мададрасон (донорҳо);

– рушди таҷрибаи маблағгузории сарикасии кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин тавсеаи ҳавасмандгардонӣ барои пешбурди тарзи ҳаёти солим ба низоми пардохти таъминкунандагони хизматрасониҳо;

– таъмин намудани мутобиқати меъёрҳои таъминоти муассисаҳои тиббӣ, махсусан муассисаҳои ёрии таъҷилӣ, бо воситаҳои нақлиёт бештар аз ҳисоби ҷалб намудани захираҳои мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо;

– мукамалгардонии низоми маблағгузорӣ ва хариди доруворӣ, аз ҷумла доруворӣ барои беморони амбулаторӣ;

– ҷорӣ намудани низоми мониторинги ҷараёнҳои молиявӣ ба соҳаи тандурустӣ;

– ташаккул ва таъмини ҳуқуқи беморон тавассути таҳияи маҷмӯи қоидаҳои фаҳмо ва шаффоф дар бобати он, ки кадом хизматрасониҳо ройгон мебошанд ва нархномаи ягона барои хизматрасониҳои пулакии тиббӣ чи гуна фаъолият менамояд.

**4.4.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– масъалаҳои мутобиқ будани хизматрасониҳои тиббии пулакӣ ва ройгон дар муассисаҳои тиббӣ қонунан ва қоидавӣ кор карда баромада шуданд, ки дар натиҷа ҳифзи беҳтари ҳуқуқи муштариён таъмин карда шуд;

– нишондоди норасоии ғизо дар байни кӯдакони то синни 5-сола паст шуд;

– дастрасӣ ба хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ, аз ҷумла барои камбизоатон ва аҳолии деҳот беҳтар карда шуд;

– стандартҳои тасдиқшудаи намудҳои асосии хизматрасониҳои тиббӣ, ки дар асоси тибби эътимодбахш таҳия гардиданд, истифода шуданд;

– беморӣ ва фавт аз ҳисоби касалиҳои дилу раг, сироятӣ ва паразитарӣ, аз ҷумла дар байни табақаи аҳолии камбизоат ва аҳолии деҳот кам карда шуд;

– низоми тайёр намудани мутахассисони тиб беҳтар карда шуда сатҳи тайёр намудани мутахассисони касбии соҳа баланд бардошта шуд;

– давомнокии умри солими интизоришаванда, аз ҷумла дар деҳот зиёд шуд.

Умуман, ноил шудан ба натиҷаҳои чашмдошт барои ташаккули механизмҳои таъмини рушди давомнокии солимии зиндагии мардум, новобаста аз минтақаи зист, мусоидат менамояд.

**4.5. Ҳифзи иҷтимоӣ**

**4.5.1. Ҳолати кунунӣ**

Ҳиссаи маблағҳои давлатии барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудошаванда 5,5 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Хароҷоти аз ҳама калон дар доираи бахши мазкур пардохти нафақа мебошад, ки дар соли 2015 ҳаҷми он 4,5 фоизи ММД-ро ташкил дод. Ҳиссаҷудокуниҳо барои нигоҳ доштани муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, шахсони маъюб, пиронсолон, осоишгоҳҳо ва табобатгоҳҳо ҷойи дуюмро аз рӯи ҳаҷм дар моддаҳои хароҷот танҳо 0,1 фоизи ММД-ро ташкил медиҳанд. Мутаносибан кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоате, ки кӯдакони мактабхон доранд, маблағи боз ҳам камтарро (0,02 фоиз) ташкил медиҳад. Чунин ҳолат қисман самтгирии низоми ҳифзи иҷтимоиро барои таъминоти нафақавӣ инъикос менамояд.

Дар давраи солҳои 2011-2015 ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзоиш ёфт. Зимнан пардохтҳои нафақавӣ аз 2,8 фоиз то 4,5 фоиз ММД зиёд шуданд. Коэффитсиенти таносуби андозаи миёнаи нафақа нисбат ба музди миёнаи меҳнат (ба ҳисоби миёна дар панҷ сол 32 фоиз) ҳоло ҳам на он қадар баланд аст ва ин нишон медиҳад, ки таъмини ҳифзи кофӣ, бо дарназардошти дурнамои афзоиши шумораи аҳолии синну соли нафақавӣ ва маъюбон, хароҷоти боз ҳам бештари молиявиро талаб менамояд. Яъне тадриҷан пир гаштани аҳолӣ (аз ҷумла дар натиҷаи зиёдшавии давомнокии умр) ба маблағгузории низоми таъминоти нафақа дар оянда таъсир расонида, имкониятҳои онро, агар низоми дастгирии рушди пурмаҳсул ва шуғли расмӣ фаъол карда нашавад, дар дастгирии муассир ва устувори пиронсолон маҳдуд менамояд.

То соли 2016 дар ҷараёни ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дастовардҳои зерин ба даст оварда шуд:

– таҳия ва таъмини татбиқи таҷрибавии барномаи нави кумаки суроғавии иҷтимоӣ дар асоси усули таҷдиди назаршуда. Дар соли 2015 ин барнома дар 25 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ гардид ва пурра фаро гирифтани он дар миқёси кишвар дар соли 2018 ба нақша гирифта шудааст;

– таъмин намудани пешравии пайваста дар татбиқи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа. Татбиқи ислоҳот дар ин самт аз 1 январи соли 2013 дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи нафақавӣ ва давлатӣ” бо ҷорӣ намудани принсипҳои суғуртавӣ таъмин карда мешавад;

– таъмин намудани пешравӣ оид ба масъалаҳои риояи ҳуқуқи шахсони маъюб, аз ҷумла дар самти афзоиш додани тавонбахшии маъюбон дар сатҳи маҳал ва ҳаҷми кумакпулиҳо. Дар давраи миёнамуҳлати рушд Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 таҳия, қабул ва татбиқ мешавад.

**4.5.2. Мушкилоти асосӣ**

Ба дастовардҳои ноилшуда нигоҳ накарда, дар бахш баъзе мушкилот боқӣ мемонад:

– ***ҳаҷми маблағҳое, ки тавассути барномаҳои кумаки иҷтимоӣ равона мешаванд, на он қадар ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ таъсир мерасонанд;*** Тибқи маълумоти Бонки Умумиҷаҳонӣ тақрибан 460000 нафар дар ин ё он шакл кумакпулии молиявӣ мегиранд. Сатҳи афзоиши хизматрасонии иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба онҳо умуман дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошта, аҳолиро нобаробар фаро гирифтааст. Сатҳи аз ҳама пасти таъминот бо чунин хизматрасониҳо дар ноҳияҳои деҳот ба назар мерасад. Дар мамлакат самтҳои мазкур: муайян намудани талабот, хизматрасониҳои расонидани иттилоот ба аҳолӣ, хизматрасониҳои

дастгирии оила ва механизмҳои дахлдори ҳамоҳангсозӣ (ба назди мутахассис равон кардан) дар сатҳи иттиҳодҳо ҳоло ҳам хуб рушд наёфтааст.

– ***инкишоф наёфтани заминаи институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ;*** Ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ пурра амалӣ карда нашуд. Дар вақте, ки барои ислоҳоти маъмурӣ вақти лозима то соли 2015 ҷудо шуда буд, барномаи нави кумаки суроғавии иҷтимоӣ танҳо 25 шаҳру ноҳияро фаро гирифт.

– ***фарогирии нобаробари низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ.*** Хизматрасониҳои иҷтимои нисбатан инкишофёфта барои аҳолии калонсол, маъюбон ва кӯдакони бесаробон монда ҳоло ҳам дар ҳамаи ноҳияҳо ба таври мураттаб пешниҳод намегарданд ва дар фарогирии ҷуғрофии аҳолӣ бо ин хизматрасониҳо камбудиҳо ба назар мерасанд. Ҳоло ҳам бо хизматрсониҳо фаро гирифтани нашъамандоне, ки ба воситаи сӯзандору моводи нашъадор истеъмол мекунанд, шахсони мубтало ВНМО/БПНМ ва қурбониёни зӯроварӣ дар хона паст мебошад. Ҳамзамон шахсоне, ки аз парасторӣ берун мондаанд ва шахсони бехона камтар ба хизматрсониҳо фаро гирифта мешаванд.

**4.5.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Низоми ҳифзи иҷтимоӣ барои рушди сармояи инсонӣ тавассути татбиқи афзалиятҳои зерин шароит фароҳам меорад:

– таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар сатҳи маҳал;

– таъмини устувории дарозмуҳлати низоми нафақа;

– тақвияти самти ҳавасмандкунандаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ.

**4.5.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалиёт барои афзалиятҳо**

**Дар соҳаи таҷдиди институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ**

*1. Ташаккул ва инкишофи механизмҳои тақвияти суроғавӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути:*

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба инкишофи заминаи ҳуқуқӣ ва танзимкунанда дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ;

– таъсиси низоми ҳамкорӣ оид ба беҳтар намудани воситаю механизмҳои мониторинги камбизоатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ;

– мушаххас намудани ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувор барои низоми миллии ҳифзи иҷтимоӣ, ташкили мониторинги пешравӣ дар ин самт;

– инкишофи усулҳои алтернативии пешниҳоди хизматрасониҳо ба табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир тавассути таъсис додани низоми сершохаи хизматрасониҳои сифатнок дар доираи воҳидҳои марзию маъмурӣ;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди заминаи иттилоотии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар соҳаи таъминоти нафақа ва фаро гирифтани шахсони маъюб;

– ташаккули низоми дараҷаи ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоӣ, бо дарназардошти инкишофи муколамаи иҷтимоӣ;

– таъмини меъёрҳои минималии стандартҳои иҷтимоӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла дар самти хизматрасонии манзилию коммуналӣ;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди низоми тайёр намудани кадрҳо, ҷалб ва ба кор дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ вобаста кардани мутахассисон;

– фароҳам овардани заминаи лозимаи ташкилӣ барои пурра ҷорӣ намудани низоми "равзанаи ягона" ё механизми роҳнамоии иҷтимоӣ дар ҷараёни пешниҳоди шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ;

– ҷорӣ намудани низоми устувори шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ дар заминаи марказҳои/шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ.

**Дар бахши таъмини устувории низоми таъминоти нафақа**

*2. Таҷдиди низоми таъминоти нафақа тавассути:*

– таҳия ва дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми нави таъминоти нафақа дар доираи ислоҳоти амалишаванда;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани устувории низоми таъминоти нафақа (ҳавасмандгардонии шуғли расмӣ, ташаккули заминаи институтсионалии низоми пасандозҳои нафақавӣ ва амалиётҳои дахлдори молиявӣ, инчунин ба роҳ мондани амалиётҳои зиддикоррупсионӣ дар низоми мазкур).

**Дар бахши тақвияти самтҳои ҳавасмандкунии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ**

*3. Рушди низоми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони калонсол (пиронсолон) тавассути:*

– мукаммал намудани низоми стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба шаҳрвандони калонсол пешниҳод мегарданд;

– таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии нафақахӯрон, аз он ҷумла таҳия «хатсайри фаъолият» оид ба масъалаҳои пиршавӣ, дастгирии иҷтимоии унвонии нафақахӯрони камтаъмин ва танҳомонда;

– таҳия намудани механизмҳои тағйирпазири шуғли шаҳрвандони калонсол;

– мусоидат ба омӯзонидани пиронсолон, бо дарназардошти таҷдиди назар намудани низоми омӯзиш ва таҳсилоти калонсолон ва низоми муттасили таҳсилот;

– мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва кадрии шабакаи муассисаҳо ва хадамоте, ки ба одамони солхӯрда хизматҳои ҳаётан муҳими иҷтимоиро мерасонанд (марказҳои геронтологӣ, хонаҳои будубоши муваққатӣ, хадамоти иҷтимоии сайёр, беморхонаҳои кумаки тиббию иҷтимоӣ, клубҳо барои аҳолии калонсол);

– таъмини дастрасии васеи калонсолон ба барномаҳои фарҳангӣ, омӯзишӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва шавқовар, инчунин ба технологияҳои иттилоотии муосир.

*4. Рушди низоми ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб тавассути:*

– мукаммал намудани низоми стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба шахсони маъюб пешниҳод карда мешаванд;

– ташкили низоми пешгирӣ намудани афзоиши ҳолатҳои нави маъюбии кӯдакон, инкишофи хизматрасониҳои тиббию генетикӣ ҷиҳати сари вақт ошкор намудани нуқсонҳои модарзодӣ дар инкишоф;

– ташаккули маҷмӯи ҳавасмандиҳо барои корфармоён ҷиҳати бо кор таъмин намудани шахсони маъюб дар бахши расмӣ;

– таҳияи маҷмӯи амалҳо ва талабот оид ба ташаккул додани муҳити бемонеаи зист дар доираи лоиҳаҳои шаҳрсозӣ, рушди нақлиёти ҷамъиятӣ;

– ташкили низоми марказҳои тавонбахшии наздик ба ҷои истиқомат.

*5. Тағйир додани ақидаи қолабӣ нисбат ба одамони маъюб ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо тариқи:*

– андешидани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба шахсони маъюб, тақвият додани дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади аз байн бурдани монеаҳои ҷисмонӣ (инфрасохторӣ) ва ташкилӣ (муносибатҳои иҷтимоӣ), аз ҷумла ақидаҳои қолабӣ ва таассуб;

– паҳн намудани иттилооти умумӣ оид ба маъюбӣ, ҳуқуқи шахсони маъюб, уҳдадориҳои давлат дар ин самт, ҳам дар байни мақомоти ҳокимияти масъул ва ҳам дар байни табақаи васеи аҳолӣ;

– мусоидат ба тағйири афкори ҷомеа дар бораи шахсони маъюб ва пешбурди муносибати эҳтиромона нисбати онҳо.

*6. Рушди низоми ҳифзи иҷтимоии оилаҳои камбизоат, камбағал тавассути:*

– таҳия ва тасдиқи стандартҳои кафолатҳои минималии дастрасӣ ба даромадҳо ва хизматрсониҳои иҷтимоӣ;

– таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба рушди танзими меъёрии ҳуқуқии низоми қарордҳои иҷтимоӣ.

**4.5.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– воситаҳо ва механизми мониторинги камбизоатӣ, муайянсозии камбизоатӣ ва эҳтиёҷмандӣ, аз ҷумла дар сатҳи маҳал самаранок истифода бурда мешаванд;

– "Равзанаи ягонаи" низоми бақайдгирӣ ва пешбурди хизматрсониҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (механизми роҳнамоии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ) ташкил карда шудааст;

– бо дарназардошти имкониятҳои буҷет андозаи нафақа ва кумакпулиҳо зиёд карда, устувории фискалӣ нигоҳ дошта мешавад ва таносуби нафақа/музди меҳнат ба андозаи на камтар аз сатҳи минималӣ (40 фоиз) таъмин мегардад;

– тартиби суроғавии пешниҳоди кумакҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба категорияҳои ҳифзнашудаи шаҳрвандон тақвият дода, дастрасӣ ба онҳо тавсеа меёбад;

– барои таъмини фарогирӣ ва иштироки фаъоли гурӯҳҳои осебпазир дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа муҳити бемонеа ташкил мешавад;

– барои иҷтимоикунонӣ ва ҳамгироии гурӯҳҳои осебпазир (калонсолон, ятимон, хатмкунандагони интернатҳо ва ғайра) ба ҷомеа шароит фароҳам оварда мешавад.

### 4.6. Фарҳанг

Рушди фарҳанг омили муҳими таъмини сифати сазовори ҳаёти аҳолӣ мебошад. Солҳои охир рушди низоми фарҳанг дар асоси санади барномавӣ - "Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015" амалӣ карда мешуд. Дар давраи миёнамуҳлат фаъолият дар доираи амалӣ гардонидани Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, инчунин самтҳои алоҳидаи рушди соҳа, аз ҷумла чорабиниҳои Барномаи ҳифзи мероси таърихию фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020, Барномаи санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019, Барномаи рушди санъати сирк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 идома хоҳад ёфт. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия ва тасдиқ гардидааст, ки дар ҳамбастагӣ бо ҳуҷҷатҳои барномавӣ оид ба рушди низоми маориф, фарҳанг ва экология ба баланд бардоштани маданияти ахлоқии насли ҷавони кишвар мусоидат хоҳад кард.

#### 4.6.1. Ҳолати кунунӣ

Инфрасохтори соҳа, ки таърихан ташаккул ёфта, дар солҳои истиқлолият босуръат инкишоф ёфт, ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди минбаъдаи фарҳанг дар кишвар хидмат менамояд. Дар мамлакат 2396 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 1353 китобхона, 327 қаср ва хонаҳои фарҳанг, 17 театри касбӣ ва 25 театри халқӣ, 430 клуб ва 63 осорхона фаъолият менамояд. Дастгирии мунтазами давлатии соҳа ҳамчунин бо маблағгузории устувор ба андозаи на камтар аз 1,0-1,4 фоиз ММД муайян карда мешавад. Маблағгузории соҳа дар давраи солҳои 2011-2015 2,4 маротиба афзуд. Амалан, ҳама самтҳои мавҷуда, жанр ва мақомҳо инкишофи худро дар фарҳанги классикӣ, халқӣ ва оммавӣ ба даст оварданд.

Дар саҳнаҳои театрии кишвар ҳамасола зиёда аз 40 спектакл гузошта мешавад. Киностудияи "Тоҷикфилм" фаъолияти худро пайваста фаъол месозад. Иқтидори истеҳсолии заминаи киносозӣ ҳоло камтар аз 10 филм дар як сол мебошад. Оид ба тавсеа додани фонди китобхонаҳо, ки бояд захираи асосии зеҳнии миллат гарданд, корҳо идома доранд. Номгӯи электронӣ ташаккул дода мешавад, ки ҳаҷми он ҳоло ба 195,2 ҳазор сабтҳои библиографӣ баробар аст.

Дар доираи тарғиби фарҳанги тоҷик дар хориҷа тавассути чорабиниҳо дар шакли рӯзҳои фарҳангӣ тайи солҳои охир қариб ҳамаи кишварҳои ИДМ, давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Осиё, Шарқи Наздик фаро гирифта шуданд. Инвентаризатсияи фарогири ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ гузаронида шуд, рӯйхати ёдгориҳои таърихию фарҳангии аҳамияти ҷумҳурӣ ва маҳаллидошта тасдиқ гардид. Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ Тоҷикистон конвенсияҳои асосиро дар бахши фарҳанг: Конвенсияи соли 1972 оид ба ҳифзи мероси умумиҷаҳонии фарҳангию табиӣ, Конвенсияи соли 2003 оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, Конвенсияи соли 1954 оид ба муҳофизати арзишҳои фарҳангӣ дар ҳолати низоъҳои ҳарбӣ ба тасвиб расонид.

Умуман, иқтидори соҳа хеле баланд мебошад, вале тамоюли афзоиши хизматрасониҳои фарҳангӣ паст боқӣ мемонад. Дар давраи солҳои 2011-2015 нишондиҳандаи тамошои театрҳо фақат 8 фоиз зиёд шуд, шумораи мутолиакунандагони китобхонаҳо афзоиш намеёбад. Ҷавонон дар сатҳи камтар ба хизматрасониҳои театрӣ, осорхонавӣ ва китобхонавӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, маданияти соҳибкории инноватсионӣ воқеан рушд наёфтааст.

Дурнамои мақсадноки рушди кишвар бештар ба бунёдкорӣ ва рақобатпазирӣ алоқаманд мебошад. Бахши фарҳанг яке аз захираҳои иқтисодиёт, соҳаи ҷолиби сармоягузориҳо барои бизнес ташаббусҳо, инчунин ташаккулёбии фаъоли соҳибкории инноватсионӣ мешавад.

**4.6.2. Мушкилоти асосӣ**

Дар соҳа мушкилоти зерин ҳалношуда боқӣ мемонанд:

– номутобиқат миёни зарурати рушди шабакаи муассисаҳои фарҳангӣ ва имкониятҳои буҷет оид ба нигоҳ доштани онҳо;

– муносибати муттасил барои рушди неруи эҷодии ҷавонон ва кӯдакон пурра истифода намешавад;

– истифодаи неруи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахши фарҳанг заиф аст;

– норасоии кадрҳо барои ба миён омадан ва рушди табақаи "эҷодкор", ки гурӯҳи фаъол ва оммавии иҷтимоӣ мебошад;

– таваҷҷуҳи нокифоя ба рушди фарҳанги ҷавонон, инчунин низоми дастгирии эҷодиёти кӯдакону наврасон ва таҳсилоти бадеию эстетикӣ;

– мавҷуд набудани стратегияи истеҳсоли намудҳои мухталифи маҳсулоти кӯдаконаи фарҳангӣ (аз ҷумла аниматсионӣ), ки барои тарбияи табъ, ахлоқ, ватандӯстӣ, тарбияи завқ ва эҳтиром гузоштан ба фарҳанги ватанӣ ва арзишҳои зиндагӣ равона шудаанд.

**4.6.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии одобу ахлоқ тавассути афзалиятҳои зерин:

– таҷдиди низоми дастгирии давлатии фарҳангу санъат;

– рушди сармояи инсонии ҷавонон, баланд бардоштани неруи эҷодии онҳо ва мусоидат барои шиносо кардани онҳо ба дастовардҳои фарҳангу санъат;

– ташаккул додани маданияти соҳибкории инноватсионӣ.

**4.6.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил шудан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар бахши таҷдиди низоми дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат**

*1. Рушди заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва танзимкунанда тавассути:*

– таҳия намудани маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва танзимкунандаи низоми фарҳанг ва санъат;

– тибқи тартиби муқарраргардида таҳияи Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати фарҳанг;

– тибқи тартиби муқарраргардида таҳия, қабул ва татбиқи барномаҳои вилоятӣ ва минтақавии рушди фарҳанг;

– дастгирии низоми кластерии рушди соҳа тавассути ҳамбастагии мутақобилаи рушди соҳаҳои шабеҳ: адабиёт, нашри китоб, китобдорӣ; санъати тасвирӣ, лоиҳакашӣ ва меъморӣ; санъати театрӣ, ракс, мусиқӣ, сирк; филм, аниматсия ва телевизиони миллӣ;

– таҳияи барномаи мақсадноки миёнамуҳлати рушди индустрияи кинои ҷумҳурӣ;

– таҳияи бизнес-нақшаи соҳавӣ (дар доираи рушди ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ) оид ба таъсис додани марказҳои фарҳангиву фароғатӣ ва мусоидат ба рушди брендҳои фарҳанги миллӣ (брендикунонӣ бо дарназардошти хусусияти анъанаҳои минтақа ва фарҳанги миллӣ);

– ташаккули фармоиши давлатӣ маҳсулоти нашриётӣ, кино ва компютерӣ.

*2. Таъмини ҳифзи мероси фарҳангии ҷумҳурӣ тавассути:*

– иҷрои корҳои таҷдид ва барқарорсозӣ дар объектҳои мероси фарҳангӣ;

– таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба ҳифз, тарғиби мероси моддӣ ва ғайримоддӣ (мусиқиҳои анъанавӣ, санъати тасвирӣ, фолклор, ҳунарҳои миллӣ);

– дастгирии рушди Махзани иттилооти электронӣ оид ба эҷодиёти бадеии халқ;

– таҳия ва мониторинги барномаи мақсаднок оид ба нигоҳдорӣ ва рушди фарҳанги ақалиятҳои миллӣ.

*3. Баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати низоми хизматрасонии фарҳанг ва санъат тавассути:*

– гузаронидани баҳисобгирӣ, шиносномакунонӣ ва азнавташкилдиҳии муассисаҳои фарҳанг ва санъат, таҳияи нақшаҳои ҳудудии ҷойгиршавии онҳо;

– анҷом додани корҳои сохтмонӣ, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

– инкишоф додани низоми омода намудани мутахассисони соҳа (аз ҷумла дар соҳаи театр ва санъати сирк), ҷалб ва вобаста кардани мутахассисон барои кор дар муассисаҳои фарҳанг ва санъат.

**Дар соҳаи таъмини афзоиши неруи инсонии ҷавонон, баланд бардоштани иқтидори эҷодии он ва мусоидат ба шинос кардани он бо дастовардҳои фарҳанг ва санъат:**

*4. Таҷдиди шабакаи амалкунандаи муассисаҳои кор бо ҷавонон тавассути;*

– рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ваколатдор дар соҳаи пешбурди сиёсати ҷавонон мебошанд;

– таъсиси марказҳои захиравии ҷавонон (дар заминаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ) самти иттилоотӣ ва зеҳнию инноватсионӣ;

– ташкил намудани таҷрибаи ҳамасола гузаронидани форуми миллии таҳсилотии ҷавонон (дар давоми моҳҳои июл-август, бо навбат дар марказҳои вилоятӣ).

*5. Рушди фазои иттилоотии ҷавонон тавассути;*

– таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои иттилоотии (телевизион, интернет, кинемотография, аниматсия) ба ташаккули маърифатнокӣ ва иттилоотонии ҷавонон равонагардида;

– андешидани маҷмӯи чораҳо оид ба васеъ гардонидани анвои нашриёти даврӣ барои ҷавонон.

**Дар бахши ташаккули фарҳанги соҳибкории иноватсионӣ**

*6. Рушди низоми тарғиби соҳибкории инноватсионӣ тавассути;*

– дастгирии низоми маърифати ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти илмию техникӣ, инноватсионӣ ва ратсионализаторӣ дар кишвар;

– ташкили маркази миллии дастгирии захиравии соҳибкории инноватсионӣ дар шаҳри Душанбе;

– таҳия ва татбиқи «нақшаи чорабиниҳо» барои ташаккули маркази минтақавии рушди инноватсионӣ дар самти IT- индустрияи шакли кластерӣ.

**4.6.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– заминаи дахлдори ҳуқуқӣ ва танзимкунанда оид ба рушди низоми фарҳанг ва ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар самти баланд бардоштани маданияти рафтор таҳия карда мешавад;

– имкониятҳои нигоҳдорӣ, афзун намудани мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои миллии кишвар рушд ва тавсеа дода мешавад;

– дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ бизнес-нақшаи маҷмӯии соҳавии ташкил намудани марказҳои фароғатӣ ва ташаккули брендҳои фарҳанги миллӣ, нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати дастгирӣ ва пешбурди ҷавонони боистеъдоди деҳот таҳия карда мешавад;

– корҳо дар самти рушди кластерии соҳа ва ташкили минтақаҳои индустрияҳои созанда тақвият мегиранд;

– сатҳи фарҳанги соҳибкории инноватсионӣ баланд мегардад.

### 4.7. Муҳити зист

#### 4.7.1. Ҳолати кунунӣ

Аҳолии Тоҷикистон ҷавон буда, қисми бештари он дар деҳот зиндагӣ менамояд ва хеле босуръат меафзояд. Агар суръати афзоиши миёнаи аҳолӣ, ки дар давоми панҷ соли охир ба назар мерасид, нигоҳ дошта шавад, он гоҳ ба ҳисоби миёна дар як сол 28000 оилаи нав ташкил мегардад, ки илова ба он оилаҳое, ки ҳоло интизори гирифтани замин барои сохтмони хона мебошанд ё дар навбат барои гирифтани манзил расман ба қайд гирифта шудаанд, барои дастрасӣ ба манзили алоҳида талаб пешкаш менамоянд.

Дар давраи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна сохтмони манзили нав 1013 ҳазор $м^2$-ро ташкил дод. Таъминоти миёна бо манзил барои як нафар аз 8,8 то 11 $м^2$ зиёд шуд. 97,5 фоиз фонди манзили ҷумҳурӣ дар моликияти хусусӣ қарор дорад. Дар айни замон ҳоло ҳам гузариш ба идоракунии соҳибмулкон ба охир нарасидааст.

Вале ҳаҷми хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ зиёд гардида, барои беҳтар намудани сифати онҳо кӯшиш ба харҷ дода мешавад, сохторҳои нави хизматрасонӣ, аз ҷумла хусусӣ таъсис дода шудаанд. Фонди давлатии манзил, маҷмӯи меҳмонхонаҳо ва ҳаммому нуктаҳои либосшӯӣ дар соҳаи хизматрасонӣ асосан хусусӣ гардонида шудаанд. Бо мақсади беҳтар намудани таъминоти як қатор шаҳру марказҳои ноҳияҳо бо оби нӯшокӣ ва таҳкими моддию техникии хизматрасонии коммуналӣ, сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст. Сатҳи дастрасии аҳолии ҷумҳурӣ ба оби нӯшокии марказонидашуда ба ҳолати аввали соли 2015 51,7 фоиз, аз ҷумла аҳолии шаҳрҳо 83,8 фоиз ва деҳот 43,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи миёнамуҳлат "Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025" ва "Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020" амалӣ карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, қисми зиёди инфрасохтори об ва газ ба таъмир эҳтиёҷ дорад; бисёре аз хонаводаҳо аз таъминоти номунтазами ин намудҳои хизматрасонии коммуналӣ азият мекашанд. Ин ба ҳама қишрҳои аҳолӣ таъсир мерасонад. Аммо оилаҳои камбизоат пурра намудани норасии хизматрасониҳои коммуналӣ ба воситаи манбаъҳои алтернативӣ имконияти камтар доранд.

Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашаванда, мутаассифона, ислоҳоти соҳаи мазкур ба таъхир афтодааст. Зимнан дар оянда низ мушкилоти манзил яке масъалаҳои асосӣ дар соҳаи иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Дар баробари ин, бо дарназардошти зарурати таъмини суботи раванди рушд ва ҷараёнҳои тағйирёбии иқлим, зарурати беҳтар кардани низоми идоракунии офатҳои табиӣ меафзояд.

#### 4.7.2. Мушкилоти асосӣ

– ***танҳо қисми камшумори оилаҳои дорои даромади хуб воқеан метавонад барои беҳтар намудани шароити манзил аз бозори манзил истифода намояд;*** Сохтмони манзил бо сабаби маҳдуд будани қобилияти харидории аҳолӣ рушд намеёбад. Масъалаи дастрасии манзил то ҳол хеле

ҳассос мебошад. На камтар аз нисфи аҳолӣ (аз ҷумла бо даромади миёна) имконияти харидорӣ намудани манзилро надорад ва на кам се як ҳиссаи аҳолӣ ба манзили иҷтимоӣ ниёз дорад;

– ***бахши коммуналӣ, сарфи назар аз ҳамаи кӯшишҳои ислоҳоти он, ҳанӯз барои сармоягузории бахши хусусӣ ҷолиб нашудааст;*** Соҳа аз буҷет маблағгузорӣ мешавад. Барои ободонӣ ва кабудизоркунии маҳал, нигоҳ доштани тозагию санитария дар шаҳру ноҳияҳо маблағҳо асосан аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд. Байни имкониятҳои маблағгузорӣ ва талаботи соҳа барои нигоҳ доштани инфрасохтори мавҷуда ва гузаронидани корҳои сохтмону таъмир. Сари вақт пардохт нашудани маблағи хизматрасонии коммуналӣ ва оби нӯшокӣ вазъи молиявии соҳаро бадтар месозанд. Ҳаҷми сармоягузориҳои бахши хусусӣ барои инкишофи соҳа хеле кам аст;

– ***фарсудагии инфрасохтори хоҷагии манзилию коммуналӣ;*** Тарифҳои хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва маблағҳои буҷетии ҷудошаванда на танҳо азнавҷиҳозонии техникӣ ва рушди соҳаро таъмин намекунанд, балки барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани иншооти инфрасохтори манзилию коммуналӣ кифоя намебошанд. Дар натиҷаи паст шудани эътимоднокии таъмини гармӣ тақрибан дар 80 фоизи биноҳои шаҳр, ки қаблан ба низоми марказонидашудаи гармидиҳӣ пайваст буданд, восита ва инфрасохтори дохилии гармидиҳии хонаҳо канда шуданд. Аксарияти иншооти обрасонӣ ҳанӯз солҳои 1960-1980 сохта шуда, онҳо 30-50 сол инҷониб дар истифодабарӣ мебошанд. Дар 10-15 соли охир хизматрасонии техникии ин иншоот ба таври зарурӣ гузаронида нашудааст ва дар ҳолати начандон қаноатбахши техникӣ қарор дорад. Ин ҳолат ба низоми канализатсия низ дахл дорад. Бинобар ин дар шабакаҳои хатти обрасонӣ ва канализатсия садамаҳо ба вуҷуд меоянд, ки он боиси на танҳо қатъ ё талафоти об мегардад, балки ба муҳити зист низ таъсири манфӣ расонида, некӯаҳволии санитарии аҳолиро вайрон месозад;

– ***ноустувории молиявии муассисаҳои хизматрасонии коммуналӣ, аз ҷумла аз сабаби ноустувории маблаггузорӣ***. Гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазири аҳолии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дорои имтиёзҳо дар пардохти хизматҳои коммуналӣ доранд, рӯйхатҳои чунин гурӯҳҳои истеъмолкунандагон аз тарафи комиссияи дахлдори маҳаллӣ таҳия ва пешниҳод мегардад. Дар асоси ин рӯйхатҳо аз буҷет ҳаққи пардохти хизматрасониҳо бояд ба ба корхонаҳои хизматрасонии коммуналӣ таъмин шавад, лекин амалан ин иҷро намегардад;

– ***хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ набуда***, ***аз лиҳози истифодаи захираҳо ва энергия ғайрисамаранок мебошанд.*** Кӯҳна будани фонди манзил, нокифоя будани хизматрасонии техникӣ ва набудани изолятсияи зарурӣ боиси талафоти зиёди гармӣ ва сатҳи пасти сифати зист дар аксарияти биноҳо мегардад. Дар асоси натиҷаҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии истифодаи неруи барқ (истеъмоли 30-40 фоиз) барои беҳтар намудани самаранокии энергетикии фонди манзил ва биноҳои ҷамъиятӣ имконияту иқтидорҳо мавҷуданд;

– ***нобаробарӣ дар дастрасӣ ба низоми бехатари таъмини оби тозаи нӯшокӣ, санитария ва беҳдошт, таъмини гармӣ ва неруи барқ дар байни маҳалҳои аҳолинишини шаҳр ва деҳот.*** Фарқияти калон байни шаҳру деҳот дар инфрасохтори иҷтимоӣ ба назар мерасад. Дар шаҳрҳо нисбатан низоми рушдёфтаи хизматрасониҳо ба аҳолӣ бунёд шудааст, ки намудҳои гуногуни хизматрасониҳоро дар соҳаҳои савдо, тиб, хизматрасонии маишӣ, варзиш ва фарҳанг пешниҳод менамояд. Вале дар деҳот бахши иҷтимоӣ ба таври нопурра рушд карда истодааст.

Сатҳи таъминот бо манзил дар деҳот нисбат ба шаҳр пасттар мебошад. Агар дар шаҳрҳо дар аввали соли 2015 он ба ҳисоби миёна 13,9 $м^2$/нафарро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар деҳот танҳо 9,8 $м^2$/нафарро ташкил додааст. Илова бар ин сифати манзил дар шаҳр ва деҳот муқоисанашаванда мебошад. Дар сифати обе, ки аҳолии шаҳр ва деҳот барои мақсадҳои хоҷагӣ ва нӯшокӣ истифода мекунанд, фарқияти назаррас дида мешавад. Сатҳи маданияти истеъмоли об ва истифодаи хизматҳои санитария ҳанӯз дар сатҳи паст қарор дорад;

– ***сатҳи нокифояи мониторинг ваояндабинии хатари офатҳои табиӣ.*** Дар давоми солҳои 2011- 2014 дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллода 3226 адад хонаҳои истиқоматӣ, 875,4 км роҳҳои мошингард, 122,4 км иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ, 185,9 км хатҳои интиқоли қувваи барқ зарар диданд. Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим, хатари офатҳои табиӣ зиёд мегардад. Дар офатҳои табиӣ аз ҳама осебпазир занону кӯдакон мебошанд.

**4.7.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Таъмини муҳити зисти бароҳат тавассути афзалиятҳои зерин таъмин мегардад:

– баланд бардоштани дастрасӣ ба манзил;

– рушди низоми хизматрасонии коммуналӣ;

– баланд бардоштани дастрасӣ ба оби нӯшокӣ, ҳолати санитарӣ;

– пурзӯр намудани ҳавасмадгардонии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ барои ҳифзи муҳити зист ва ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисодиёти сабз»;

– рушди низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда.

**4.7.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар самти баланд бардоштани дастрасӣ ба манзил**

*1. Таъмини рушди бозори қарздиҳии ипотекӣ барои манзил тавассути:*

– таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба ташаккул ва рушди заминаи меъёрии ҳуқуқии бозори қарзҳои ипотекӣ барои манзил, ҳифзи ҳуқуқи қарздиҳандагон ва қарзгирандагон;

– оғози раванди ҷорӣ намудани стандартҳои қарздиҳии ипотекӣ (стандартҳои технологӣ, стандартҳои мубодилаи иттилоот, стандартҳои ҳуҷҷатгузорӣ, стандартҳои тахассусии талаботи иқтисодӣ, стандартҳои арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо);

– андешидани маҷмӯи чораҳо оид ба арзёбӣ ва мониторинги низомномаҳо, дастурамалҳои шаҳрсозӣ (таҷдид ва сохтмони нав,

хизматрасониҳои коммуналии марказонидашуда ва автономӣ, мониторинги меъёрҳои бехатарӣ, самаранокии энергетикӣ, ба зилзила тобовар будан);

– ташкили маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ташаккули низоми андӯхти мақсадноки манзилӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дастрасии қарздиҳии ипотекӣ барои манзил;

– тибқи тартиби муқаррargардида таъсис додани Агентии қарздиҳии ипотекӣ барои манзил;

– татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ дар доираи азхудкунии ҳудудҳои нав ё инкишофи ҳудудҳои ба сохтмон фарогирифташуда;

– таҳия ва татбиқи Кодекси нави манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*2. Таъмини рушди бозори молу мулки ғайриманқул тавассути;*

– такмили низоми бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ва амалиёт бо он;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба сохтмони манзилҳои дастрас мутобиқи эҳтиёҷот ва талаботи аҳолӣ;

– ташаккули махзани ягонаи маълумоти низоми бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва мунтазам омода намудани дурнамоҳо барои иштирокчиёни бозор.

**Дар соҳаи таъмини рушди низоми хизматрасонии коммуналӣ**

*3. Азнавташкилдиҳии марҳила ба марҳилаи низоми мавҷудаи идоракунии хизматрасонии коммуналӣ тавассути:*

– қабули маҷмӯи чораҳо оид ба такмили низоми хизматрасонии манзилию коммуналӣ (рушди раванди ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳо, низоми ҳамкориҳо миёни вазорату идораҳо ва дар дохили низоми идоракунӣ, низоми ҳисоббаробаркуниҳо барои хизматрасонӣ дар асоси шартнома, дастгирии таъсиси муассисаҳои идоракунии хусусӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии сифати хизматрасонӣ, кумаки техникӣ барои гузаронидани мониторинг ва таҳлили маълумот оид ба фаъолияти корхонаҳои коммуналӣ);

– таҳия ва мониторинги барномаи мақсаднок оид ба таъмини истифодаи самараноки неруи барқ, об ва гармӣ дар манзил;

– ташкили низоми таҳлил ва муайян намудани меъёрҳои истеъмол, сатҳи ҳадди ақали хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва гурӯҳҳои афзалиятноки истеъмолкунандаи хизматрасонии коммуналии ҳатмӣ.

*4. Рушди низоми ташаккули тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ ва маблағгузорӣ тавассути:*

– таҳия ва ҷорӣ намудани тартиби шаффоф ва стандартизатсияшудаи муқаррар намудани тарифаҳо;

– таҳия намудани маҷмӯи амалҳо оид ба ҳавасмандгардонии корхонаҳои коммуналӣ барои истифодаи сарфакоронаи захираҳои молиявӣ, табиӣ;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби маблағҳои сармоягузорон ба соҳа.

**Дар бахши баланд бардоштани дастрасӣ ба низоми таъминоти оби нӯшокӣ, санитария ва беҳдошт**

*5. Таҳкими заминаи институтсионалии низоми таъмини оби нӯшокӣ, санитария ва беҳдошт тавассути:*

– вобастакунии меъёрии ҳуқуқии “доираи масъулият»-и институтсионалӣ ва ҳамкориҳо дар раванди идоракунии инфрасохтори таъминоти оби нӯшокӣ, санитария ва беҳдошт;

– гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таҳкими захиравии низоми таъминоти оби нӯшокӣ, санитария тавассути дастгирии равандҳои ташаккули заминаи иттилоотӣ, тарифҳо, омода намудани мутахассисон ва ҷалби сармоягузорӣ;

– таъмини пешрафт дар бахши сохтмон, барқарорсозии низоми таъминоти обрасонӣ, санитария ва беҳдошт, аз ҷумла дар асоси лоиҳавӣ;

– андешидани маҷмӯи чораҳо оид ба дастгирии рушди ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар самти таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария (аз ҷумла дар самти технологияҳои ҷамъоварии оби борон, соф намудани об ва паст намудани дуруштии об, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии об, истифодаи технологияи безараргардонӣ ва истифодаи такрорӣ).

**Дар самти тақвияти ҳавасмандгардонии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ барои ҳифзи муҳити зист ва ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисодиёти сабз»**

*6. Баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ тавассути:*

– таъмини низомнокӣ дар пешбурди таҳсилоти экологӣ, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани стандарти таълимии дахлдор ба низоми расмии таҳсилоти тамоми зинаҳо;

– таъсиси низоми ташаккули фарҳанги нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани муҳити зист (мушкилоти партовҳои сахти маишӣ), аз ҷумла бо истифодаи низоми таҳримҳои муҷозоти ҷаримавӣ;

– тавсеаи амалияи тарғиби фарҳанги ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;

– татбиқи сиёсати тарифӣ дар якҷоягӣ бо автоматикунонии низоми пардохти хизматрасониҳо оид ба истифодаи об, газ ва неруи барқ;

– таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба таҳия ва татбиқи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*7. Таҳия ва таъмини роҳандозии талаботи экологӣ ҳангоми истифодаи нақлиёти шахсӣ, хӯрокворӣ ва безараргардонии партовҳо тавассути:*

– таҳия ва мавриди амал қарор додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои нав оид ба партовҳо ва сертификатсияи экологӣ;

– андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба таҳия ва мониторинги талаботи экологӣ ҳангоми истифодаи нақлиёти шахсӣ, истеҳсол ва воридоти хӯрокворӣ, безараргардонии партовҳо.

*8. Таҳия ва ҷорӣ намудани принсипҳои арзёбии экологии стратегӣ ҳангоми таҳияи барномаю нақшаҳои стратегӣ тавассути:*

– инкишофи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии арзёбии стратегии экологӣ;

– таҳияи дастуру стандартҳои мақсадноки техникӣ доир ба ташкили арзёбии стратегии экологӣ;

– таҳияи нақшаҳои консептуалӣ доир ба ташаккули заминао барои рушди иқтисодиёти сабз.

**Дар самти таъмини рушди низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда**

*9. Мукаммалгардонии доираи ташкилию ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда*

– таҳия ва иҷрои «нақшаи амалиёт» оид ба мутобиқгардонии афзалиятҳои Барномаи қолабии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба низоми миллии идоракунии офатҳои табиӣ;

– андешидани маҷмӯи чораҳо дар самти ташаккули низоми миллии мониторинг ва пешгӯии ҳолатҳои фавқулодда;

– тибқи тартиби муқарраргардида таҳияи атлас ва харитасозии хатари офатҳои табиӣ аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ, таъмини дастрасӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравии иттилоотӣ;

– такмили низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

– ташаккули низоми/маҷмӯи амалҳо оид ба таъмини дастгирии паҳн намудани иттилоот оид ба хавфи офатҳо, гузаронидани чорабиниҳои мавзӯӣ дар сатҳи ҷамоатҳои маҳаллӣ;

– такмили маҷмӯи маводи таълимӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ аз рӯи фанни «Асосҳои бехатарии фаъолияти ҳаётӣ» бо дарназардошти хавф ва механизмҳои пешгирии офатҳои табиӣ.

*10. Таҳкими иқтидори муқовимат ба офатҳои табиӣ тавассути:*

– таъмини дастгирӣ ва ба ҳуҷҷатҳои баномавии соҳавӣ дохил намудани муносибатҳо оид ба муқовитмат ба офатҳои табиӣ;

– ба низом даровардани амалҳо оид ба таҳкими иқтидори низоми муқовимат ба офатҳои табиӣ бо инъикоси тартиби ташаккули махзани иттилоот, тайёр намудани кадрҳо, ҷалби сармоягузориҳо.

**4.7.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– дастрасӣ ба хизматрасониҳои манзилию коммуналии устувори аз рӯи арзиш ва сифат қобили қабул мутобиқи талаботи муосири санитарӣ ва экологӣ беҳтар мегардад;

– дастрасии аҳолӣ ба об ва хизматрасониҳои санитарӣ, махсусан дар деҳот беҳтар мегардад;

– сатҳи миёнаи таъминот бо манзил то соли 2020 барои як нафар на камтар аз 13 метри мураббаъро ташкил медиҳад;

– механизмҳои қарзӣ-молиявии сохтмони манзил ва рушди инфрасохтори коммуналӣ ҷорӣ карда мешаванд;

– муҳити рақобат дар соҳаи идоракунии фонди манзил ва иншооти инфрасохтори коммуналӣ ташкил мегардад;

– низоми баланд бардоштани фарҳанг ва масъулияти экологӣ беҳтар мегардад;

– иқтидор оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ ташкил карда мешавад.

### 4.8. Коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ

### 4.8.1. Ҳолати кунунӣ

То соли 2016 суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД аз 7,4 фоиз дар соли 2011 то 6 фоиз дар соли 2015 коҳиш ёфт. Зимнан талафот дар рушди неруи инсонӣ бо сабаби нобаробарӣ беш аз 17 фоизро ташкил медиҳад. Бартарафсозии сабабҳои нобаробарӣ ва табдили монеаҳои сохторӣ ба имкониятҳои нав барои бартараф намудани он шарти калидии таъмини афзоиши фарогир, собит ва устувори иқтисодӣ мебошад.

Ҳамзамон, баробарии гендерӣ ҳам мавзӯи нигаронии муҳим ва ҳам қисми таркибии рушди инсон мебошад. Арзиши нишондиҳандаи натиҷавии асосӣ дар соҳаи баробарии гендерӣ - индекси нобаробарии гендерӣ (ИНГ), ки инъикосгари талафот дар пешрафт дар натиҷаи нобаробарии гендерӣ дар се самт: солимии репродуктивӣ, ҳуқуқу имкониятҳо ва иштирок дар бозори меҳнат мебошад, дар соли 2014 ба 0,357 баробар буд, ки каме баландтар аз нишондиҳандаҳои гурӯҳи кишварҳои рушди миёнаи инсонидошта мебошад. Фарқиятҳои асосӣ дар нишондиҳандаҳои гендерӣ, ки тавсифдиҳандаи индекси рушди гендерӣ (ИРГ) мебошад, ба давомнокии пешбинишудаи умр (умри мардон каме кӯтоҳтар аст) ва даромад ба ҳар сари аҳолӣ (даромади занон камтар аст) вобаста мебошад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои сатҳи саводнокӣ ва фарогирӣ ба таҳсилоти мактабӣ духтарон, махсусан дар деҳот, ақиб мемонанд.

Бо дарназардошти мавҷудияти нобаробарии гендерӣ дар самти осебпазирии бештари занон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо дар ҳалли мушкилоти онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд. Ин ҳам дар қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар Конститутсия ва ҳам дар иштироки фаъоли Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба имзо расонидани Платформаи сиёсии Пекин, ҳамчунин тасдиқи Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, инъикос гардидааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи имкониятҳои баробар, таъмини баробарии гендерии духтарону писарон ҳангоми гирифтани таҳсилот, баланд бардоштани иштироки занон дар раванди қабули қарорҳо таҳия ва қабул гаштаанд. Дар давраи миёнамуҳлати рушд дар кишвар Стратегияи фаъолгардонии нақши занон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 ва Барномаи миллӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2020 амалӣ карда мешаванд.

Кӯдакон низ объекти таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд - хусусиятҳои асосии ҳамаи фаъолиятҳо ва барномаҳои аз ҷониби Ҳукумати кишвар оид ба беҳтар намудани некӯаҳволии кӯдакон қабулгардида, барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор мебошад. Масъалаҳои некӯаҳволии кӯдакон дар барномаҳои давлатии зиёди аз ҷониби Ҳукумати кишвар қабулгардида инъикос гардидаанд. Дар сатҳи вилояту ноҳияҳо комиссияҳо

оид ба ҳуқуқи кӯдак (КҲК) ташкил ёфтаанд, ки дар кори онҳо якчанд тарафҳои манфиатдори маҳаллӣ иштирок менамоянд. КҲК парвандаҳоро оид ба ҳифзи кӯдакон барои баррасӣ қабул менамоянд ва пешбурди минбаъдаи онро ҳамоҳанг менамоянд.

**4.8.2. Мушкилоти асосӣ**

Таҳлили ҳолати кунунӣ нишон медиҳад, ки осебпазирии занон беш аз пеш ба паст будани сатҳи таҳсилоти онҳо, маҳдудияти дастрасии онҳо ба захираҳои иқтисодӣ, нодуруст фаҳмидани тарзи анъанавии ҳаёти оилавӣ ва мавҷудияти стереотипҳо дар шуури ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Зарурати инкишофи низоми ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва ҳамкориҳо дар сатҳи милливу маҳаллӣ дар бахши татбиқи бомуваффақияти тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдакон мавҷуд мебошад. Раванди кам кардани нобаробарии иҷтимоӣ ҳалли чунин мушкилотро пешбинӣ менамояд:

– тамоюлҳои сусти паст намудани нобаробариҳои иқтисодӣ ба афзоиши шиддати иҷтимоӣ мусоидат карда метавонад;

– маҳдуд будани имкониятҳои бапуррагӣ маблағгузорӣ намудани тадбирҳо оид ба татбиқи сиёсати гендерӣ, бахусус дар бахши шуғл;

– сатҳи нокифояи истифодаи муносибатҳои гендерӣ дар сиёсати татбиқшавандаи иқтисодиву иҷтимоӣ, такмил додани идоракунии давлатӣ;

– суст будани низоми таҳлили гендерӣ ва меъёрҳои арзёбии баробарии гендерӣ бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ, ки ба механизми устувори ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили омори гендерӣ такя менамояд;

– ҳаҷми назарраси меҳнати хонагии пардохтнакардашудаи занон, дар натиҷаи иҷориши функсияҳои репродуктивӣ, шуғли паст, рушд наёфтани инфрасохтори иҷтимоӣ, хусусан дар деҳот;

– мавҷудияти стереотипҳои гендерӣ ва патриархалӣ дар шуури оммавӣ ва дар сатҳи қабули қарор;

– осебпазирии калони кӯдакон нисбати таҳдидҳои ноустувории иқтисодиву иҷтимоӣ.

**4.8.3. Афзалиятҳои асосӣ**

Таъмини имкониятҳои баробар ва паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон тавассути пайваста амалӣ намудани афзалиятҳои зерин таъмин карда мешавад:

– таъсис додани низоми таъмини рушди фарогир ва коҳиш додани нобаробарӣ;

– такмили сиёсат оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеӣ; пешгирӣ намудани ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон;

– таъмини некӯавҳолии кӯдакон.

**4.8.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

**Дар бахши рушди низоми таъмини рушди фарогир ва коҳиш додани нобаробарӣ**

1. *Таъсис додани низоми арзёбии рушди фарогир ва коҳиш додани нобаробарӣ тавассути:*

– таҳия ва қабули низомномаҳои методӣ оид ба ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ташаккули барномаҳои маҷмӯии рушд (аз ҷумла барномаҳои рушди сармояи инсонӣ, ҳамгироии байниминтақавӣ);

– омода намудани ҳисоботҳои миллӣ оид ба ташхиси афзоиш ва фарогир будани рушд (як маротиба дар давоми се сол).

**Такмили сиёсат оид ба таъминоти баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ; пешгирии ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон.**

*2. Такмили сиёсат оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ тавассути:*

– амалӣ намудани кафолатҳои давлатӣ оид ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон ва мардон тавассути андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба инкишофи низоми меъёрӣ ва иҷрояи амалисозии сиёсати гендерӣ;

– таҳияи модели мониторинг ва арзёбии мунтазами сиёсат оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ дар асоси инкишофи омори гендерӣ;

– таҳияи механизмҳои институтсионалӣ оид ба ҷорӣ намудани ӯҳдадориҳои милливу байналмилалӣ дар масъалаҳои таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеа додани имкониятҳои занон ба стратегияҳои соҳавӣ;

– фаъолсозии механизмҳои таъмини саводнокии ҳуқуқӣ ва фарогирии иҷтимоии занон, аз ҷумла занони деҳот;

– баланд бардоштани неруи гендерӣ ва ҳассосияти гендерии кормандони ҳамаи шохаҳои ҳокимият;

– таҳия ва татбиқи нақшаи миллии амалҳо дар масъалаҳои пешбурди баробарии гендерӣ;

– таъсис ва таъмин намудани фаъолияти сомонаи Интернетии «gender.stat.tj» бо имконияти рушди механизми мониторинги мунтазами масъалаҳои гендерӣ дар соҳаҳои шуғл, тандурустӣ, маориф, фаъолнокии сиёсӣ ва иҷтимоӣ;

– ҷорӣ намудани механизми буҷеткунонии гендерӣ ба раванди буҷет.

*3. Пешбурди ислоҳот оид ба ноил гардидан ба баробарии гендерӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот тавассути:*

– таҳия ва андешидани маҷмӯи чораҳои ҳавасмандкунӣ оид ба омӯзонидани занон, бахусус занони деҳот аз рӯи ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ, илмҳои табиатшиносӣ, инчунин дигар самтҳои таҳсилоте, ки мутахассисонро барои соҳаҳои коркарди саноатӣ ва соҳаҳои хизматрасонии дорои технологияи баланд омода месозад;

– таҳия ва пешбурди барномаҳо оид ба тайёркунӣ ва бозомӯзии заноне, ки пас аз танаффуси дарозмуддат ба бозори меҳнат бармегарданд;

– ҷорӣ намудани барномаҳои омӯзиши занон ба малакаи сарварӣ ва роҳбарикунӣ.

*4. Пешгирӣ намудани ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон тавассути:*

– рушди заминаи меъёрӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва расонидани кумак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

– таъсиси ниҳодҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва тавсеа додани фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар бахши пешгирии зӯроварӣ ва расонидани кумак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

– тавсеа додани силсилаи амалҳо оид ба таъмини дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ барои занон ва духтароне, ки таҳти зӯроварӣ қарор гирифта шудаанд;

– такмил додани омори гендерӣ ва таъсиси махзани маҷмӯии маълумот оид ба ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ;

– таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба тағйир додани идрок ва шаклҳои рафторе, ки зӯровариро нисбати занон ва духтарон дуруст мешуморанд.

**Дар бахши таъмини некӯаҳволии кӯдакон**

*5. Таҳкими неруи миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон тавассути:*

– таҳия ва татбиқи нақшаи миллии амал баҳри таъмини некӯавҳолии кӯдакони Тоҷикистон;

– тақвияти фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бартараф намудани шаклҳои бадтарини истифодаи меҳнати кӯдакон;

– таҳия ва татбиқи барномаи мақсадноки миёнамуҳлати истеҳсоли молҳои кӯдакона;

– омода намудани гузоришҳои миллӣ дар бахши некӯаҳволии кӯдакон ва бартарии иҷтимоии онҳо (як маротиба дар се сол).

**4.8.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– Саъю талошҳо ва масъулияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди устувори сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ муттаҳид мешавад;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар бораи механизмҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба ташкили имкониятҳои баробар барои занону мардон, аз ҷумла дарҷ намудани принсипи ҳатмӣ будани гузаронидани ташхиси гендерӣ барои санадҳои таҳияшаванда қабул карда мешавад;

– дар ҳамаи вазорату идораҳо гурӯҳҳои гендерӣ фаъолона амал намуда, ворид намудани муносибати гендериро ба сиёсатҳои соҳавӣ таъмин менамоянд;

– ҳамасола ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои амалӣ намудани муқаррароти стратегияҳои миллӣ ва БМР 2016-2020 бо нишон додани дастовардҳо ва монеаҳо дар бахши баробарҳуқуқии занон ва мардон нашр мегарданд;

– институти байниидоравӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва кумак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ таъсис дода шуда, фаъолият мекунад;

– ҳолатҳои зӯроварии ҷисмонӣ, иқтисодӣ, руҳӣ ва шаҳвонӣ нисбати занон ва духтарон на камтар аз 30 фоиз паст мешавад;

– дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти мактабӣ индекси баробарии гендерӣ на камтар аз 0,9 промилро ташкил медиҳад;

– ҳиссаи занони дорои таҳсилоти олӣ дар байни аҳолии машғули кор на камтар  аз 24 фоизро ташкил медиҳад;

– фаъолияти мунтазам оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон таъмин карда мешавад.

## БОБИ 5. РУШДИ МАҶМӮИИ МИНТАҚАҲОИ КИШВАР

### 5.1. Ҳолати кунунӣ

Тамоюлҳои рушди кунунии ҷаҳонӣ дар шароити глобализатсия, инчунин иваз шудани сохти технологӣ, тағйирёбии нақши минтақаҳоро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ инъикос менамоянд. Дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар 20 соли охир тағйироти амиқи марбут ба ивазшавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва механизми фаъолнокии иқтисодиёти минтақаҳо ба амал омад. Гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ тағйироти тамоми механизми рушди минтақаҳоро муайян намуд. Низоми таъминоти молиявии минтақаҳо, сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақаҳо тағйир ёфт, дар минтақаҳо моликияти хусусӣ афзуд, ки он низоми муносибатҳои субъектҳои иқтисодии минтақаҳоро куллан тағйир дода истодааст. Даст кашидан аз иқтисодиёти нақшавӣ дар назди минтақаҳо мушкилоти рушди самаранокро бо ҳалли масъалаҳои асосии таъмини сифати зиндагии аҳолӣ ба миён гузошт. Мустақилияти нисбӣ дар қабули қарорҳо дар сатҳи минтақавӣ нақши мақомоти маъмурии идоракуниро дар истифодаи самараноки заминаи захиравии минтақа баланд бардошт.

Бо вуҷуди ин, равандҳои кунунии глобализатсия, афзоиши рақобат миёни кишварҳо ба пурзӯр шудани номутаносибӣ ва мухолифат дар рушди минтақаҳо мусоидат менамояд. Фарқияти объективии захираҳои инсонӣ, табиӣ ва иқтисодии минтақаҳои кишвар боиси боз ҳам бештар тақвият ёфтани нобаробарии иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ ва инчунин ба миён омадани як қатор мушкилот гардид, ки онҳо муносибатҳои иҷтимоиро дар кишвар душвор намуда, сабаби асосии бад шудани муҳити зисти одамон ва номутаносибии байниминтақавӣ ва ҳудудӣ шудааст.

Таҳлили маълумоти омории солҳои 2010-2015 фарқияти афзоишёбандаи байни минтақаҳоро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, фарқияти миёни ш. Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чунин арзёбӣ мешавад: аз рӯи МММ тақрибан ба 4 маротиба, аз рӯи индекси рушди инсон тақрибан ба 16 фоиз, аз рӯи воридоти андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ тақрибан 8 маротиба.

Сарфи назар аз паст шудани сатҳи камбизоатӣ, ки аз 53 фоиз дар соли 2007  то 31 фоиз дар соли 2015 коҳиш ёфтааст, дар минтақаҳо сифати хизматрасонии маориф ва тандурустӣ паст шуда, сатҳи фавти модару кӯдак баланд боқӣ мемонад, тақрибан 30 фоиз аҳолии кишвар мубталои норасогии музминии ғизо мебошанд.

Ба истиснои пойтахти кишвар ва марказҳои вилоятҳо, дар давоми якчанд моҳ дар як сол қариб дар ҳамаи минтақаҳои кишвар маҳдудияти таъминоти барқ ҷорӣ карда мешавад, ки он ба сатҳи зиндагӣ ва рушди минтақаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар мавсими зимистон таъминоти барқ ба минтақаҳо ба ҳисоби миёна якчанд соат дар як шабонарӯз сурат

мегирад. Барои тайёр намудани хӯрок ва гармӣ аҳолӣ дар ин минтақаҳо асосан аз ангишт, чӯб, пасмондаҳои чорво (таппак) ва ғайраҳоро истифода мебарад. Тавре маълум аст, ҳангоми сӯхтани як килограмм ангишт 2,93 кг гази карбон хориҷ мешавад, ки ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Буридани ҷангал барои ҳезум биогуногуниро паст намуда, таъсири гармиро бинобар коҳиш ёфтани ҳаҷми фотосинтез баланд мекунад.

Дар шароити кунунӣ минтақаҳои Тоҷикистон дорои иқтидор ва имкониятҳои зиёд барои рушд мебошанд, ки мутаассифона бинобар самаранокии пасти идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо ва норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос истифода намешаванд. Минтақаҳои мамлакат, пеш аз ҳама ба сармоягузориҳои ҳаҷман калон ва кадрҳои баландихтисос эҳтиёҷ дорад. Дар давраи миёнамуҳлат дар минтақаҳои Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд оид ба тайёр намудани кадрҳо ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва шароити ҷаззоб барои пешбурди бизнес ба нақша гирифта шудааст. Барои таъмини рушди мутавозини мамлакат тадбирҳо оид ба бунёди низоми шаҳрҳои миёна ва хурд, шаҳракҳои калони аҳолинишин ҳамчун «самтҳои рушди» устувор андешида мешаванд. Ҳамзамон тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтор, инчунин дар минтақаҳо ташаккул додани асосҳои институтсионалии шаҳрикунонӣ тариқи мусоидат барои бунёди шаклҳои гуногуни кластерҳо ва ҳамроҳкунӣ ба шабакаи долонҳои нақлиётӣ андешида мешаванд.

**5.2. Мушкилоти асосӣ**

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мушкилоте мавҷуд мебошад, ки ҳал намудани онҳо муҳим мебошад:

– набудани стратегияи миллии дарозмуддати рушди маҷмӯии минтақаҳои ҷумҳурӣ;

– самаранокии пасти идоракунии маҳаллӣ дар сатҳи минтақаҳо, аз ҷумла худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

– сифати пасти сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақаҳо ва норасоии шадиди кадрҳои соҳибихтисос;

– нобаробарии баланди рушди минтақавӣ, фарқияти афзояндаи байни шаҳр ва деҳот;

– инфрасохтори рушднакардаи истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, махсусан дар деҳот (иншооти ХМК, дастрасӣ ба барқ, хизматрасониҳои нақлиётӣ, соҳаи маориф, тандурустӣ, варзиш ва фароғат);

– мавҷуд будани монеаҳои назаррас дар роҳи рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорон;

– набудани “қутбҳои афзоиш”-и устувори саноатӣ.

**5.3. Афзалиятҳои асосӣ**

– баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

– фароҳам овардани шароити ҷолиб барои со{ибкорb;

– рушди маҷмӯии деҳот;

– ташаккули асосҳои инистутитсионалии шаҳрикунонӣ;

– ташаккули кластерҳои саноатии ҳудудӣ ва ҳудудҳои рушди саноат ҳамчун «қутбҳои афзоиш»-и устувори минтақаҳо.

**5.4. Вазифаҳо ва самтҳои асосии амалҳо барои ноил гардидан ба афзалиятҳои асосӣ**

*1. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии мақомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот тавассути:*

– ба низом даровардани заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади соддагардонӣ, дақиқӣ ва тафсири якхелаи функсияҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ;

– тақвияти неруи кадрии мақомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот тавассути ташкили низоми такмили ихтисос дар самти «иқтисодиёти мунисипалӣ» ва «идоракунии давлатӣ ва мунисипалӣ»;

– ташаккул ва ҷорӣ намудани модели миллии рақобатноки рушди минтақаҳо;

– дар сатҳи минтақаҳо ҷорӣ намудани усулҳои банақшагирии стратегӣ бо дарназардошти принсипҳои «иқтисодиёти сабз».

*2. Фароҳам овардани шароити ҷолиб барои пешбурди со{ибкорӣ тавассути:*

– таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ноҳия ва деҳот оид ба ташкил намудани «долони сабз» барои сармоягузорон;

– ҷорӣ намудани принсипи масъулияти шахсӣ барои натиҷаҳои кор бо сармоягузорон.

*3. Рушди маҷмӯии деҳот тавассути:*

– таҳияи стратегияи дарозмуҳлати рушди маҷмӯии минтақаҳои Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи махсус ба рушди ҳудудҳои деҳот;

– таъсиси коргоҳу корхонаҳои хурду миёна бо дарназардошти захираву имкониятҳои минтақаҳо;

– ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ;

– татбиқи маҷмӯи тадбирҳо оид ба таълим ва бозомӯзии бекорон, махсусан ҷавонон, баланд бардоштани зуд{аракатии ҳудудӣ ва касбии онҳо;

– татбиқи сиёсати самараноки экологӣ дар минтақаҳо дар асоси принсипҳои арзёбии стратегии экологѣ, ки такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологиро фаро мегирад, инчунин паст намудани таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти минтақаҳо.

*4. Ташаккули асосҳои институтсионалии шаҳрикунонӣ (урбанизатсия) бо роҳи:*

– ташаккули асосҳои институтсионалии рушди устувори манотиқи деҳоти кишвар;

– таҳияи барномаи рушди шаҳрҳои хурд, ки рушди босуръати шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳоро барои таъмини мутавозини рушди минтақавӣ дар пасманзари раванди индустриализатсия пешбинӣ менамояд;

– рушди низоми мустақилияти молиявию иқтисодии шаҳрҳои хурд ва шаҳракҳо;

– ҳавасмандгардонии пай дар пай кӯчонидани қисми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатЂ, корпоратсияҳо/корхонаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотии соҳавӣ, ташкилотҳои нақлиётӣ, сайёҳӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шаҳрҳои хурд;

– рушди бозори манзил ва мусоидат ба сохтмони манзил ва амволи ғайриманқули тиҷоратӣ дар минтақаҳо.

**5.5. Натиҷаҳои чашмдошт**

– минтақаҳои Тоҷикистон тадриҷан ба ҳудудҳои дорои шароити барои зиндагии одамон ҷолиб бо муҳити мусоиди экологӣ мубаддал гардида, барои сармоягузорӣ ва со{ибкорЂ ҷолиб мегарданд;

– дар тамоми минтақаҳои кишвар дастрасӣ ба неруи барқи арзон ва босифат аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нави барқистеҳсолкунанда ва ҷорӣ намудани барномаи сарфа ва истифодаи самараноки неру таъмин карда мешавад;

– тамоми минтақаҳои кишвар бо роҳҳои дорои рӯйпуши сахт ба ҳам пайваст мебошанд;

– мақомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифаҳои худро самараноктар иҷро менамоянд, фаъолияти онҳо дар асоси нишондиҳандаҳои модели миллии рақобатноки рушди минтақаҳои кишвар арзёбӣ мегардад;

– Феҳристи функсияҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ таҳия ва тасдиқ гашта, амал мекунад;

– намояндагони мақомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ барои натиҷаҳои кор бо сармоягузорон масъулияти шахсиро бар дӯш дошта, масъалаҳое, ки вақти асосии сармоягузоронро банд мекарданд (иҷозат, мувофиқа, ҷудо намудани замин, қабули қарорҳо оид ба пайвастшавӣ ба инфрасохтор, логистика ва ғайра), фавран ҳал карда мешаванд;

– дар минтақаҳои кишвар коҳиши ҳиссаи иқтисодиёти ưайрирасмӣ, афзоиши сармоягузориҳо, инчунин зиёдшавии шумораи корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ мушоҳида мешавад;

– дар заминаи тадқиқотҳои махсус барои шаҳрикунонӣ (урбанизатсия) аз ҳисоби беҳтар намудани сифати банақшагирии рушди шаҳрҳо, татбиқи сиёсати дурусти замин, таҳкими ҳуқуқ ба моликият, инчунин қатъиян беҳтар шудани ҳолати иншооти инфрасохтори муҳандисию техникии маҳалҳои аҳолинишин асосҳои институтсионалӣ ташаккул дода мешаванд;

– дар минтақаҳои таҷрибавие, ки тибқи натиҷаҳои татқиқотҳои илмӣ муайян шудаанд, кластерҳои махсусгардонидашудаи ҳудудию истеҳсолӣ рушд ёфтанд, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазире, ки дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ талабот дорад, оғоз мегардад;

– тадқиқотҳо оид ба ворид намудани минтақаҳо ба шабакаи долонҳои иқтисодӣ (занҷираи ташаккули арзиши иловашуда) ва нақлиётӣ (табдилдиҳӣ ба кишвари транзитӣ) ба анҷом расонида мешавад;

– дар деҳот ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳаи оғоз гардида, дар он хоҷагиҳои молистеҳсолкунандаи калони кишоварзӣ якҷоя бо хоҷагиҳои деҳқонӣ шаҳрҳоро бо маводи озуқа таъмин намуда, бо хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ки бозорҳои маҳаллиро бо маҳсулоти босифати кишоварзии табиӣ пур мекунанд, ҳамкорӣ менамоянд;

– гузаронидани мониторинги мунтазами натиҷабахшии чорабиниҳои банақшагирифташуда дар доираи татбиқи барномаи миллии инкишофи модели рақобатноки рушди минтақаҳо, арзёбии самарабахшии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла арзёбии мустақил аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандии фаъол оғоз мегардад.

## БОБИ 6. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

### 6.1. Сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи Барнома

Татбиқи афзалиятҳои Барнома аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои рушд таъмин мегардад. Сарчашмаи асосии молиявӣ маблағҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар доираи таҳияи буҷет барои давраи аз соли 2016 то соли 2020 мунтазам тадбиру лоиҳаҳои Барномаро дар доираи афзалиятҳои муайяншуда мушаххас хоҳанд кард.

Сарчашмаи дигари муҳими рушди рушди барномавии кишвар ҳам дастгирии сармоягузории шарикони рушд дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ ва ҳам мусоидати техникӣ аз ҷониби онҳо оид ба масъалаҳои таҳия ва амалӣ намуданиислоҳоти дар матрисаи амалҳо зикргардида мебошад. Ғайр аз ин, сарчашмаи муҳими дигар маблағҳои ташкилотҳои бисёрҷониба хоҳанд буд, ки барои пӯшонидани касри буҷет дар доираи қарзҳои барномавӣ равона карда мешаванд. Ба беҳтар будани вазъ дар мавриди қарзи беруна нигоҳ накарда, ҷалби кумаки беруна тавре амалӣ карда мешавад, ки хатарҳои молиявӣ аз байн бардошта шаванд. Ҳамзамон дар назар аст, ки шарикони рушд маблағгузориҳоро аз ҳисоби маблағҳои грантӣ зиёд мекунанд, ки ин ба ҳадафҳои нави рушди устувор ҷавобгӯ мебошад.

Ғайр аз ин, афзалиятҳои Барнома аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллии минтақаҳо, хусусан нисбат ба чорабиниҳо оид ба рушди минтақаҳо дастгирӣ карда мешаванд.

Дар фарқият аз стратегияҳои миёнамуҳлати қаблӣ дар маблағгузории Барномаи мазкур сармоягузориҳои хусусӣ ҳам дар шакли сармоягузории мустақими хориҷӣ ва ҳам сармоягузориҳои дохилӣ нақши муҳим хоҳанд дошт.

Ҳаҷми пешбинишудаи захираҳо аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории Барнома тақрибан зиёда аз 25 млрд. доллари ШМА, аз он захираҳои бахши хусусӣ 36 фоиз, захираҳои буҷетӣ 54 фоиз ва маблағҳои шарикони рушд 10 фоизро ташкил медиҳад.

Норасоии маблағҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳои мустақими хусусӣ пӯшонида мешавад. Барои ин чорабинии Барнома беҳтар намудани муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷию дохилӣ дар назар дошта шудааст, ки дар навбати худ ба имкониятҳои иловагии буҷет таъсир мерасонад. Ҳамзамон, барои татбиқи тамоми афзалиятҳо, хусусан дар самти рушди устувор маблағҳо аз ин сарчашмаҳо нокифоя мебошанд, бинобар ин Ҳукумат ба дастгирии афзалиятҳои Барнома дар доираи ташаббусҳои нав оид ба Ҳадафҳои рушди устувор умед мебандад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарикони рушд ҷиҳати гузаронидани муколама, ки ба дастгирии афзалиятҳои муқаррашуда равона шудааст, муроҷиат менамояд.

### 6.2. Низоми мониторинг ва арзёбӣ

Низоми мониторинг ва арзёбии (НМваА) БМР 2016-2020 рукни муҳим ва ҷузъи ҷудонашавандаи Низоми мониторинг ва арзёбии СМР-2030 буда, тавре ба роҳ монда мешавад, ки ноил гардидан ба ҳадафҳои БМР 2016-2020, сафарбар намудани захираҳои дохилию хориҷӣ ва хеле самаранок истифодаи онҳоро дар асоси ҷалби ҳамаи шарикони рушд ба татбиқи Барнома таъмин намояд.

НМваА БМР 2016-2020 барои пайгирӣ намудани пешравӣ дар самти ноил гардидан ба ҳадафҳои БМР 2016-2020, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхташуда ва мушкилоти мавҷудаи татбиқи СМР-2030, таҳлили равандҳои рушд дар доираи БМР 2016-2020 ва таҳияи хулосаҳои асоснок оид ба тасҳеҳ намудани сиёсат дар самти татбиқи БМР 2016-2020, ки ба баланд бардоштани самаранокии он равона шудаанд, пешбинӣ гардидааст. НМваА имконият медиҳад, ки алоқаи зич ва бефосилаи мутақобилаи байни қабули қарорҳои сиёсӣ ва натиҷаҳо оид ба татбиқи амалии онҳо, шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти марбут ба ҳадафу вазифаҳои БМР 2016-2020 таъмин карда шавад.

Таъмини раванди НМ ва А-и мустақил, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, ба натиҷа ва афзалиятҳои БМР 2016-2020 нигаронида шудан, истифодаи усулҳои муосири мониторинг ва арзёбӣ, ҷалби Парлумон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти ҳамаи сатҳҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва тамоми шарикони рушд принсипҳои асосии НМ ва А 2016-2020-ро ифода менамоянд.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбии (НМваА) БМР 2016-2020**

Асоси НМ ва А-ро ҳадаф ва афзалиятҳои микдоран муайяншудаи БМР 2016-2020 ташкил медиҳанд. Барои андозагирии пешравиҳои мамлакат дар самти ноил шудан ба ин ҳадафҳо ***низоми индикаторҳо*** истифода бурда мешавад, ки имконияти пайгирии самаранокӣ ва натиҷабахшии тадбирҳои сиёсати дар БМР 2016-2020 пешбинишударо фароҳам меорад. Зернизоми асосии НМваА-ро ***низоми ҷамъоварии маълумот*** оид ба нишондиҳандаҳои индикаторҳои мониторинг ва дигар иттилооти миғдорию сифатӣ ташкил медиҳанд, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро тавсиф менамоянд.

Қисмҳои дигари таркибии НМваА аз инҳо иборат мебошанд:

- *низоми* таҳлили иттилооте, ки ҳангоми мониторинг ҷамъ оварда шуда, барои арзёбии самаранокии тадбирҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар доираи БМР 2016-2020 ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати БМР 2016-2020 пешбинӣ шудааст;

- *низоми* паҳн намудани маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинг ва иҷрои Барнома ва ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо доир ба ин маълумот аз тарафи иштирокчиёни мухталифи раванди татбиқи БМР 2016-2020.

Самаранокии фаъолияти тамоми НМваА бо таъминоти институтсионалӣ ва молиявии раванди мониторинг ва арзёбӣ муайян карда мешавад.

Ҳадафҳои БМР 2016-2020 ҳамзамон ҳадафҳои фосилавии СМР-2030 мебошанд. Мувофиқаи мутақобила, муайянияти миқдорӣ ва алоқамандӣ ба давраҳои Барнома барои мониторинг ва арзёбии самараноки фаъолият оид ба татбиқи БМР 2016-2020 имконият фароҳам меоварад. Ҳадафҳои он Ҳадафҳои рушди устуворро, ки аз ҷониби Тоҷикистон якҷоя бо тамоми ҷомеаи байналмилалӣ қабул гардида, дар асоси талаботи объективӣ, афзалиятҳои асоснок ва мувофиқашуда, инчунин имконият ва зарурати татбиқи онҳо дар мамлакат миллӣ кунонида шудаанд, пурра дар бар мегиранд.

Индикаторҳои НМваА-и мақсадноки БМР 2016-2020 метавонанд тавассути индикаторҳои дутарафа муаррифӣ шаванд (бо индикаторҳои дахлдори дутарафаи МваА СМР-2030, инчунин индикаторҳои НМваА татбиқи амалҳои мушаххас оид ба ҳар чорабинии ба Матритсаи амалҳои БМР 2016-2020 дохил кардашуда). Низоми индикаторҳои мониторинг ҳамаи самтҳои сиёсати Барнома, ҳамаи намудҳои захираҳое, ки дар татбиқи БМР 2016-2020 истифода мешаванд ва ҳамаи натиҷаҳоеро, ки дар ҷараёни татбиқи БМР 2016-2020 ба даст оварда шудаанд, дар бар мегирад.

Дар ҷараёни гузаронидани НМваА чор намуди асосии индикаторҳои мониторинг истифода бурда мешавад: 1) ***индикаторҳои захираҳои сарфшуда***, ки сиёсати ҷалб ва тақсим намудани маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар захираҳои барои иҷрои Барнома истифодашавандаро тавсиф менамояд; 2) ***индикаторҳои боздеҳ***, ки натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти мақомотҳои давлатиро оид ба иҷрои Барнома тавсиф менамоянд; 3) ***индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ***, ки то чӣ андоза фаъолият дар доираи Барнома вазъи иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар тағйир додааст ва аҳолӣ ба хизматрасониҳои асосии давлатӣ дастрасӣ дорад ва аз он қаноатманд мебошад, нишон медиҳанд; 4) ***индикаторҳои таъсир***, ки тағйирёбии некӯавҳолии мардумро нишон дода, бевосита сатҳи ноилшавӣ ба ҳадафҳои БМР 2016-2020-ро тавсиф мекунад.

Мониторинги Барнома дар асосинишондодҳои индикаторҳо дар маҷмӯъ дар кишвар ва ҳам (ҳангоми мавҷудияти имконият ва мувофиқи мақсад будан), дар минтақаҳо, аз рӯи аломатҳои гендерӣ, экологӣ ва ғайра, бо ҷудо намудани гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазири аҳолӣ гузаронида мешавад. Мақомоти соҳавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия метавонанд индикаторҳои иловагиро истифода баранд, ки барои инъикоси хусусияти вазифаҳои рушди дар назди онҳо гузошташуда имконият медиҳанд.

НМваА-и БМР 2016-2020 инчунин натиҷаҳои МваА-и стратегия ва барномаҳои рушди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардидаеро, ки муҳлати татбиқ ва ё ба анҷом расидани онҳо ба давраи солҳои 2016-2020 рост меояд, ба назар гирифта, якҷо бо мақомоти ваколатдори масъули татбиқи ин стратегия ва барномаҳо гузаронида мешавад.

Дар баробари мониторинги мунтазами индикаторҳои асосии Барнома истифода намудани намудҳои гуногуни тадқиқот зарур аст:

- *МваА, ки дар якҷоягӣ бо тарафҳои манфиатдор гузаронида мешавад (масалан, бо истифодаи саволномаҳо/варақаҳои баҳодиҳӣ), маълумоти пурарзишро оид ба татбиқи БМР 2016-2020 дар сатҳи ҷомеаи маҳаллӣ таъмин менамояд*;

- *пайгирии хароҷоти давлатӣ*, ки муқоисаи хароҷоти воқеии давлатӣ бо хароҷоти молиявии тасдиқшудаи Барномаро пешбинӣ менамояд;

- *санҷиши хизматрасониҳои пешниҳодшаванда* нисбати дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои асосии давлатӣ, ба монанди хизматрасониҳои соҳаи маориф, тандурустӣ ва таъминоти оби нӯшокӣ;

- *арзёбии таъсиррасонӣ*, ки барои таҳлили амиқ ва рафти татбиқи барномаҳои асосӣ дар доираи БМР 2016-2020 пешбинӣ шудааст.

Чунин санҷишҳо аз ҷониба мақомотҳои давлатие, ки бо масъалаҳои мониторинг машғуланд, фармоиш дода мешавад ва аз тарафи ташкилотҳои мустақили тадқиқотӣ ва ташкилотҳои ҷамеаи шаҳрвандӣ гузаронида мешавад. Тадбирҳои баланд бардоштани неруи дохилӣ оид ба гузаронидан ва истифодаи маълумотҳое, ки ҳангоми тадқиқотҳо ба даст омаданд андешида мешаванд, аз ҷумла дар сатҳи мақомотҳои давлатӣ ва ҳам дар сатҳи ташкилотҳои мустақили тадқиқотӣ ва ширкатҳои машваратӣ. Натиҷаҳои чунин тадқиқотҳо, ҳангоми гузаронидани арзёбии татбиқи Барнома ба инобат гирифта мешаванд ва ба ҳисоботҳои солонаи тадбиқи барномави дохил карда мешаванд.

Низоми ҷамъоварии маълумот тарзе ба роҳ монда мешавад, ки талаботи алоқамандии пуррагии маълумоте, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарур аст, бо сарфакорӣ дар истифодаи захираҳои давлатие, ки барои гирифтани ин маълумот сарф мегарданд, таъмин гардад. Инчунин ба устувории ҷамъоварии маълумот, ба низоми мониторинг ворид намудани танҳо чунин индикаторҳо ва усулҳои пайгирие, ки барои пешбурди онҳо дар давраи дарозмуддат захираҳои дохилии давлат кифоя хоҳанд буд, диққат дода мешавад.

Нақши марказиро дар низоми ҷамъоварии маълумот Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АОМО) мебозад, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва  пешниҳоди саривақтии ҳаҷми асосии маълумотро аз рӯи ҳамаи индикаторҳо таъмин менамояд. Бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати таҳкими неруи мақомоти омор, аз ҷумла дар минтақаҳо, барои ба даст овардани маълумоти объективӣ, саҳеҳ ва саривақтӣ дар бораи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар чораҳо андешида мешаванд.

Манбаи дигари муҳими маълумот барои  мониторинг (махсусан оид ба индикаторҳои захираҳо ва боздеҳ) вазорату идораҳо мебошанд, ки ба

ҳамаи иштирокчиёни раванди татбиқи Барнома оид ба фаъолияти худ ва вазъият дар соҳаи салоҳияташон маълумот пешкаш менамоянд.

Таҳлили маълумоти дар рафти МваА БМР 2016-2020 ҷамъоваришуда аз тарафи ҳамаи мақомоти марказии иҷроия, ки барои иҷрои БМР 2016-2020 масъул мебошанд, аз рӯи соҳаҳои салоиҳияташон таҳти ҳамоҳангсозии ВРИС ҶТ гузаронида мешавад. Барои гузаронидани таҳлил ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ беш аз пеш мутахассисони ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои мустақили тадқиқотӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ҷалб карда мешаванд.

Натиҷаҳои МваА дар шакли ҳисоботҳои солона оид ба рафти иҷрои БМР 2016-2020 омода карда мешаванд. Ҳисоботҳои мазкур бояд дар муҳлатҳое пешниҳод шаванд, ки истифодаи пурраи иттилооти дар онҳо дарҷгардида ҳангоми ворид намудани тағйироту иловаҳо ба раванди иҷрои Барнома имконпазир гардад.

Паҳн намудани иттилоот оид ба натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ тавассути гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ, нашри васеи ҳисоботи ниҳоӣ, ҳисоботҳои соҳавӣ/минтақавӣ оид ба ҷараёни татбиқи Барнома, ташкили муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, ки иттилооти пурраро роҷеъ ба маълумоти мониторинг ва натиҷаҳои арзёбии БМР 2016-2020, аз ҷумла маълумоти мониторинг, ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гирифта шудаанд, амалӣ карда мешавад. Ба таъмини алоқаи мутақобила бо тамоми ҷонибҳои дахлдор бо мақсади такмил додани сиёсат ва механизмҳои татбиқи Барнома таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Мақоми кории Котиботи СМР дар бахши МваА бо вазифаҳои асосии зерин ба зиммаи ВРИС ҶТ вогузор карда мешавад:

– қонунан муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии БМР 2016-2020;
– равандҳои МваА дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ;
– таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши МваА;
– натиҷаҳои ҳамгироӣ МваА дар миқёси пурраи БМР 2016-2020;
– омода намудани ҳисоботҳои солона оид ба татбиқи БМР 2016-2020;
– омода намудани пешниҳодҳо дар Шӯрои миллии рушд ҷиҳати ворид намудани тағйирот дар матритсаи амалҳо барои солҳои минбаъди иҷрои БМР 2016-2020;
– ҳамоҳанг сохтани амалҳои иштирокчиёни боқимондаи НМваА;
– муколама бо шарикони рушд;
– паҳн намудани иттилоот оид ба ҷараён ва натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ.

Масъулият барои фаъолият оид ба МваА самтҳои соҳавии Барнома ба сохторҳои махсус ваколатдоршуда (шӯъбаҳо/мутахассисон оид ба МваА, шӯъбаҳои таҳлилию иттилоотӣ ё мақомоти/мутахассисиони ваколатдори дигар) дар ҳар яке аз вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти ҳудудии идоракунии давлатӣ вогузор карда мешавад. Ин мақомоти ваколатдор корҳоро дар самти ҷамъоварии иттилоот ҳамоҳанг сохта, натиҷаҳои дар бахшҳои дахлдор ҳамгирошудаи мониторинги

татбиқи Барномаро дар асоси маълумоти идоравӣ ва маълумоти Агентиии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо маълумот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, аз ҷумла Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грант{о, кумаки техникЂ ва сохтмони асосии Хум{урии Тохикистон ва маълумоти тадқиқотҳои мустақил (дар сурати мавҷуд буданашон), ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида шудаанд, манзур менамоянд.

**Парлумон (Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ)** барои гузаронидани МваА БМР 2016-2020 ҷалб карда мешавад. Намояндагони он ба ШМР дохил мешавад.

Нақши мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар низоми МваА (бо фаъолияти ҳамоҳангсози Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар ташкили ҷамъоварии маълумот доир ба иҷрои барномаҳои давлатии дар ҳудуди онҳо амалишаванда, таҳлили рафти иҷрои Барнома дар минтақаҳояшон ва дар асоси ин таҳлилҳо омода намудани пешниҳодҳо вобаста ба такмили механизми иҷрои Барномаҳо ба амал иборат хоҳад буд. Барои ин мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мунтазам муколама ва муҳокимаи натиҷаҳои мониторингро, ки ба минтақаи онҳо марбут аст, бо вазорату идораҳои дахлдор, иттиҳодҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегузаронанд.

Иштироки **ҷомеаи шаҳрвандӣ** дар раванди МваА-и Барнома васеъ ва гуногун хоҳад буд. Намояндагони ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайати ШМР ва гурӯҳҳои кории соҳавӣ ба сифати коршиносон ва намояндагони гурӯҳҳои манфиатдори аҳолӣ шомил мешаванд. Дар раванди мониторинг нақши муҳимро созмонҳои маҳаллӣ хоҳанд бозид**,** ки бояд маълумотро дар хусуси он, ки рафти иҷрои Барнома аҳолӣ чӣ гуна эҳсос мекунад ва кадом мушкилот дар сатҳи маҳаллӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамояд, пешниҳод намоянд.

Низоми ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои татбиқи Барнома ба тариқи зайл ба роҳ монда мешавад:

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисоботи ҷамъбастиро дар бораи фаъолият оид ба татбиқи Барнома дар минтақаҳои худ ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои соҳавиро ба вазоратҳои соҳавии марбута пешниҳод менамоянд;
- мониторинги лоиҳаҳои дар доираи Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грант{о, кумаки техникЂ ва сохтмони асосии Хум{урии Тохикистон татбиқшаванда ҳамзамон дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва вазоратҳои соҳавӣ гузаронида мешавад;
- вазоратҳо/идораҳои соҳавӣ, инчунин Кумитаи рушди ма{али назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми маълумоти дар доираи бахши худ воридшавандаро ҷамъбаст намуда, ҳисоботи ҷамъбастиро ба ВРИС, ки дар он тамоми маълумот оид ба татбиқи БМР 2016-2020 ҷамъ оварда мешавад, пешниҳод менамоянд;

- тартиб ва шакли пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди МваА, ки такрор шудани пешниҳоди маълумотро истисно мекунад, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад.

МваА БМР 2016-2020 ягона буда, мавҷудияти сохторҳои ҷудогонаи мониторинг ва такрор шудани кӯшишҳоро оид ба ҷамъоварии маълумот истисно менамояд. МваА бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди татбиқи Барнома таҳия мегардад. Фаъолият оид ба мониторинги лоиҳаҳое, ки бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ–донорҳо амалӣ мегарданд, ба низоми умумии мониторинг ҳамроҳ мешавад, ки ин самаранокии воситаҳои барои мониторинг истифодашавандаро баланд бардошта, имкон медиҳад, ки низоми МваА кишвар мустаҳкам карда шавад.

Ҷиҳати таҳким бахшидани иқтидори тамоми иштирокчиёни раванди МваА кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад, ки ҳам ҷалби маблағҳои донории иловагӣ барои ин мақсадҳо ва ҳам зиёд намудани ҳаҷми захираҳои давлатии барои эҳтиёҷоти мониторинг равонашавандаро дар бар мегирад. Маблағгузории низоми МваА ба андозаи зарурӣ тавассути буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад. Маблағҳои донорӣ ба сармоягузории неруи инсонӣ ва ташкилии низоми МваА равона карда мешаванд. Кӯшишҳои донорон оид ба инкишофи неруи ҷомеаи шарҳрвандӣ дар бахши мониторинг ва арзёбӣ дастгирӣ карда мешаванд.